Мо дар сиёсати иҷтимоии давлату Ҳукумат рушди бонизоми соҳаи маориф, мақому манзалати омӯзгор ва фароҳам овардани шароити мусоиду беҳтарро барои наврасону ҷавонон яке аз самтҳои афзалиятнок дониста, барои рушди ин соҳаи муҳимми низоми иҷтимоӣ ҳамаи чораҳои заруриро роҳандозӣ карда истодаем.

**Эмомалӣ РАҲМОН**

# МАҶАЛЛАИ ИЛМӢ, МАЪРИФАТӢ ВА ТАЪЛИМИЮ МЕТОДИИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


## ҲАЙАТИ МУШОВАРА:

**Раҳим САИДЗОДА** - вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Абдулло РАҲМОНЗОДА** - ёрдамчии Президенти ҶТ оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа
**Ҷамшед ҶӮРАЗОДА** - муовини якуми вазири маориф ва илм
**Муҳаммадтоир САИДЗОДА** - директори Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Лутфия АБДУЛХОЛИҚЗОДА** - муовини вазири маориф ва илм
**Зиёдулло АБДУЛЗОДА** - муовини вазири маориф ва илм
**Фарҳод РАҲИМӢ** - раиси Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА** - президенти АМИТ
**Зулҳия НОЗАКЗОДА** - раиси Иттифоқи касабаи маориф ва илм
**Баҳром ИСМОИЛЗОДА** - сардори Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе
**Мадина НАБИЗОДА** - сардори раёсати маорифи вилояти Суғд
**Ғазалшоҳ САФАРЗОДА** - сардори раёсати маорифи вилояти Хатлон
**Аминҷон МИРЗОҚАНДОВ** - сардори раёсати маорифи ВМКБ
**Раҳмоналӣ МИРЗОЗОДА** - директори Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди ВМИ ҶТ
**Аҳлиддин ИБОДУЛЛОЗОДА** - ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

## САРМУҲАРРИР
**НАБИЗОДА САИДА ФАЗЛ**

## ҶОНИШИНИ САРМУҲАРРИР
**Дилором ЗАБИРОВА**

## ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:

**Муҳаммад ЛУТФУЛЛОЗОДА** - узви пайвастаи АТТ, доктори илмҳои педагогӣ
**Саидамир АМИНОВ** - узви вобастаи АТТ, номзади илмҳои педагогӣ, муҳаррири бахши методӣ
**Шамсуллоҳ ИСЛОМОВ** - номзади илмҳои педагогӣ
**Абдурауф МУРОДӢ** - муҳаррири бахши филологӣ
**Шодӣ РАҶАБЗОД** - муҳаррири бахши мактабшиносӣ
**Номвар ҚУРБОНОВ** - номзади илми техникӣ, муҳаррири бахши фанҳои табиӣ-риёзӣ
**Санҷар АМРИЕВ** - муҳаррири бахш

## МУҲАРРИРОНИ ТЕХНИКӢ:

Шаҳнозаи МИРЗО
Рамазон НУРОВ
Нурулло ҒАФУРИЁН


# Маорифи Тоҷикистон


**Нишонӣ:** 734024, ш.Душанбе, Айнӣ-126

**Телефон:** +992-37-225-82-23

**E-mail:** majallai-maorif@maorif.tj

**Индекс:** 77500
Маҷаллаи аз 22. 11. 2021 таҳти №221/ МҶ-97 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав номнавис шудааст.

Маҷалла аз соли 1991 нашр мешавад.

Дар ҶДММ «Табъу нашр» ба табъ расид. Андозаи 60x84 1/8. Адади нашр 7050 нусха.

**СУРАТҲИСОБИ МАҶАЛЛА ДХ БДА «АМОНАТБОНК»**

С/Ҳ: 20202972900816101000
Ҳ/К: 20402972316264
БИК: 350101626
РМА: 010009508

**№4**

**№4 (228), 2024**

# МУНДАРИЧА


ШОДБОШӢ

Эмомалӣ РАҲМОН: Наврӯз – шиносномаи таъриху фарҳанги миллӣ........................3

РОҲНАМО

Чанд панд аз Пешвои миллат..........................................................................................5

СОЛИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ

З. АБДУЛЗОДА. Маориф: талабот ва иҷро.......................................................................7

РӮЗИ МОДАРОН

А. МУРОДӢ. Достони бардавоми модарон.......................................................................9

ЗАН ВА ТАЪРИХ

С. ИСО. Пешвои миллат – эҳёгари ҷашни Рӯзи модар...............................................12

МАҚОМ

З. АКОБИРШО, М. САЙДУМАРОВА. Таваҷҷуҳ ба сарчашмаи ҳаёт.........................14

11 МАРТ – РӮЗИ МАТБУОТИ ТОҶИК

Х. ХАЙРАНДЕШ. Журналист................................................................................................16

МАОРИФ ВА МАТБУОТ

А.ЁРМУҲАММАДОВ. Фаъолияти маорифпарваронаи устод Айнӣ............................17

ИСЛОҲОТ

А.НАҶМИДДИНИЁН, Д. ИМОМНАЗАРОВ. Татбиқи баҳогузории 10-хола ва меъёрҳои арзёбӣ..............................................................................................................20

ТАЪЛИМИ ТАФРИҚАВӢ

Б. РОЗИҚОВ. Имконоти рушди истеъдоди хонандагон...............................................26

ИНТИХОБИ КАСБ

М. ҲАБИБЗОДА. Зинати шахс зи илму ҳунар аст........................................................28

РУШДИ ИСТЕЪДОД

Н. ҒАФУРИЁН. Тағйирпазирии барномаи таълимӣ - кафолати беҳтарин.................31

ТАҲСИЛОТИ ТОМАКТАБӢ

Т. ДЕВОНШОЕВА. Бонакшадарории корҳои таълимӣ..................................................33

МИНБАРИ МУТАХАССИС

З. ТОШБОЕВА. Истифодаи роҳҳои рангорангу шавқовар дар дарс..........................39

ТАҲСИЛОТИ КАСБӢ

А.ПАЛАВОНОВ. Проблемаи методикаи таълими фанҳои тахассусӣ........................43

ҲАМБАСТАГӢ

К. НАЗИРОВА. Лаҳзае дар дунёи тарбия.........................................................................48

БИСТСОЛАИ ОМӮЗИШ

ГЕОГРАФИЯ

А. ҶӮРАЕВ. Тамоюлоти рушди иқтисоду иҷтимоъ дар замони ҳозира.......................51

РИЁЗӢ

Б.ШОДИЕВ. Системаи координатаҳои декартӣ ва тасвири фигураҳои ин система...........................................................................................................................55

ҚОНУН ВА ЗАМОН

Тағйирот дар қонун: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф»...............60

# МУРАББИИ БАШАР
## ё фишурдае андар мақоми баланди тоҷик дар тамаддуни башарӣ



Абдуллоҳи РАҲНАМО – сиёсатшинос

**Порае аз китоби «Маниши тоҷикӣ» бо ин таъкид, ки дар ин буҳрони арзишӣ ба ҳувияти устувори худ такя занем ва дар ин айёми камбинӣ худро ҳаргиз кам мабинем. Ва низ бо ин таъкид, ки ин матни таълимию тарбиявӣ ва ин яшти номусиву тамаддуниро бо фарзандони азизи худ фаро гирем. Хоса, дар мулки ҳиҷрат, ки муҳити ҷамъиятии ташаккули фарзанд тоҷикӣ набошад.**

Тоҷик - миллате бузургу бостонӣ, тозаву асилу нуронӣ, аз нажоди поки ориёӣ, бо руҳу хиради ҷовидонӣ.

Тоҷик - мардуме аз табори хурдеши гулгун, аз фарри Коваю Фаридун, аз ҷинси бурҷҳои домани гардун.

Тоҷик - халқе барҷаставу поксиришт, аз хамири ҳалолу аз зулоли об, аз боли симурғу аз чашми уқоб.

Тоҷик - миллате соҳиби шахсияту ҳувияти парварда, хислатҳои вораставу ҳамида, фарҳанги азими зотию ҷибиллӣ ва маниши бузурги миллӣ.

Тоҷик - миллате аз тухмаи озодагон, аз гавҳари тоҷу давлат, аз мақоми шукӯҳу иззат, аз андешаи ватандорию истиқлолу ваҳдат.

***



Бале, номи тоҷик ҳамвора бо вожаҳои баланди фарҳангу тамаддуну ишқу офариниш ҳамрадиф будааст. Ин аст, ки баробари зикри калимаи тоҷик башари огоҳ маҳз як миллати бостонии асилу фарҳангиро пеши назар меорад. Миллати соҳиби тамаддуни азим!

Сабаби чунин шинохти неки ҷаҳонӣ аз тоҷикон дар он аст, ки мардуми тоҷик ба саҳнаи фарҳангу тамаддуни башарӣ бо дасту домани холӣ ворид нашудааст. Балки гузаштагони мо аз саҳмдорон ва бунёдгузорони асосии фарҳангу арзишҳои баланди инсонӣ ва аз муаллифони аслии тамаддуни имрӯзаи башар мебошанд.

Фарзандони бузурги ин миллат бо офаридану густардани таълиму ҳикмату андешаҳои ноб симои имрӯзаи башар ва тамаддуни муосири онро сохтаанд. Хатту паёми ҳастии тоҷикон ҳамеша бар нуру рӯшанӣ, некиву некукорӣ, покиву ахлоқ, ақлу хирад, илму маърифат, дӯстиву ваҳдат ва муҳаббату адолат бунёд ёфта, миллати мо дар кори пирӯзии нур бар зулмат, чирагии хирад бар ҷаҳолат ва инсонмеҳвару зебоипарвару ақлбовар шудани фарҳангу ҷаҳонбинии башар нақши бисёр муҳим доштааст. Ба гунае ки агар дигарон аз худ заҳҳокию аҳриманӣ ба ҷой гузошта бошанд, тоҷикон барои башар ҳикмати ҷовидонаи «гуфтори нек, пиндори нек ва рафтори нек»-ро бахшидаанд. Агар дигарон низомҳои зулму бардагию бардадориро халқ карда бошанд, тоҷикон барои инсоният асли адолат ва фарҳанги озодагиву ҳуқуқи башарро ба армуғон овардаанд. Агар дигарон аз худ даҳшати куштору калламанор бар ҷой гузошта

бошанд, тоҷикон хиради инсонии «чун теғ ба даст орӣ, мардум натавон кушт»-ро матраҳ кардаанд. Агар дигарон асли «тафриқа андозу ҳукумат рон»-ро пеш андохта бошанд, тоҷикон паёми «мо барои васл кардан омадем»-ро садо додаанд. Агар дигарон шиори «инсон гурги инсон аст»-ро офарида бошанд, тоҷикон ҳикмати пайвандгари «бани Одам аъзои як пайкаранд»-ро сурудаанд. Чунонки шайх Саъдии бузургвор фармудааст:

***Бани одам аъзои якдигаранд,***
***Ки дар офариниш зи як гавҳаранд.***
***Чу узве ба дард оварад рӯзгор,***
***Дигар узвҳоро намонад қарор.***

Аз муҳимтарин сифатҳои тоҷикон ҳамин аст, ки онҳо дар таърихи тамаддуни башарӣ ҳамчун миллати инсоншинос, инсонгаро, инсонмеҳвар ва инсонсоз шинохта шудаанд. Ниёгони мо дар шинохти моҳияту рисолати инсон, дарки зарфияту ҷойгоҳи он, таҷаллии маънавию руҳонии башар ба сатҳе расиданд, ки инсонро чун «шамъи базми қудс» ба вуҷуде озодаву вораста ва меҳвари ҷаҳони ҳастӣ табдил намуданд. Чунонки Мирзо Бедил бо ишорат ба тавону зарфияти бекарони инсон, дар канори олами ҳастӣ як чарх ё олами дигар будани ӯро чунин сурудааст:

***Эй шамъи базми қудс, надонам чӣ гавҳарӣ?***
***Худро агар иҳота кунӣ, чархи дигарӣ!***

Ниёгони мо дар парвариши ахлоқи башарӣ, тазкияи нафс, касби рӯзии ҳалол ва сайқали имону тақво ба зинаҳое расиданд, ки ҷойгоҳи инсонро ба мақоми фариштагон наздик оварданд. Ва таъкид доштанд, ки агар инсон хубиву некиву адолату бахшоиш кунад, ӯ низ ба мартабаҳои баланди эҳтиром мерасад:

***Фаридуни фаррух фаришта набуд,***
***Зи мушку зи анбар сиришта набуд.***
***Ба доду деҳиш ёфт ин некуӣ,***
***Ту доду деҳиш кун, Фаридун туӣ.***

То ҷое ки дурӯғ, ҷанг, бадӣ, ҷоҳилӣ, ихтилоф, душманӣ, ранҷондани дил ва мардумозорӣ назди тоҷикон аз бузургтарин гуноҳони башарӣ ба ҳисоб рафта, баръакси он, ростӣ, сулҳ, некӣ, огоҳӣ, дӯстӣ, шод кардани дил ва некукорӣ дар ҳаққи мардум назди тоҷикон аз болотарин фазилатҳои инсонӣ шинохта мешуданд ва мешаванд. То ҷое ки аз камоли тақвою покизагӣ, зиндагии озода, хӯрдани луқмаи ҳалол ва обу ғизои пок ҳатто симои ин миллат чунин зебову нуронӣ гашт. Мардонаш ба қудрату фарру шукӯҳ Рустаму Суҳробу Сиёвушу Хуршедшоҳ ва занонаш ба ҳусну ҷамоли бемисол Рудобаву Рухшонаву Манижаву Фариштамоҳ шуданд. Ҷамоли бемисоле, ки ҳанӯз дар асри 13-ум Шайх Саъдӣ чунин сурудаву сутуда буд:

***Рӯйи тоҷиконаат бинмой, то доғи ҳабаш***
***Осмон бар чеҳраи туркони ягмоӣ кашад!***

Дар масири таъриху тамаддуни дурахшони худ тоҷикон дар рушду ташаккули арзишҳои фикрию маънавӣ ва илмҳои инсонию ҷамъиятӣ ба ҳадде талош намуданд, ки ниме аз башар дар ин самт худро вомдору шогирдони ин миллат мешуморанд. Миллате, ки дар рушди фалсафа, мантиқ, равоншиносӣ, ҷомеашиносӣ, сиёсатшиносӣ, таърихнигорӣ, забоншиносӣ, илми ахлоқ, адабиёт, илоҳиёт, ирфон, тафсир ва илмҳои дигари башарӣ таҳаввули бузург ба вуҷуд оварда, пояҳои ҷаҳонбинии маънавию иҷтимоии башарро устувор намуд. Миллате, ки ҳазорон панднома, ахлоқнома, таърихнома, тӯтинома, синдбоднома, саёҳатнома, шоҳнома, сиёсатнома, марзнома, рӯзнома ва барнома офарид, то маърифати башарӣ шаклу низоми инсонӣ бигирад. Миллате, ки алломаҳои ҳамадонаш чун Абунасри Форобӣ наздики 200 рисола, Абуалии Сино беш аз 450 рисола, Абурайҳони Берунӣ беш аз 150 рисола, Абуҳомиди Ғазолӣ беш аз 200 рисола дар илмҳои гуногун навиштаанд, ки тавони илмию фикрии онҳо то имрӯз мавзуи ҳайрати башар аст. Ҳамин гуна тоҷикон мактабҳои бузурги фикрию маънавию ахлоқӣ ва таълимоти азими сиёсию ҷамъиятиро ташаккул доданд, ки сатҳи ҷаҳонбиниву ҷаҳоншиносии башарро ба куллӣ дигаргун сохт. Дар канори ин, тоҷикон дар тули таърихи худ мактаби қудсии сухан ва адабиётеро офаридаанд, ки дар тамоми тамаддуни башарӣ ҳамтову монанди худро надорад. Ин адабиёти бузург ҳам бо ҳаҷму вусъат, ҳам ба мазмуну ҳикмат ва ҳам ба ҳунару санъат ба авҷи камоли худ расида, аз сӯи ҷаҳониён ҳамчун адабиёти баланди касбию меъёрӣ ё адабиёти классикӣ эътироф шудааст.

Башари огоҳу мутамаддин ҳанӯз ҳам дар ҳайрат аст, ки чӣ гуна Рӯдакии ин миллат дар бомдоди тамаддун беш аз як миллион байти осмонӣ сурудааст ва Фирдавсии ин фарҳанг ба танҳоӣ «Шоҳнома»-и азиму беназирро офарида. Ҳама то имрӯз ба ин саволанд, ки чӣ гуна Мавлоно Ҷалолуддин Балхии тоҷик асрори руҳро дарёфтаву «Маснавии маънавӣ»-и ҷовидониро халқ карда ва Низомӣ он асрори ниҳони ишқро кушода кардаву «Хамса»-и бегазандро ба ёдгор гузоштааст. Башар ҳанӯз дар ҳайрат аст, ки магар ширинии сухани Саъдиву Ҳофизу Ҳилолӣ ё лутфи Камолу ҳикмати Бедил дар тавони инсон бошад ё аз олами ниҳон? Ин аст, ки Гётеи бузурги олмонӣ бо арзёбии адабиёти ҷаҳонӣ эълон дошт, ки ҳафт ситораи бартари сухан дар таърихи башарӣ ҳамагӣ аз форсу тоҷиканд: Фирдавсӣ, Хайём, Анварӣ, Румӣ, Низомӣ, Саъдӣ, Ҳофиз ва Ҷомӣ.

Оре, бузургони адабиёти форсу тоҷик суханро ба ҳадде гуфтанд ва маъниро ба сатҳе суфтанд, ки аз ҳар назар болотар аз тавони башар менамуд ва аз ҳайрату ночорӣ ба каломи ғайб нисбат дода мешуд. Онҳо суханро беҳтарин гавҳари ганҷинаи ҳастӣ ва ҷони равони башар дониста, афсуни созандаю пайвандгари онро чун василаи ҳикмат, маърифат ва тарбият ҳамагонӣ сохтанд, ки он хидмати бузурге барои тамоми инсоният буд. Онҳо на танҳо ба неруи сухан бовар доштанд, балки худ сухани зиндаву неруманде гузоштанд, ки то имрӯз инсонро тағйир, тарбият ва такмил медиҳад:

***Сухан бишканад минбару дорро,***
***Зи сӯрох берун кунад морро.***

Дар баробари адабиёти оламгири меъёрӣ, адабиёти шифоҳии халқи тоҷик низ басе бузургу зебову ширину рангин аст, ки он аз латифаю ҳикоятҳои намакин то афсонаву ривоятҳои бузурги манзуму мансурро дар бар мегирад. Аз ин миён, хоса, матнҳои ривоиву ҳамосии «Самаки Айёр», «Ҳазору як шаб», «Чор дарвеш», «Тӯтинома» ва маҷмуаи ҷовидонии «Афсонаҳои халқи тоҷик» аз ҷумлаи осорест, ки руҳу равони ин миллати қудсию маънавиро бисёр амиқу зебо ифода мекунад. Хоса, шоҳасари «Афсонаҳои халқи тоҷик» мардумитарин китобест, ки тули ҳазорсолаҳо аз сӯи худи халқ эҷод шуда, ҷаҳони зебои ботинӣ, тахайюли рангину офаранда ва ормону омоли ҷовидонаи тоҷиконро дар худ гирд овардааст. Он барои мо аввал забони содаву равони тоҷикиро меомӯзад, сипас озоду зебо баён кардани андешаю эҷоди худро ёд медиҳад ва пас аз он моро бо бузургиву ҷовидонагии ормонҳои мардум мепайвандад. Ин китоб саршор аз некиву меҳрубонӣ, дӯстиву рафоқат, ишқу муҳаббат, далерию паҳлавонӣ ва ҳамкориву ҳамоҳангии инсону табиат аст. Агар он дар марҳалаи дуруст ва бо равиши дуруст хонда шавад, барои ташаккули ҷаҳонбинии зебо ва пӯёи як тоҷик бисёр муҳим аст. Пас, шоиста аст, ки ҳар тоҷики асил ин китобҳоро бихонад ва ба фарзандонаш бихононад, то дар ӯ забону равони ноби тоҷикӣ шакл гирад.

***

Тоҷикон пеш аз омадани ислом низ пайрави дини тавҳидии якхудоӣ, аҳли имону китоб ва соҳиби китобҳои муқаддасе, чун «Авасто» буданд. Таърихи ин динномаи бостонӣ аз панҷ ҳазор сол гузашта, аввалин китоби навишта дар таъриху тамаддуни башарӣ ба шумор меравад. Худи калимаи «дин» вожаи асили тоҷикӣ буда, дар забони арабӣ ва дини ислом низ ҳамин тавр пазируфта шудааст. Тоҷикон соҳиби дини тавҳидие буданд, ки хирадро бар ҷаҳолат бартар мешумурд ва нуру рӯшаниро аз торикӣ авлотар медонист, ҳамон гунае ки Фирдавсӣ дар баёни он гуфтааст:

***Мапиндор, к-оташпарастон буданд,***
***Парастандаи пок Яздон буданд.***

Аммо бо зуҳуру расидани ислом ба минтақа, тоҷикон дар густариши он ва китобиву бунёдӣ шудани илмҳои исломӣ саҳми басе бузург гузоштанд. Садҳо фарзанди халқи тоҷик ҳамчун имомон, муҳаддисон, фақеҳон, муфассирон, мутакаллимон, орифон, забондонон, муфтиён ва мубаллиғони барҷастаи исломӣ улуми исломиро ба авҷи худ расонида, дар таърихи тамаддуни исломӣ ҳамчун устодон ва бунёдгузорони ин илмҳо сабт гаштаанд. Ин қудрату зарфияти азими илмии мардуми форсу тоҷик аз сӯи худи Паёмбари ислом ҳазрати Муҳаммад(с) эътироф ва пешгӯӣ шуда буд, ки эшон фармуданд: «*Агар илм дар авҷи осмонҳо бошад, мардуми форс онро ба даст меоранд*».

Фарзанди халқи тоҷик Имом Муҳаммад Исмоили Бухорӣ нахустин касе буд, ки бо истифода аз равиши дақиқтарини илмию ахлоқӣ ҳадисҳои Паёмбари исломро ҷамъоварӣ намуда, китоби «Саҳеҳ»-и Бухориро тадвин кард. Китобе, ки сарчашмаи асосии дарки суннат

гашта, пас аз Қуръон дувумин китоби муътабари мусулмонон ба ҳисоб меравад. Сипас тоҷикони бузургвори дигар, чун Имом Тирмизӣ, Имом Байҳақӣ ва дигарон ин суннатро идома доданд ва имрӯз аз шаш маҷмуаи ҳадисҳои набавӣ муаллифи панҷ китоби он маҳз тоҷиконанд!

Фарзанди бузурги халқи тоҷик Имом Абуҳанифа ибни Нуъмон ибни Марзбон бо таҳлилу фарогирии Қуръону суннат бузургтарин низоми фиқҳию ҳуқуқии исломиро танзим намуд, ки аксари мусулмонони ҷаҳон ҳамчун шеваи солими зиндагӣ аз он пайравӣ менамоянд. Имрӯз мактаби фиқҳии ӯ чун «мазҳаби ҳанафӣ» ва шахсияти бузурги ӯ чун «Имоми Аъзам» шинохта мешавад. Фарзанди бузурги халқи тоҷик Имом Муҳаммад Ҷарири Табарӣ таърихи ҷомеи ислом, араб ва аҷамро навишт, ки имрӯз низ муътабартарин таърихнома дар тамаддуни исломӣ ба шумор меояд. Фарзандони бузурги халқи тоҷик, чун Сибивайҳ, Ибни Сино, Ғазолӣ, Насафӣ, Байҳақӣ, Мотуридӣ, Марғелонӣ ва ғайра самтҳои гуногуни улуми исломиро ба мактабҳои комили илмӣ табдил доданд. Аммо нақши тоҷикон дар рушди ирфони исломӣ ва дарки маърифатию шуҳудии Офаридагор бисёр бузургтар мебошад. Шахсиятҳои ирфонӣ ва орифони раббонӣ чун Шайх Саноӣ, Шайх Аттор, Шамсуддини Табрезӣ, Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ, Хоҷа Саъдуддини Қошғарӣ, Хоҷа Аҳрори Валӣ, Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ ва ҳазорони дигар ишқи Худованд ва илми ҳолро ба камол расонида, барои васли инсон аз асли хештан миёни руҳи башар ва вуҷуди Худованд пайванди зиндаи ошиқона эҷод намуданд. Ду фарзонаи бузургвори тоҷик Хоҷа Баҳоуддини Нақшбанд ва Абдулқодири Гелонӣ ду мактаби бузурги таҷрибию ирфонӣ - тариқатҳои нақшбандия ва қодирияро бунёд гузоштанд, ки ҳоло садҳо миллион нафар мусулмон дар тамоми ҷаҳон аз онҳо мухлисона пайравӣ менамоянд. Аҳаммияту бузургии мактаби нақшбандия дар он буд, ки ин тариқат тазоди байни кору ибодат ва дину дунёро дар зеҳни инсон бартараф намуда, имону диндориро на ҳамчун узлату дунёбезорӣ, балки ҳамчун бахше аз зиндагии зиндаи башар пешкаш кард. Равишҳои нодири ирфонию амалии ин тариқат чун «дил ба Ёру даст ба кор», «дил ба Ҳаққу рӯ ба халқ», «сафар дар Ватану хилват дар анҷуман» ва ғайра дар замири миллионҳо пайравони ислом шеваи дурусту ақлонии динварзию дунёдориро тарбият кардаанд. Ин аст, ки агар ҳар ҷое ва ҳар вақте сухан аз илму фарҳангу тамаддуни исломӣ равад, саҳми беқиёси ниёкони мардуми тоҷик дар рушду густариши он чун ахтари тобноке бар тораки ин тамаддуни бузург медурахшад. Саҳми мардуме, ки бо зарфияти бузурги ақлию илмию имонии худ ин дини осмониро ба як тамаддуни ҷаҳонӣ мубаддал сохтанд.

***

Дар канори илмҳои ҷамъиятиву самтҳои маънавӣ, тоҷикон дар тули таърихи худ мактабҳои бузурги фарҳангу ҳунарҳои нафисро низ бунёд гузоштаанд, ки осору намунаҳои он боиси ҳайрати башаранд. Деворнигораҳои Суғду Бохтари бостон, меъмории беназири Самарқанду Бухорову Исфаҳон ва наққошиву хушнависии ҳазорон тоқу гумбаду айвон гувоҳи онанд, ки санъати рассомию наққошии хаттотии тоҷик суннатҳои бузурги дерина дошта, аз ҷамъи ҳунару рангу зарофату мазмун нигораҳои беназир офаридааст. Ҳанӯз дар аҳди бостон фарзанди арҷманди тоҷикон Монии афсунгар нигористони «Аржанг»-ро офарида, дар асрҳои миёна Камолиддини Беҳзод ё Монии сонӣ дар Ҳирот доди ҳунари миниётуру чеҳранигориро дода буданд. Тоҷикон аз азал дар ҳунарҳои нафисаи дастӣ, чун заргарӣ, мисгарӣ, сангтарошӣ, кандакорӣ, кулолӣ, шишапазӣ, булуркорӣ, ҷомсозӣ ва ғайра маҳорати тамом доштаанд, ки осори нодиру беназири «Хазинаи Амударё» дар осорхонаи Лондон ва ҳазорон бозёфти нафиси аҳди бостон намунаи барҷастаи он аст. Оҳангу мусиқии миллии тоҷикӣ низ аз суннатҳои хусравонии Борбади Марвазӣ давом гирифта, дар тули садсолаҳо дар шакли мактабҳои ҷовидонии «Шашмақом», «Фалак», «Наът», «Мадо», «Шаҳд», «Базмӣ» ва ғайра танинандоз мондааст. Ин ҳунари малакутии миллиро дар замони нав саромадони ҳунар Содирхони Ҳофиз, Шоҳназар Соҳиб, Акашариф Ҷӯра, Боймуҳаммад Ниёзов, Зафар Нозим, Одина Ҳошим, Ҷӯрабек Мурод, Давлатманди Хол ва шогирдону пайравони онон ҳамчунон сурудаву зинда доштаанд. Бо ҳам ҷамъ омадани матну мазмуни баланд, оҳанги равон ва ҳунару овози хушу гуворо мусиқии тоҷикро ҳам таровати тафреҳӣ, ҳам арзиши бадеиву ҳунарӣ ва ҳам хосияти маънавию тарбиятӣ додааст. Сатҳи мактаби мазкур ва суннатҳои бузургу баланди он бояд аз даст нараванд. Ва дар кул, сухан, адабиёт, арзишҳои маънавӣ, ҳунар, меъморӣ, хушнависӣ, наққошӣ, мусиқӣ, либос, хонадорӣ,

дастархон ва эҷоди дастиву шифоҳии мардуми тоҷик нишон медиҳанд, ки тоҷикон ҳамеша чун миллати ашрофӣ сатҳу завқи баланди меъёрӣ, ҷаҳонбинии рӯшани башарӣ ва тамаддуни ворастаи шод, озода, зариф, зебоиписанд ва барҷаста доштаанд. Ин аст, ки ҳар тоҷики асил бояд ҳамин мактаб, ҳамин фарҳанг ва ҳамин сатҳро касб намояд, идома диҳад ва ҳифзу муаррифӣ намояд. Ин аст, ки ҳеҷ тоҷики асил бояд нисбат ба ин фарҳангу арзишҳо хиёнат накунад, аз ин сатҳи ашрофии ниёгони худ поинтар наояд, то бақои миллию арзишии мо таъмин гардад. Ва шоистаи зикр аст, ки маҳз ҳамин илму донишу ҳунару фарҳангу тамаддун боис гашт, то тоҷикон барои аҳлӣ шудани таборҳои вахшӣ, инсонӣ шудани тамаддуни башарӣ ва фарҳангию арзишӣ шудани ҷомеаҳои инсонӣ нақши бузург гузоранд. Гузаштагони тоҷикон дар роҳи илму имону фарҳангу ахлоқ ва тамаддун муаллиму мураббии башарият будаанд…

***

Тоҷикон аз аввал соҳиби ҷаҳонбинии илмӣ, табиӣ ва ақлонӣ буда, дар ташаккули илмҳои дақиқу башарӣ ва илмию ақлонӣ шудани ҷаҳонбинии инсоният низ саҳме басе бузург гузоштанд. Тоҷикон Наврӯзро барои башар додаанд, ки дар он ҳанӯз ҳазорон сол пеш лаҳзаи дақиқи гардиши офтобу эътидоли шабу рӯзи замин ва лаҳзаи фарорасии соли нави табиӣ ба таври муъҷизавӣ ҳисоб карда шудааст. Ҳисобе, ки имрӯз асбобу устурлобҳои навтарини муосир дурустии онро тасдиқ кардаанд…

Ва бузургии Наврӯзи тоҷикон дар ин аст, ки Наврӯз дин нест, хурофот нест, сиёсат нест, идеология нест, соли нави сохтаву рамзӣ нест, балки илм аст, хирад аст, табиат аст, таърих аст, тамаддун аст, нуқтаи пайванди тамоми башар аст. Ва он як шиносномаи тоҷикон ва саҳми бузурги тоҷикон дар рушди тамаддуни башарист.

Бо чунин бинишу суннатҳои илмию ақлонӣ, тоҷикон дар таъриху рушди илмҳои дақиқу бунёдӣ дар ҷаҳон саҳми азиме гузоштаанд. Онҳо, аз ҷумла, дар рушди илмҳои табиатшиносӣ, нуҷум, риёзӣ, ҳандаса, оптика, кимиё, ҷуғрофиё, зироату обёрӣ, меъморӣ, тиб ва ғ. пешсафони башар буда, кашфу ихтирои як силсила дастовардҳои илмию фаннии инсоният ба номи тоҷикон марбут аст.

Имрӯз низ номи фарзандони барӯманди халқи мо, чун Хоразмӣ, Берунӣ, Сино, Розӣ, Хайём, Тусӣ, Қӯшчӣ, Абуҳомиди Хуҷандӣ ва ғайра, ки дар рушди илмҳои дақиқу табиӣ нақши бузургу бунёдӣ гузоштаанд, аз сӯи башарияти мутамаддин чун сарону падарони ин равияҳои илмӣ шинохтаву сазовори эҳтиром мегарданд. Аз ҷумла, дар саҳни қароргоҳи Созмони Милали Муттаҳид дар шаҳри Венаи кишвари Утриш, ки идораҳои сиёсии СММ дар он ҷойгиранд, чортоқест, ки дар чор сӯи он пайкараи чор бузурги тамаддуни башарӣ гузошта шудааст. Чор нафаре, ки дар ташаккули илму фарҳанги имрӯзи олам ва хоса, ҷаҳонбинии илмию ақлонии инсоният нақши бунёдӣ гузоштаанд: якум, бунёдгузори тибби муосири ҷаҳонӣ Абуалии Сино, дувум, бунёдгузори дорусозиву шимиёи навин Закариёи Розӣ, сеюм, падари ҷуғрофиёву табиатшиносии илмӣ Абурайҳони Берунӣ ва чаҳорум, падари кайҳоншиносиву тақвими навин Умари Хайём. Ва боиси ифтихор аст, ки ҳар чаҳори ин бузургон тоҷик ва фарзанди ин миллат мебошанд. Ҳар чаҳори онҳо форсизабон ва аз чор шаҳри машҳури ҳудуди давлати Сомониён буданд, ки онро тоҷикон бунёд гузоштаанд. Сино аз Балху Бухоро, Берунӣ аз Хоразм, Розӣ аз Рай ва Хайём аз Нишопур. Чор нафаре, ки аз ин сарзамин бархоставу бунёдҳои тамаддуни имрӯзаи башариро шакл додаанд. Пас, ин аст сатҳи тоҷик, ин аст саҳми тоҷик, ин аст ҷойгоҳи тоҷик, ин аст тавону зарфияти тоҷик, ин аст бузургони тоҷик, ин аст фарзандони тоҷик, ин аст меъёри арзёбии фарҳангу тамаддуни ин миллат. Сатҳе, ки ҷаҳон онро шинохтааст, фарзандоне, ки башар эътироф намудааст…

***

Гарчи тамоми мардумони ҷаҳон барои мо азизу шарифанд, аммо дар сарчашмаҳои таърихӣ аз тавону истеъдодҳои хосаву бартари зеҳниву ҷисмонии тоҷикон маълумотҳои зиёде оварда шудаанд. Ин намунаҳои зиндаву мушаххас аз ҳамтаборони мо нишон медиҳанд, ки агар шароиту парвариши дуруст фароҳам бошад, ҳар як тоҷик дар вуҷуди худ чунин зарфияту истеъдод дошта метавонад. Сарчашмаҳо меоранд, ки бунёдгузори адабиёти форсӣ устод Абуабдуллоҳи Рудакӣ ҳанӯз дар ҳаштсолагӣ Қуръонро пурра аз бар карда буд ва дар тули умраш як миллиону сесад ҳазор байт шеъри олӣ гуфтааст, ки аз назари сатҳу миқдор фаротар аз тасаввуру тавони як инсон аст. Ба ҳадде ки ба ҳисоби умри

эҷодӣ ҳар сол як маснавии панҷоҳҳазормисраӣ суруда бошад! Ин аст дили дарёву табъи равони тоҷик!

Дар китобҳо омадааст, ки Буалии Сино ҳанӯз дар 16-солагӣ илми тибро аз худ карда, дар муддати ду сол тамоми китобхонаи азими Сомониёнро фаро гирифта будааст. То ҷое, ки вақте ин китобхона аз сӯи аҷнабиён сӯхта шуд, Синои ҷавон изҳор дошт, ки агар рангу қалам фароҳам кунанд, метавонад тамоми он китобхонаи бузургро аз зеҳнаш барқарор намояд. Ин аст қудрати ҳофизаи тоҷик!

Абурайҳони Берунӣ ҳанӯз дар асри 9 таносуби байни баландии кӯҳ ва сатҳи заминро қиёс карда, курашакл будани заминро муайян намуд ва бо формулаи эҷоди худаш радиуси сайёраи Заминро чен кард! Ба андозае, ки имрӯз низ ҳамаи асбобҳои муосир дурустии онро тасдиқ менамоянд. Ин аст қудрати ақлу мантиқи тоҷик!

Ҳаким Умари Хайём ҳанӯз бо асбобу устурлобҳои он замон қонунмандии гардиши моҳу хуршед ва ситораву сайёраҳоро кашф карда, лаҳзаи баробаршавии рӯзу шаби замин, фарорасии Наврӯз ва оғози соли нави хуршедиро ба таври дақиқ мушаххас намудааст. Ба ҳадде ки марказҳову асбобҳои навтарини кайҳоншиносӣ дар он танҳо 11 сония тафовут ёфтаанд. Ин аст диққати ақлу мантиқи тоҷик!

Мирзо Абдулқодири Бедил он қадар зеҳни тезу чашми фарогир доштааст, ки кӯчаву боғҳоро дар ҳофизааш ба навор мегирифтааст ва вақти гузштан ишорат менамудааст, ки фалон дарахт дирӯз фалон миқдор барг дошту имрӯз фалон миқдор зиёд ё кам шудааст ё фалон шайъи хурдтарин дирӯз ин ҷо набуду имрӯз пайдо гаштааст. Дар канори ин, ҳамаи сарчашмаҳо овардаанд, ки ӯ дар давидан аз аспҳои тозӣ пеш мегузаштааст.

Ин аст зеҳну зарфияту истеъдоди тоҷик!

***

Ин аст, ки «тоҷик» танҳо як вожа нест, он як аслу як асолат аст.
Ин аст, ки «тоҷик» танҳо як вожа нест, он фарҳангу ҳувият аст.
Ин аст, ки «тоҷик» танҳо як вожа нест, он таъриху тамаддун аст.
Ин аст, ки «тоҷик» танҳо як ном нест, он ҷавҳари миллист.
Ин аст, ки «тоҷик» танҳо як ном нест, он як сиришту як маниш аст.
Ин аст, ки он иваз намешавад, зеро он худи миллат аст.
Пас, дуруд бар тоҷики соҳибтамаддун, ки ифтихори башар аст!
Меситоем озодагиву озодманиширо, ки гавҳари зотии тоҷикон аст!
Ситоиш роствиву озодиро, ки маниши ҷавҳарии ҳар тоҷик мебошад!

# ДОНИШУ ИЛМ – САРМОЯИ ҲАР ЯК ШАХС



**Ғарибшо ҒАРИБШОЕВ – мудири кафедраи идоракунии мaориф ва илмҳои гуманитарии ФМД ДҶТИБКСМ дар ВМКБ, номзади илми фалсафа**

**Пешрафти ҳаёт ҳама вақт аз талаботи одамон, тағйирёбии шароиту имконот ва пайдошавии алоқаву муносибатҳои нав дар ҷомеа вобастагӣ дорад. Дараҷаи маърифатнокӣ, худогоҳӣ, дарки воқеият, ояндабинӣ, нақшаҳо ва ҳадафҳои ҳаётии шахс мазмуни талаботашро муайян мекунад. Ҳадафҳои асосии инсон дар ҳаёт ба умеду орзуҳо, саодату пирӯзиҳо, камоли ҷисмониву маънавӣ ва дарки олами атроф расидан аст. Дар ин раванд инсонро зарур аст, ки аз гузашти босуръати вақт ғофил намонда, ҷаҳд бинмояд, то хешро дар фурсате, ки дорад, ба ҳадафу ниятҳояш бирасонад.**

Тавре ки маълум аст, соҳаи маориф дар сиёсати давлатии кишварамон мақоми меҳварӣ дошта, «тақдирсоз», «бунлод ва наҷоти миллат», «асоситарин заминагузори пешрафти ҷомеа», «таъмингардони суботи давлат ва фардои босаодати ҷомеа» арзёбӣ шудааст. Агар дар заминаи ин баҳогузориҳо ва дастгириҳои рӯзафзуни Ҳукумати ҷумҳурӣ иҷрои фаъолияти гуногунсамти соҳаи маорифро таҳлилу хулосабарорӣ намоем, пешрафти назарраси онро, новобаста аз тезутундшавии муносибатҳои байналмилалӣ, рух додани низоъҳои локалӣ ва глобалӣ, аз байн рафтани низоми алоқаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии байни давлатҳо, ки таъсири манфии ин равандҳо ба Ҷумҳурии Тоҷикистон низ кам нест, бараъло дида метавонем. Аз ин таъсирот соҳаи маориф низ дар канор намонда, новобаста аз мушкилиҳои дохилисоҳавиаш, ҷиҳати бунёди маорифи миллӣ ва пурра ворид шудан ба фазои таҳсилоти байналмилалӣ ислоҳотро идома мебахшад.

Ислоҳот ва пешрафти ин соҳа мунтазам мавриди назорат ва таваҷҷуи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, ҳамасола аз ҳисоби буҷаи давлатӣ маблағгузории он меафзояд. Соли 2024 ба соҳаи маориф ва илм дар ҳудуди 8 млрд 231,9 млн сомонӣ ҷудо гардидааст, ки нисбат ба соли гузашта 1 млрд 21,5 миллион сомонӣ ё 14,2 фоиз зиёд буда, қариб 18,7 фоизи ҳаҷми умумии хароҷоти буҷет ва 5,7 фоизи Маҷмуи маҳсулоти дохилиро ташкил медиҳад. Ҳамасола ёрдампулиҳо ва стипендияҳо барои хонандагону донишҷӯён, имтиёзҳо, маош ва нафақаи омӯзгорону кормандони ин соҳа зиёд гардида, барои омӯзиш ва пешбурди фаъолиятҳои касбии ин табақаи калони иҷтимоӣ шароитҳои беҳтар фароҳам оварда мешаванд. Маоши вазифавии кормандони муассисаҳои маориф, илм ва стипендияҳо боз 40% (аз 1-уми июли соли ҷорӣ) меафзояд. Ин сармоягузории соҳа бахри рушди ҳаматарафаи захираи инсонӣ, ободии Ватан, замина ва қадамниҳӣ ба сӯи муаррифии давлати тоҷикон ҳамчун макони илму маърифат ва фарҳанги пешқадам мебошад.



Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати ҷавон аст ва беш аз 70 фоизи аҳолии онро ҷавонон ташкил дода, афзоиши **ин захираи инсонии** неруманд оянда низ зиёд мешавад. Тибқи қонунияти пешрафт, рушди ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ аз захираи инсонӣ вобаста аст ва ин ҷо сухан дар бораи нуфуси одамон меравад, ки ҳар яке аз онҳо дараҷаи муайяни зеҳнӣ доранд, яъне соҳиби **сармояи зеҳнӣ-моликият** мебошанд. Дар мадди назар,

**моликияти зеҳнӣ-сармояи инсонии** ҳар шахс аст, ки дар шакли донишу илм, маҳорату малака, салоҳиятҳо, аз ҷумла, салоҳияти эҷодкорӣ ва ақлонӣ, арзишҳои ахлоқӣ ва фарҳангӣ ифода гардида, дар давоми ҳаёт, бар ивази саломатии шахс андӯхта мешавад ва аз ин сармоя дигар аъзои ҷомеа низ истифода мебаранд. Дар замони мо муҳим он аст, ки ҳар як шахс ин сармояро дар фаъолиятҳои гуногуни ҷисмонӣ, фикрӣ, меҳнатӣ ва ғайра амалан истифода бурда тавонад. Он гоҳ рушди иқтисодӣ-иҷтимоӣ, маърифатӣ-фарҳангӣ ва умуман, пешрафти ҷомеа бо истифодаи **сармояи инсонӣ** имконпазир ва натиҷабахш мешавад.

Ин андеша дарки **вобастагии захираи инсонӣ ва сармояи инсониро аз рушди илму маориф** ба миён мегузорад ва тавре ки дар Паёми навини Пешвои миллат (28.12.2023) омадааст, рушди илму маориф **«калиди пешрафти ҳамаи соҳаҳо ва омили муҳимтарини таъмин намуданиояндаи босуботи давлат ва фардои босаодати ҷомеа ба ҳисоб меравад».** Бахусус, дар шароити имрӯзаи гузариш ба истифодаи технологияи муосир, суръатбахшии раванди рақамикунонии тамоми соҳаҳои ҳаёт, талош барои таъмин намудани иқтисоду фарҳанги рақобатпазир, коркарди пурраи ашёи хоми ватанӣ ва дар заминаи солҳои 2022-2026 эълон шудани Солҳои рушди саноат, инкишоф додани саноати сабук ва вазнин, вусъати корҳо дар самтҳои роҳсозӣ, сайёҳӣ, ҳунарҳои мардумӣ, ташкили корхонаҳои истеҳсолии гуногунсамт ва дигар ҳадафҳо, инкишофи сармояи инсонӣ чун ниёзи аввалиндараҷа пеш меояд. Барои ҳамин, маорифро манбаи пайдоиш ва рушддиҳандаи сармояи инсонӣ бояд донист.

Омода кардани мутахассисони дорои зеҳнияти воло бевосита ба фаъолияти густурда, масъулияти касбӣ ва самарабахши низоми илму маориф алоқаманд аст. Дар робита бо ин, раванди омода намудани мутахассисон барои ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ таҳлил ва тағйири муносибатҳоро нисбат ба фаъолгардонии ин масъала металабад. Пеш аз ҳама, илму маорифи муосир, новобаста аз **мушкилоти объективӣ ва ногузир такроршаванда**, аз қабили корношоям ва фарсуда гардидани таҷҳизоти техникӣ, мебелӣ ва норасоии намунаҳои ин мавод, фаъолият накардани озмоишгоҳҳои фаннӣ, нарасидани ҷойҳои нишаст барои хонандагон ва набудани шароити кофии корӣ барои омӯзгорону кормандон, ба ҳолати садамавӣ гузаштани алоҳида муассисаҳои таҳсилотӣ ва ғайра мазмуни раванди таълимро баҳри инкишофи неруи инсонӣ бо ташаккул додани махсусиятҳои миллӣ дар донишомӯзон бояд фаъол ва босифат гардонад.

Соҳибкасбони оянда бояд дар сатҳи талаботи муосир тайёр гарданд ва агар дар ҳалли душвориҳои ҷойдошта тадбирҳои мушаххас андешида нашаванд, ин раванди зараровар миқёси васеъҷтарро фаро гирифта, зарари он ҷуброннопазир мегардад. Барои ҳамин, дар сиёсати давлатӣ оид ба тайёр намудани кадрҳои баландихтисоси омӯзгории босалоҳият, донандагони технологияи иттилоотӣ, забонҳои хориҷӣ ва бо усулҳои муосири таълим омӯзишдиҳанда зиёд таъкид мешавад. Воридсозии шаклҳои фаъоли технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ ва ба роҳ мондани усулҳои нави омӯзиш дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот, аз ҷумла, таҳсилоти фосилавӣ (онлайн), низоми таълимии кредитӣ-модулии такмили ихтисос, баргузории таълим дар шакли видео-конфронсҳо, чатҳо ва истифодаи суроғаҳои электронӣ, ташкили кори сомонаҳои таълимии фаннӣ, таҳия ва амалӣ намудани Барномаи васеи таълимии истифодабарӣ аз технологияҳои муосир барои кӯдакони синни томактабӣ, талаботи Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 мебошад. Ташаккули тафаккури техникӣ ва таъмини пешрафти босуръати технологӣ дар ҷумҳурӣ бе пайвастшавии саросарӣ ба шабакаи интернет, ки то ҳанӯз суръати хизматрасонии он суст аст, чун мушкилӣ боқӣ мондааст. Иҷрои ин вазифаҳо дар шароите талаб шуда истодааст, ки бештари муассисаҳои таҳсилотии тамоми зинаҳо ба таҷҳизоти моддӣ-техникии муосир ва интернет дастрасии хеле кам дошта, омӯзгорону кормандони илму маориф ба омӯзиши бетаъхири технологияи инноватсионӣ ва иттилоотии муосир, ки дар эҷоду ихтироъкории онҳо басо муҳим аст, зиёд ниёз доранд. Раванди ташаккулдиҳӣ, нақшабандӣ, тақсим ва истифодабарии босифати захира ва сармояи инсонӣ имкони бо боварӣ ворид намудан ва амалисозии технологияи инноватсионӣ дар фаъолиятҳо, фароҳамсози шароиту имконот барои фаъолгардонии кормандон, дастгири ташаббусҳои созанда, таъмини сатҳи баланди пешрафту хизматрасониҳо ва дар умум, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандони ҷумҳуриро фароҳам меорад. Ба ин мақсад, бо дастгирии шарикони рушд, аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Лоиҳаи **«Муҳити таълим-асоси таҳсилоти босифат»** амалӣ шуда истодааст, ки вазифаҳои самарабахш намудани кори таълиму тарбия, татбиқи гузариш ба таҳсилоти рақамӣ, таълими

босалоҳият, беҳтарсозии заминаи моддӣ-техникӣ, таъмини беҳдошти санитарӣ ва беҳтар намудани муҳити тарбияро дар муассисаҳои таҳсилотӣ ба иҷро мерасонад.

Нуқтаи дигари муҳим аз Паём боз он аст, ки марказҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва озмоишгоҳҳо бояд бо тайёр кардани кадрҳо, бахусус, дар самти муҳандисӣ–техникӣ, фаъол ва натиҷабахш шаванд, то ки кашфиёту ихтироот, ҷорӣ намудани усулҳои инноватсионии пешбурди таҳқиқоти илмӣ ва истифодаи техникаву технологияҳои ҳозиразамон, пешрафти минбаъдаи кишварро тезонанд. Ин муносибат имкони пайванд додани илм бо истеҳсолотро, ки ҳанӯз аз ҳамдигар дуранд, воқеӣ мегардонад. Дар Паём аз ҷойгоҳ ва манзалати аҳли илму маориф, эҳтиромгузорӣ ба мактабу омӯзгор ва заҳмати онҳо боз таъкид шуда, ҳамзамон, талаб мешавад, ки наврасону ҷавонон бояд дар руҳияи ватандӯстӣ, хештаншиносӣ, маърифатпазирӣ, ифтихорварзӣ аз миллату давлат ва пешгирӣ аз шомилшавӣ ба гурӯҳҳои тундрав таълиму тарбия гиранд. Ҳамин тариқ, дар идомаи ҳидоятҳо аз Паём мо, аҳли илму маориф, вазифадор мешавем, ки фаъолияти рӯзмарраи хешро баҳри пешрафти босифат ва натиҷабахши Ватани азизамон содиқона ба анҷом расонем.

# МАСЪАЛАИ МУҲИММИ ЗАМОНИ МУОСИР



**Махфират ХИДИРЗОДА – узви Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**30 декабри соли 2023 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Соли маърифати ҳуқуқӣ эълон намудани соли 2024 ба имзо расид. Маърифати ҳуқуқӣ василаи муҳимми танзимкунандаи рафтор ва фаъолияти шахс дар ҷомеа ба шумор рафта, омили мусоид баҳри таъмини волояти қонун ва риояи тартиботи ҳуқуқӣ дар мамлакат маҳсуб мешавад. Маҳз сатҳи баланди донишҳои ҳуқуқӣ, фарҳанги риояи тартиботи ҷамъиятӣ ва эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои шахсони дигар дарки муҳим будани риояи чаҳорчӯби муайяннамудаи рафтор, ки тавассути қонунгузорӣ муқаррар шудааст, сатҳи маърифати ҳуқуқии ҷомеаро муайян мекунанд.**

Тавассути маърифати ҳуқуқӣ шаҳрванд имкон пайдо менамояд, ки зарурати қабул ва татбиқи қонунҳоро ҳамчун василаи муҳимми танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ дарк намояд. Дар ин ҳолат эътимод ба қонун ҳамчун василаи таъмини низом дар ҷомеа боло меравад. Ин масъала барои ҷомеаи мо муҳиммияти хос дорад.

«Маърифати ҳуқуқӣ», «таълимоти ҳуқуқӣ», «иттилоотонии ҳуқуқӣ», «донишҳои ҳуқуқӣ», «шуури ҳуқуқӣ», «фарҳанги ҳуқуқӣ», «тарбияи ҳуқуқӣ» ва ғайра мафҳумҳое мебошанд, ки дар ҳошияи баррасии мавзуи маърифати ҳуқуқӣ васеъ истифода мешаванд. Маърифати ҳуқуқӣ ба сифати ҷузъи таркибии фарҳанги ҳуқуқӣ ва сиёсӣ ба шахс имкон медиҳад, ки дар шинохти воқеии ҳуқуқу озодӣ ва вазифаю уҳдадориҳо муваффақ гардад. Доираи васеи донишҳои ҳуқуқӣ ба ташаккули шуури ҳуқуқӣ, ки нишонаи фарҳанги комили ҳуқуқӣ аст, бевосита таъсир мерасонад. Аз ин нуқтаи назар маърифати ҳуқуқӣ ҳамчун механизми муҳимми таъминкунандаи суботу тартиботи ҷамъиятӣ маҳсуб ёфта, баҳри таҳкими истиқлоли давлатӣ ва ягонагии Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибистиқлол нақши арзишманд дорад. Дар шароити вусъат пайдо намудани ҷаҳонишавӣ ва рушди равандҳои демократӣ аҳамияти маърифатнокии ҳуқуқӣ ба маротиб боло рафтааст. Моҳиятан мо дар замоне зиндагӣ дорем, ки ҳар шаҳрванд бояд ба мавқеи мустақили шаҳрвандӣ ва шахсияш муносибати бошуурона дошта бошад, ба раванду рӯйдодҳои гуногуни ҷамъиятӣ бохирадона муносибат намояд, оқибатҳои ҳуқуқии рафтору амалашро ба хубӣ дарк карда тавонад. Хусусияти вижаи замон ҳамин аст, ки таъсиррасонии гуногуни ғоявӣ, арзишӣ, иттилоотӣ ва маърифатӣ тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ ва дигар василаҳои иттилоотӣ хеле зиёд шудаанд. Дар чунин шароит маҳз донишҳои ҳуқуқии зарурӣ, устувории иродаи сиёсӣ ва мафкуравӣ метавонанд фаъолияти шахсро дар доираи муайяннамудаи қонун ва тартибот таъмин созанд.

Маърифати ҳуқуқӣ раванди мудаввом ва муттасил буда, фарогирии донишҳои зарурии ҳуқуқиро тақозо менамояд. Давомдор будани ин раванд, пеш аз ҳама, ба қонунияти гуногуни иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсию фарҳангии рушди ҷомеа алоқаманд мебошанд. Қонунияти мазкур дар заминаи эҳтиёҷоти иҷтимоии навзуҳур танзими меъёрии муносибатҳои ҷамъиятиро тақозо менамоянд. Вобаста ба ин, донишҳои ҳуқуқӣ низ доимо такмил меёбанд. Аз ин рӯ, тақозо мегардад, ки шахс дар раванди доимии такмили донишҳои ҳуқуқӣ бошад, то ин ки рафтори ҷамъиятияшро дар доираи он танзим карда тавонад. Дар ин ҷо ҷанбаи

муҳимми дигар – рафтори фаъоли ҳуқуқӣ муайян мешавад. Ба ақидаи бархе аз коршиносон, «рафтори фаъоли ҳуқуқӣ рафторест, ки ба дарки амиқ, мақсаднокӣ ва ташаббускорӣ дар масъалаи татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ, ҳифзи тартиботи ҳуқуқӣ ва манфиатҳои давлат, ҷомеа ва дигар шаҳрвандон нигаронида шудааст. Меъёрҳои ҳуқуқ аз ҷониби шахс ҳамчун меъёрҳои ба таври воқеӣ зарурӣ, мақсадноку ифодакунандаи нуктаи назар, талабот ва кӯшишҳои шахсӣ дарк карда мешаванд». Хулосаи мантиқӣ аз ин иқтибос ҳамин аст, ки дар заминаи маърифати ҳуқуқӣ шахс имкони ташаккул ва татбиқи шакли хоси рафтори ҷамъиятӣ, аз ҷумла, рафтори фаъоли ҳуқуқиро амалӣ менамояд. Ин шакли рафтор тавсифи сиёсии худро низ дорад, ки он ҳамчун рафтори сиёсии конструктивӣ ва фаъол маънидод мешавад. Рафтори сиёсии конструктивӣ дар доираи талаботу меъёрҳо пазируфтаи ҷомеа сурат гирифта, мақсади он мусоидат ба рушди ҷомеа мебошад.

Ҷанбаи дигари муҳимми масъала дар он аст, ки бунёди ҷомеаи ҳуқуқбунёд дар заминаи сатҳи баланди маърифат ва фарҳанги ҳуқуқӣ имконпазир аст. Маҳз аз ҳамин нуктаи назар тарбияи ҳуқуқии аҳолӣ ба сифати самти муҳимми сиёсати давлатӣ эътироф шуда, ҷиҳати ноил гардидан ба ин ҳадафҳо дар ин самт тадбирҳои гуногуни меъёрӣ ва институтсионалӣ аз ҷониби Ҳукумати мамлакат андешида мешаванд. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 апрели соли 1997 «Дар бораи сиёсати ҳуқуқӣ ва таъмини тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 августи соли 1997, «Дар бораи баъзе чораҳои беҳтар намудани тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон ва кори ҳуқуқӣ дар ҷумҳурӣ», Барномаи давлатӣ дар бораи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон, ки дар якчанд марҳала қабул шуд, нишонаи аҳаммияти мубрами ин масъала дар сиёсати ҳуқуқии мамлакат мебошад.

Паҳлуи дигари муҳимми таъмини маърифатнокии ҳуқуқии шаҳрвандон, ҷанбаи рафтории он маҳсуб мешавад. Аз ин нуқтаи назар, алоқамандии мутақобилаи институти ҳуқуқ бо институти ахлоқу маънавиёт муайян мегардад. Робитаи мантиқии ин алоқамандӣ дар иҷрои амалҳои ҳуқуқӣ ва рафтори ҳуқуқии шахс дар доираи меъёрҳои қабулшудаи ахлоқӣ мебошад, ки тавассути василаҳои меъёрӣ дақиқ муқаррар шудаанд. Рафтори шаҳрванд, аз ин нуқтаи назар, ҳам ба талаботи ҳуқуқ ва ҳам ахлоқу маънавиёт ҷавобгӯ будани худро собит месозад. Эҳтироми волоияти қонун, ҳуқуқу манфиатҳои дигар шаҳрвандон, нишон додани сатҳи зарурии масъулияти шаҳрвандӣ ба сифати рафтори ахлоқии муносиб низ маънидод карда мешавад.

Ҳамзамон бояд ба назар гирифт, ки маърифати ҳуқуқӣ ба сифати омили муҳимми раванди иҷтимоишавии сиёсии шахс дарку тафсир мешавад. Тарбияи ҳуқуқӣ ва донишҳои ҳуқуқӣ ҷузъи таркибии раванди мазкур буда, барои ташаккули шахсияти шаҳрванд аҳамияти хосса доранд. Иҷтимоишавии сиёсӣ равандест, ки шахс тавассути фарогирии арзишҳо, меъёрҳо, шакли рафтор, қоидаҳо ва дигар талаботи зарурӣ ҷомеаро меомӯзад ва мавқеяшро дар он муайян менамояд. Дар ин раванд донишҳои ҳуқуқӣ мақом ва аҳаммияти хос дошта, тавассути азбарнамоии онҳо шахс рафтори худро дар доираи муқарраротИ муайяншуда танзим менамояд. Маърифати ҳуқуқӣ ба шаҳрванд имкон медиҳад, ки ӯ ҳувияти шаҳрвандияшро ташаккул диҳад, мансубияташро дар давлати муайян дарк ва эътироф намояд, ҳуқуқу вазифа ва уҳдадорию масъулияти шаҳрвандияшро шиносад. Олимон доираи меъёрҳоеро муайян кардаанд, ки тавассути онҳо ба сатҳи иҷтимоишавии сиёсии шахс баҳо гузошта мешавад. Ба қатори онҳо тибқи ақидаи олимон: «... мавҷудияти низоми арзишҳо ва меъёрҳои сиёсӣ, қобилияти таҳияи барномаҳои рафтори сиёсӣ, ки ба мақсад ва шароит мувофиқ ҳастанд, сатҳи фаъолнокӣ дар ҳаёти сиёсӣ, эҳтиром ба ақида ва мавқеи дигарон, сатҳи умумии фарҳанги сиёсӣ, қобилияти ҷалби дигарон ба фаъолияти сиёсӣ, қобилияти гузоштани мақсадҳои сиёсӣ ва татбиқи онҳо дар амалияи сиёсӣ, инчунин, суботи ангезаҳои сиёсӣ дохил мешаванд». Ҳамаи амалҳои муқарраршуда ҳамон вақт барои ҷомеа муфид арзёбӣ мешаванд, ки агар онҳо дар доираи муқаррарнамудаи меъёрҳои ҳуқуқӣ заминаҳои танзими худро дарёбанд. Маҳз аз ҳамин ҷиҳат маърифати ҳуқуқӣ ба сифати ҷузъи таркибии раванди иҷтимоишавии сиёсии шахс арзишманд мегардад. Дар натиҷаи иҷтимоишавии сиёсӣ шахс муносибаташро ба дигарон ва муҳити иҷтимоӣ муайян намуданро меомӯзад. Самаранокии иҷтимоишавӣ аз рӯйи се нишондиҳандаи муҳим муайян мешавад: «Инсон ба инсони дигар чунонки ба худ муносибат менамояд, муносибат мекунад; инсон мавҷудияти меъёрҳоро дар муносибатҳои байни одамон эътироф мекунад; ҳадди зарурии танҳоӣ ва вобастагии нисбӣ аз дигар одамонро эътироф менамояд ё худ эътироф мекунад, ки байни нишондиҳандаҳои «танҳоӣ» ва «вобастагӣ» тавозуни муайян мавҷуд аст. Ба таври умум, иҷтимоишавӣ қобилияти инсон вобаста ба зиндагӣ карда тавонистан дар фазои меъёрҳои иҷтимоии муосир дар низоми «Ман ва дигарон» мебошад».

Аз ин нуқтаи назар, нақши маърифати ҳуқуқӣ дар ҷомеа боз ҳам дақиқтар аён мегардад. Яъне, шахс маҳорату малакаи зиндагӣ дар муҳити иҷтимоиро бо риояи тамоми меъёрҳои

ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ аз худ менамояд. Дар натиҷа имкони ташаккули муҳити бенизоъ муҳайё мегардад. Маърифати ҳуқуқӣ ба шахс имкон медиҳад, ки дар шинохти ҳуқуқу озодиҳои худ муваффақ гашта, мавқеи устувори сиёсии худро низ ташаккул диҳад. Фазои сиёсии Тоҷикистон, ки гуногунақидагиро муҳайё намудааст, ба шаҳрвандон имкон фароҳам овардааст, ки аз ҳуқуқҳои сиёсии худ низ истифода баранд. Дар ин роҳ ҳуқуқи иштирок дар интихобот ва ҳуқуқи ба узвияти ҳизбҳои сиёсии дар кишвар расман фаъолияткунанда шомил шудан яке аз намунаҳои онҳо мебошанд. Ногуфта намонад, ки ҳизбҳои сиёсӣ низ дар масири такомули сатҳи маърифати ҳуқуқии аъзои худ бояд масъулият дошта бошанд, то ин ки ҳар як узви онҳо ҳуқуқу уҳдадориҳои худро вобаста ба узвияташ дар ин ё он ҳизб донанд ва дар доираи муайяннамудаи қонунгузорӣ фаъолият намоянд.

Бояд гуфт, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунгузории амалкунандаи мамлакат масъалаи таъсис ва фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ, инчунин, дигар ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандиро ҳам муқаррар намудааст. Маҳз фаъолият дар доираи ин меъёрҳои қонунгузорӣ муайянкунандаи сатҳи маърифати ҳуқуқии онҳо мебошад. Дар марҳалаи кунунии рушди ҷомеа маърифати ҳуқуқӣ василаи муҳимми танзими фаъолияту рафтори сиёсии шахс ба ҳисоб меравад. Иттилоот ва донишҳои муътамади ҳуқуқӣ омили зарурӣ дар самти таҳкими масъулияти шаҳрвандӣ низ эътироф шудааст. Сатҳи матлуби маърифати ҳуқуқӣ имкон медиҳад, ки шахс аз амалҳои халалдоркунандаи тартиботи ҷамъиятӣ ва қонуният худдорӣ намуда, дар пешгирии содиршавии чунин амалҳо саҳм гузорад. Аз ин рӯ, маърифати ҳуқуқиро метавон ҳамчун василаи муҳимми пешгирикунандаи ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷиноятқорӣ дар ҷомеа номид. Хусусан, дар марҳалае, ки қонунвайронкунӣ ва ҷиноятҳо метавонанд на танҳо дар фазои воқеӣ, балки дар фазои маҷозӣ ҳам содир шаванд, танҳо маърифати баланди ҳуқуқӣ метавонад моҳияти калидии пешгирикунанда дошта бошад. Ба қатори чунин ҷиноятҳо, пеш аз ҳама, ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистию террористӣ дохил мешаванд, ки афроди ноогоҳ тавассути тарафдорӣ ва ё паҳн намудани ақидаҳои ифротӣ тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ ба он даст мезананд. Мутаассифона, даҳҳо нафар ҷавонон бо сабаби паст будани сатҳи маърифати ҳуқуқияшон чунин амалҳоро содир намудаанд. Омори ҷиноӣ худ бозгӯйи ҳақиқати ҳол ва мавҷудияти мушкилӣ дар ин самт мебошад. Вобаста ба ин, зарурати тақвияти фаъолияти маърифатию иттилоотӣ дар самтҳои зерин мавҷуд аст: диққати ҷиддӣ додан ба масъалаи сатҳи иттилоърасонии ҳуқуқӣ дар ҷомеа бо дарназардошти василаҳои муосири иттилоот, истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ ва дигар платформаҳои иттилоотӣ; дастрасу фаҳмо намудани мазмуни иттилооти ҳуқуқӣ, тафсири саҳеҳу равони санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки донистани онҳо дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ нақши муҳим доранд; ташаккули малакаҳои рафтори ҳуқуқие,ки ба талаботи ҷомеа ҷавобгӯ бошанд ва ғайра.

Бояд гуфт, ки маърифати ҳуқуқӣ омили зарурии нерумандест, ки ба сатҳи умумии маърифатнокии шахс таъсири амиқ мегузорад. Он вазифаҳои танзимнамоӣ, функсионалӣ ва мутобиқшавиро иҷро намуда, имкон медиҳад, ки тавассути худтанзимнамоии рафтор шахс муносибаташро бо дигар субъектҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ муайян намуда, мутобиқшавии иҷтимоию ҳуқуқиро дар дилхоҳ муҳит муваффақона ба сомон расонад. Хусусан, вақте ки сухан сари мутобиқшавӣ ба муҳити иҷтимоӣ меравад, донишҳои ҳуқуқӣ аҳаммияти хос пайдо менамоянд. Вобаста ба нақши маърифати ҳуқуқӣ дар таъмини камолоти сиёсию ҳуқуқии ҷомеа, метавон иброз намуд, ки он василаи муҳимми танзимкунандаи фаъолият ва рафтори шахс дар ҷомеа буда, тавассути меъёрҳои азхуднамуда, донишҳои ҳуқуқии азбарнамуда ва сатҳи иҷтимошавӣ шакли хоси муносибатҳои ҷамъиятӣ дар шахс, гурӯҳ ва ҷомеа ташаккул меёбад. Тавассути онҳо волоияти қонун таъмин гардида, шахс мустақилона муносибаташро ба раванду ҳодисоти гуногуни муайян мекунад. Ҷанбаи муҳимми ин муносибатҳо дар ҷавҳари қонунмеҳварии онҳо мебошад. Ин омил дар замони муосир вижагӣ ва аҳаммияти хос дорад. Сатҳи баланди маърифати ҳуқуқӣ, доираи васеи донишҳои ҳуқуқӣ ва шуури ҳуқуқӣ яке аз ченакҳои муаррификунанда дар роҳи ташаккули ҷомеаи ҳуқуқбунёд ва демократӣ мебошад. Дар заминаи таҳлили маводи фаровони илмию иттилоотӣ зарурат ва мубрамии эълони соли 2024 – Соли маърифати ҳуқуқиро асоснок намуда, иқдоми пешниҳоднамудаи Пешвои миллатро метавон ҳамчун нишонаи дарки эҳтиёҷоти иҷтимоӣ маънидод намуд, ки барои камолоти минбаъдаи ҳуқуқии ҷомеа роҳро ҳамвор менамояд.

Дар соли таҷлили 30-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон шудани ин иқдом амри зарурӣ ва саривақтӣ буда, дар масъалаи баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии ҷомеа аз аҳаммияти хос бархӯрдор аст. Таҳлил ва омӯзиши масъала ҳам нишони он аст, ки тадбирҳо дар самти тақвияти сатҳи донишҳои ҳуқуқии шаҳрвандон дар роҳи рушди минбаъдаи ҷомеаи ҳуқуқбунёду демократӣ заминаҳои мусоид фароҳам меоваранд. Таҳкими маърифати ҳуқуқии ҷомеа тавассути василаҳои гуногуни муосир имкони рушди ҷомеаро дар маҷрои қонунмеҳварӣ ва риояи тартиботи ҳуқуқӣ боло мебарад.

# АЙНӢ – ТОҶИКШИНОС



Эҳсон САФАРЗОДА – номзади илми филология

**Устод Садриддин Айнӣ ҳамчун асосгузори илми тоҷикшиносӣ дар байни халқҳои ҳамзабон шинохта шудааст. Ҳарчанд ӯ сад сол пеш ифтихори тоҷик буданро дар қалбҳо ҷойгузиш кард, дар муҳити имрӯзаи Тоҷикистон низ масъалаи ифтихори миллӣ ва ҳувияти миллӣ аз масъалаҳои умда ба ҳисоб меравад. Зеро дар замони истиқлол аввалин бор имконияти воқеӣ барои баррасии оммавии ин масъала ба вуҷуд омад.**

Бо дарназардошти ба вуҷуд овардани ифтихори миллӣ дар миёни тоҷикон устод Айнӣ дар ҳамаи эҷодиёташ-асарҳои адабӣ, таърихӣ, илмӣ ва зиёдтар аз ҳама, публитсистӣ ба масъалаи ҳувияти миллӣ, худшиносии миллии тоҷикон таваҷҷуҳ зоҳир кард. Ба ибораи дигар, устод консепсияи онро ба миён овард ва дар ин замина, мактаби эҷодӣ ва илмӣ бунёд кард. Зеро масъалаҳои миллӣ, хусусан, мавзуъҳои худшиносӣ, ватандӯстӣ, пос доштани арзишҳои миллӣ ва мубориза бахри Ватан-Модар саросари эҷодиёти устодро фаро гирифтаанд. Моҳияти ин, пеш аз ҳама, аз марому маслаки ӯ дарак медиҳанд. Ба ақидаи академик М.Имомов, «мазмунҳои худогоҳию худшиносӣ ҳанӯз аз ибтидои фаъолияти нависанда шуруъ мешаванд…» [14, 7]. Ӯ аз рӯзи аввал вазифаи худро дар ҷомеа хидмат ба халқ медонист. Агар дар навиштаҳои то солҳои Инқилоби Октябр ба илму маориф ҷалб намудани халқ, ки яке аз нишонаҳои баланд бардоштани худшиносии миллист, дар шеъру китобҳои дарсии таълифкардааш изҳори ақида карда бошад, сипас, баъди аз асорати зиндони амирӣ баромадан ва ғалабаи инқилоб барои устод майдони фаъолият хеле васеъ гардид. Аз ин ҷост, ки «тамоми осори бисёрҷанбаи С. Айнӣ – бадеӣ, илмӣ ва публитсистӣ дар ташаккули ҳувияти миллии тоҷикон нақши бузургро бозидааст» [6, 260].



Асарҳои муҳиме, ки дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ бахри баланд бардоштани рухи миллӣ ва ватандӯстӣ аз тарафи устод Айнӣ эҷод шудаанд, очеркҳои таърихии «Исёни Муқаннаъ» (1944) ва «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик» (1944) ба ҳисоб мераванд. Хусусан, дар очерки «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик», пеш аз ҳама, аз ободиву бойигарии табиии сарзамини тоҷик сухан меравад. Қайд мешавад, ки «он замонҳо (даврони пеш аз ҳуҷуми Чингиз - Э. С.) Мовароуннахр, Хуросон ва Хоразм ободтарин мамлакатҳои Шарқи ислом буданд…» …ободии Хуҷанд ба ҷойе расида буд, ки вайро «Тирози ҷаҳон» (зебу зинати ҷаҳон) мегуфтанд» [5, 7-9].

Дар ин асар низ чун дигар таҳқиқоти устод мафҳуми форс-тоҷик ё тоҷик-форс борҳо истифода шуда, аз равнақи илму фарҳанг ба ин забон бо ифтихори зиёд сухан рафтааст. Зикр мешавад, ки дар Хоразм то замони ҳуҷуми муғул ба забони тоҷикӣ таълиф ёфтани «Захираи Хоразмшоҳӣ» барин як китоби 12-ҷилда сазовори таҳсин аст. Дар бораи яке аз ҳукмронони хоразмшоҳӣ Султон Муҳаммад сухан ронда, устод Айнӣ бартарии ӯро чунон тавсиф менамояд, ки ин подшоҳ ҳадафҳои миллии худро на чун шоҳони пешина бо роҳи

ёфтани дили халифаҳои араб, балки бо усули танқиди рӯиростӣ онҳо (аббосиён) амалӣ кардан мехост. Маҳз ба ин сабаб халифаҳои аббосӣ бо дасти чингизиён ҳукумати ин мамлакати пурқувватро барҳам доданӣ буданд. Аммо аҳолии Мовароуннаҳр ва Хуросон ба эътибори аксар ҷанговар, нотарс ва ватанпарвар буданд. Барои исботи фикри худ устод Айнӣ аз муборизаву истодагарии самарқандиён зидди Чингиз мисоле нақл кардааст.

Бояд қайд кард, ки агар очерки «Исёни Муқаннаъ» дар бораи муборизаи мардуми Хуросон нақл кунад, очерки «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик» бевосита дар бораи қаҳрамонии мардуми Мовароуннаҳр қисса мекунад. Баробари ин, қайд мешавад, ки: «Султон Муҳаммад афсӯс, ки аз далерӣ, ҷанговарӣ, нотарсӣ ва ватандӯстии аҳолӣ фоида бурда натавонист» [5, 31].

Дар ин асар ифодаҳои бадеӣ, руҷуъҳо, нидоҳо фаровон истифода шудаанд ва нақши тасвири бадеӣ нисбат ба асарҳои дигари публитсистии адиб равшантар намудор мешавад. Устод Айнӣ симои қаҳрамони асосӣ – Темурмаликро тавре меофарад, ки корномаи ӯ ҷавонони тоҷикро дар замони душвори ҶБВ ба қаҳрамонӣ ҳидоят намояд. «Яке аз ватандӯстон, ки то имконияти охирин ба чингизиён муқобил истод, қаҳрамони халқи тоҷик - Темурмалик буд». Ин «ҳокими Хуҷанд – қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик…вазифаи аз тарафи ватан ба гарданаш гузошташударо» сарбаландона иҷро кард, «қарор дод, ки бо ҳар роҳе, ки бошад, ба қадри имкон ва қувват дар мудофиаи ватан кӯшиш намояд» [5, 35].

Профессор Б. Камолиддинов менависад, ки «дар симоофарии С. Айнӣ як равияи писандидаи нависанда мушоҳида мешавад.

Дар тасвири нахусти симои зоҳирию ботинии қаҳрамони асар ҳама аломатҳои зоҳирию ботинии ӯро батафсил тасвир мекунад. Вале бори дигар сухан дар бораи ҳамон қаҳрамон равад, ӯро на бо номаш, балки бо ягон аломати зоҳирӣ ё ботинии ба назар намоёнаш ёд мекунад» [16, 100].

Устод Айнӣ агар Муқаннаъро «ҷанговари қаҳрамон», «нотиқи гузаро», «олими забардаст ва нотарс», «лашкаркаши моҳир», «стратеги дурбин» [5, 157] нишон дода бошад, Темурмаликро борҳо «қаҳрамон» меномад ва ифодаҳои «ҷавонони тоҷики қодирандоз», «адмирали худраси тоҷик», «тоҷикони қаҳрамони Хуҷанд», «тоҷикон моҳиртарин ҷодугарон ва тилисмбандони дунёанд»-ро истифода мебарад. Баробари ин, аз савдогарон ҳамчун сияҳгӯшоне, ки пеш-пеши душман рафта, ба вай роҳ кушда, бар зиёни миллат кор мекунанд, ёд мекунад.

Барои тасдиқи фикр нависанда аз маъхазҳо низ истифода карда, қаҳрамонии халқи тоҷикро тасвир месозад. Чунончи, аз «Равзат-ус-сафо» меорад: «Чиғатойхон…таклифоте, ки аз ақл баид буд, нисбат ба мардуми тоҷик ба тақдим мерасонид… Аз ёсоқҳои борики ӯ халоиқ ба танг омаданд ва хусусан, мардуми тоҷик» [5, 75]. Дар асар ба бадкориҳои золимон қаҳрамонии халқ муқобил гузошта мешавад, барои ин Айнӣ хитоби ошкоро ба насли ҷанговари мубориз дорад: «Эй, он ки мурдаи ман ба дастат меафтад, агар некхоҳи одамон ва ватандӯст бошӣ, маро бо ин як каф хок гӯрон, ки ин ёдгории ватани азизи ман аст!»

Очерк бо оҳанги ватандӯстона, ҳисси баланди меҳру муҳаббати диёр ва қаҳрамонӣ навишта шудааст. Бояд қайд кард, ки С. Айнӣ ба тасвири корнамоии беамсоли Темурмалик қабл аз ин ҳам диққат дода буд. Дар очерки устод «Тирози ҷаҳон», ки соли 1936 таълиф шудааст, қисмати муҳимеро муборизаи Темурмалик бар зидди истилогарони муғул ва ҳамразмони ӯ ташкил менамояд. Аммо дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ такроран ба ин мавзуъ мурочиат кардани нависанда ба мароми муайяни эҷодии замон алоқаманд аст. Устод С. Айнӣ саргузашти Темурмаликро дафъаи дуюм ба тарзи дигар ба қалам дод. Агар вай дар очерки «Тирози ҷаҳон» дар хусуси ҷанги меҳандӯстонаи Темурмалик аз рӯйи навиштаҳои таърихнависон бо услуби илмию публитсистӣ нисбатан оромона сухан ронда бошад, дар очерки «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик» бо ҳиссиёти хос қаламкашӣ кардааст. Ҳамчунин, нависанда мехост, ки бо тасвири муборизаҳои қаҳрамононаи замонҳои пеш муборизони зидди фашизмро ба қаҳрамониву диловарӣ руҳбаланд кунад. Воқеан, дар ин асари устод Айнӣ истилои муғул, ваҳшонияти истилогарони чингизӣ дар Мовароуннаҳр ва муборизаи халқ ба муқобили лашкари бешумори душман тасвир шудааст. Дар маркази диққати муаллиф Темурмалик, ки ҳокими Хуҷанд буда, дар дифои ин шаҳр ва баъд аз он

ҳам қаҳрамониҳои беназир карда буд, қарор гирифтааст. Академик З.Раҷабов менависад, ки ба таҳқиқи ҷиддии илмӣ рӯ овардани устод Айнӣ дар асари мазкур аз он сабаб ҳам аҳамияти калон дошт, ки ӯ ба «он давраи таърихи халқи тоҷик сари кор гирифт, ки дар илми таърихшиносии муосир кам тадқиқ шуда буд» [19, 44].

С. Айнӣ «бо мақсади фаҳмотар шудани вазъияти давр» илова бар сарсухани он диққатро бештар ба мубориза̣ҳои замони гузашта мутамарказ кардааст. Дар замоне ки қимати инсонии шахсияти шаҳрванди Шуравӣ дар ҷанг аз имтиҳон мегузашт, дар назари нависанда ҷанг ченаки асосист, ки сифати инсонии хислати гузаштагон дар ҳамин ҷабҳаҳо санҷида мешавад. Ба таври хулосавӣ метавон гуфт, ки ин асарҳо дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар тарбияву бедор намудани ҳисси ватандӯстии мардум нақши муҳим бозид. Хусусан, очерки «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик»-и устод Айнӣ дар миёни асарҳои дар он замон иншогардида мавқеи махсус дошт. Ба ибораи забоншинос Р.Ғаффоров, нависанда «бо тапидани дил ва эҳтироси хурӯшон қаламкашӣ кардааст» [13, 183]. Аз ин ҷост, ки устод Айнӣ дар таърихи халқи тоҷик бори аввал истилоҳи «Қаҳрамони халқи тоҷик»-ро дар симои Темурмалик ба расмият даровардааст. Дар ҳақиқат, ҳар ду очерк: «Исёни Муқаннаъ» ва «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик» дар бобати баланд бардоштани руҳи миллии халқи тоҷик нақши намоён бозиданд. Устод Айнӣ шахсиятҳои таърихиро барои насли нав ибрат нишон дод ва ин бесабаб набуд. Онҳо, аз ҷумла, Муқаннаъ наҷоти халқро мехостанд. Дар ин бобат С. Нафисӣ гуфтааст: «Мо, эрониён, дар сояи исёни Абумуслим, Муқаннаъ ва дигарҳо, дар сояи ташкил ёфтани давлати Сомониён ва дар сояи шоирони онзамонаи Мовароуннаҳр ба сифати як миллат соҳиби забон шуда, дар дунёи зинда мондем. Агар он исёнҳо ва он ташаббуси мовароуннаҳриҳо намебуд, имрӯз Эрон ҳам мисли Миср як мамлакати араб шуда, мо, эрониён ҳам монанди мисриён араб мегардидем» [8, 14].

Дар ин росто, устод Айнӣ низ хизматҳо кардааст ва дар тасвиру тафсири таърихи мубориони роҳи озодӣ, қаҳрамониҳои намояндагони халқи тоҷик саҳми ӯ бузург аст. Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ин паҳлӯи фаъолияти С. Айнӣ бештар гашт. Ӯ дар роҳи мубориза алайҳи фашизм, ҳидояти халқи хеш дар мудофиаи ватан аз қалами хеш истифода кард. Дар ин бора ҳақ бар ҷониби фарзанди устод Камол Айнӣ аст: «Солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ падарам бештар дар мавзуи ватанпарастӣ асар эҷод мекард. Гоҳо ӯ ба таърихи қаҳрамонии мардуми тоҷик назаре меандохт. Вай қиссаи рӯзгори бузургони муборизи гузаштаро бо забони рӯз ва барои имрӯзи мамлакат – барои бедории руҳи қаҳрамонӣ ва ҳисси ватанпарастии ҷанговарони тоҷик дар китобҳояш нақл мекард, корномаи мардони далерро ба лавҳаи тасвири бадеӣ меовард, ки ба мақсади асосии мардум - бар фашистони одамхор ғолиб омадан хидмат карда тавонад» [8, 59].

Минбаъд, дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ устод Айнӣ дар як зумра асарҳои публитсистии худ – «Исёни Муқаннаъ», «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик» «руҳи саркаши миллат»-ро тараннум кардааст. Тавре ки мушоҳида мешавад, дар асари дуюмӣ назарияи синфгароӣ, ки дар солҳои бистуму сивум тамоми осори илмию фарҳангӣ дар асоси он офарида мешуданд, то андозае риоя нашудааст. Темурмалик ҳоким буд, аммо ӯро қаҳрамони халқ тасвир кардааст. Яъне, ин навъ навиштаҳои устод «...дар бораи Исёни Муқаннаъ, дар хусуси қаҳрамонии халқи тоҷик – Темурмалик, дар бораи амирони манғития, дар хусуси инқилоби Бухоро саҳифаҳои таърихии халқамонро мунаввар мекунанд» [22, 196].

Дар таҳқиқи осори илмӣ, публитсистӣ, таърихии Садриддин Айнӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар тамоми асарҳои таҳқиқшуда масъалаи ҳувияти миллӣ ва шинохти халқу миллати тоҷик инъикос гардидааст. Вобаста ба ин ва дигар мушоҳидаҳои худ пешниҳод менамоем, ки:

1. Беҳтарин асарҳои Садриддин Айнӣ, аз ҷумла, «Ёддоштҳо», «Ҷаллодони Бухоро», «Таърихи амирони манғития», «Ғуломон», «Марги судхӯр»ва осори публитсистияшро ба шакли мунтахабот, ё тамоми эҷодиёташро, ки сазовори таваҷҷуҳи аҳли оламанд, бо шаш забони расмии дунё чоп ва муаррифӣ намуд.

2. Дар Тоҷикистон Маркази Айнишиносӣ ташкил бояд дод, ки он ба омӯхтану таблиғи тамоми мероси устод, тарбияи мутахассисони ватанию хориҷӣ, айнишиносон машғул шавад.

3. Дар ҳамаи ихтисосҳои гуманитарии мактабҳои олии Тоҷикистон дар барномаи таълимӣ Айнишиносӣ ҳатман дохил карда шавад ва бо назардошти ихтисос таълим дода

шавад – адабиётшиносии Айнӣ, таърихшиносии Айнӣ, ҷаҳоншиносии Айнӣ, фалсафаи Айнӣ, педагогикаи Айнӣ, публитсистикаи Айнӣ ва амсоли инҳо.

4. Дар заминаи Феҳрасти солҳои 1963 ва 1978 омода ва чоп намудани Феҳрасти нав дар ду ҷилд, ки ҷилди аввал то солҳои Истиқлоли давлатӣ ва ҷилди дуюм баъди Истиқлоли давлатиро фаро гирад.

5. Пайдо ва бознашр кардани нусхаҳои асарҳои устод Садриддин Айнӣ ва осори таълифгардида оид ба фаъолияти ӯ, ки бо забонҳои хориҷӣ чоп шуда, дар китобхонаҳои дигар кишварҳо маҳфузанд.

## АДАБИЁТ:


1. Айнӣ, С. Акнун навбати қалам аст. Ҷилди 1 / С. Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1977. – 478 с.
2. Айнӣ, С. Акнун навбати қалам аст. Ҷилди 2 / С. Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1978. – 464 с.
3. Айнӣ, С. Ахгари инқилоб / С. Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1974. – 264 с.
4. Айнӣ, С. Ёддоштҳо / С. Айнӣ. – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик, 2009. – 680 с.
5. Айнӣ, С. Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик. Исёни Муқаннаъ / С. Айнӣ. – Душанбе: Маориф, 1978. – 168 с.
6. Абдуллаев, М. Таджикская публицистика и национальная идентичность / М. Абдуллаев. – Душанбе, 2014. – 309 с.
7. Азимов, А., Муродӣ, М. Назаре ба публитсистикаи устод Айнӣ / А. Азимов, М. Муродӣ. – Душанбе, 2018. – 112 с.
8. Айнӣ, К. Бист гуфтор аз маънавият / К. Айнӣ. – Душанбе: Адиб, 2004. – 240 с.
9. Асозода, Х. Воқеият, сиёсат ва Айнӣ / Х. Асозода. – Душанбе: Шуҷоиён, 2010. – 208 с.
10. Бартолд, В. Сочинение. - Т.2 / В. Бартолд. – М., 1964. – 661 с.
11. Бартолд, В.Сочинение. - Т.5 / В. Бартолд. – М., 1968. – 759 с.
12. Брагинский, И.С. Ҳаёт ва эҷодиёти Садриддин Айнӣ / И. С. Брагинский. – Душанбе: Ирфон, 1968. – 196 с.
13. Ғаффоров, Р. Забон ва услуби очерки «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик / Р. Ғаффоров // Ҷашнномаи Айнӣ. - Ҷ. IV. – Душанбе: Дониш, 1971. – С. 28.
14. Имомов, М. Сужет ва тасвир дар насри Садриддин Айнӣ / М. Имомов. – Душанбе: Адиб, 2007. – 427 с.
15. Имомов, М. Ҷаҳонбинӣ ва тафаккури бадеии Садриддин Айнӣ / М. Имомов. – Душанбе: Матбуот, 2001. – 119 с.
16. Маҳмадаминов, А. Адабиётшиносӣ ва худогоҳии миллӣ / А. Маҳмадаминов. – Душанбе: Сино, 1998. – 211 с.
17. Маҳмадаминов, А. Айнишиносӣ ва замони ҳозира / А. Маҳмадаминов. – Душанбе: Эҷод, 2005. – 160 с.
18. Раджабов З. Садриддин Айни - историк таджикского народа / З. Раджабов. – Душанбе: Таджикгосиздать, 1951. – 86 с.
19. Раҳмонов, Э. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китбои якум: Аз Ориён то Сомониён / Э. Раҳмонов. - Лондон: FLINT RIVER EDITIONS, 2000. – 240 с.
20. Расулиён, Қ. Тоҷик кист? / Қ. Расулиён. – Душанбе: Андалеб-Р, 2015. – 70 с.
21. Усмонов, И. Журналистика. Ҷилди 1 / И.Усмонов. – Душанбе, 2005. – 480 с.
22. Усмонов, И. Тоҷикнома. Китоби 1 / И. Усмонов. – Душанбе: Матбуот, 2018. – 328 с.
23. Усмонов, И. Тоҷикнома. Китоби 2 / И. Усмонов. – Душанбе: Матбуот, 2018. – 384 с.
24. Шишов, А. Таджики (Этнографические и антропологические исследования). Ҷилди 1 / А. Шишов. – Ташкент, 1910. – 330 с.

# САДСОЛАГӢ МУБОРАК, ДУШАНБЕ!



**Саидаи ФАЗЛ – Аълочии матбуоти Тоҷикистон**

> **Ҳар сокини Тоҷикистон ҳуқуқи маънавии комил дорад, ки бо номи Ватан ва пойтахти он-шаҳри Душанбе ифтихор кунад. Зеро Душанбе гаҳвораи эҳёи миллати тоҷик, ягонагии ормонҳои тоҷикон ва ҳамаи тоҷикистониён мебошад.**
>
> **Эмомалӣ РАҲМОН**

Воқеан, бо пойтахти кишвари худ ифтихор кардан аз ҳувияти ватандорист. Хусусан, пойтахте, ки симои миллату давлатро миёни шаҳрҳои дигари ҷаҳон муаррифӣ карда метавонад, пойтахте, ки ба сокинони кишвараш шодиву нишот, илҳому эътимод ва фараҳу сарбаландӣ эҳдо мекунад. Шоири хушкалом, устод Низом Қосим басе хуб гуфтааст: "Касе, ки як бор Душанберо дид, умрбод ошиқаш мешавад."

Ин бесабаб нест. Зеро Душанбеи мо шаҳри сайёҳӣ, шаҳри зебоӣ, шаҳри ҷавонӣ, шаҳри сулҳ, шаҳри гулҳо, шаҳри ободонӣ, шаҳри таърих ва зебоиофарон аст. Дар бораи Душанбе сайёҳони дохиливу хориҷӣ, сиёсатмадорон, олимону адибон бисёр суханҳои самимию меҳрбор гуфтаанд. Ёд меорем аз таҳқиқоти ширкати маъруфи «Mastercard», ки ҳанӯз соли 2018 дар миёни шаҳрҳои аз нигоҳи туризм ояндадор Душанбе сазовори ҷойи аввал гардид. «Ҷиҳати баҳравар гардидан аз мероси гаронбаҳои таърихӣ дар ин мамлакат шароити мусоид мавҷуд аст, - навишта шудааст дар маҷаллаи сайёҳии «34 travel». – Бузургтарин ҳайкали Буддои хобида дар Осиёи Марказӣ дар Душанбе ба маъразӣ тамошо гузошта шудааст.»

Яке аз донишмандони шинохтаи эронӣ Парвиз Нотили Хонларӣ аз тамошои зебоиҳои шаҳр ба ваҷд омада, менависад: «Душанбе дар сӣ соли охир ба сурати шаҳри зебо даромадааст, иморатҳои хубу хиёбонҳои паҳн ва пургулу дарахт дорад. Касе, ки дар урдубиҳишт (яъне моҳи дуюми соли шамсӣ, мусодиф ба 21-уми апрел ва 21-уми май) ба он ҷо сафар кунад, ба он «Гулшаҳр» ном хоҳад дод, зеро ки дар фурудгоҳу хиёбон ва боғу хона ҳама ҷо гул аст».




Бале, Душанбе бо баргузории фестивалҳои гуногун, гулрез гардондани кӯчаву хиёбонҳо ва бо рушди бомаромаш диққати сайёҳонро сол то сол бештар ҷалб мекунад. Озмуни «Сайри гули лола»-аш дарак аз фарҳанги баланди зебоиписандии мардуми диёр медиҳад. Тамошои гулзору лолазорҳои рангин ва боғҳои дилкушояш дар фасли Баҳор фараҳафзои дилҳост. Симои гулдухтарони чаканпӯшу атласпӯш ба ҳусни шаҳр ҳусни дигар зам мекунанд.

Ба назар мерасад, ки шуруъ аз соли 2018 барои муаррифии Душанбе имконот зиёдтар даст доданд. Чунончӣ, Душанбе маҳз дар ҳамин сол ба узвияти Федератсияи умумиҷаҳонии шаҳрҳои туристӣ (WTCF) шомил гардид. Агентии иттилоотии «Турстат»-и Федератсияи Россия тибқи назарсанҷиҳо, Душанберо ба даҳгонаи шаҳрҳои амнтарини кишварҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, шаҳри муносиб дар айёми баҳор барои сайёҳӣ ва ба даҳгонаи беҳтарин шаҳрҳои саёҳат ва

сафари шабона эълон кард. Ин арзёбӣ нуфузи на танҳо Душанбе, балки Тоҷикистонро бештар кард. Қарори Шурои вазирони сайёҳии кишварҳои узви Созмони Ҳамкории Иқтисодӣ аз 3 октябри соли 2019 дар бораи «Пойтахти сайёҳии кишварҳои аъзои Созмони Ҳамкории Иқтисодӣ — 2020-2021» эълон намудани Душанбе ба тасвиб расид. Вобаста ба ин, дар соли 2021 дар пойтахт беш аз сесад чорабинии сатҳи байналмилалӣ дар соҳаҳои илму фарҳанг, варзиш ва фароғат баргузор гардид. Ҳамчунин, бисёр муассисаҳои фарҳангӣ, иншооти сайёҳӣ, ёдгориҳои таърихӣ ва боғҳои фарҳангиву фароғатӣ бунёд ёфтаву таъмир гардиданд.

Душанбе агар дар замони Шуравӣ ҳамагӣ бо 8 шаҳр бародаршаҳр буд, имрӯз бо 22 шаҳри давлатҳои мухталифи ҷаҳон робитаҳои бародаршаҳрӣ ва бо 5 шаҳр ҳамкориҳои шарикӣ дорад.

Душанбе шаҳрест, ки ҳар меҳмонро мафтуни худ мегардонад. Бубинед, ки Елена Прус, хабарнигори Агентии миллии иттилоотии Беларус «БелТА» зимни сафараш ба Тоҷикистон аз таассуроташ чӣ мегӯяд: «Ростӣ, мафтуни зебоии шаҳри Душанбе гардидам. Ҳангоми сайругашти шомгоҳӣ дар хиёбонҳо аввал аз фавворaҳои зебо ҳаловат бурдам... Майдони "Дӯстӣ," Китобхонаи миллӣ, Осорхонаи миллӣ, майдони "Нишони давлатӣ," парчами баландтарини ҷаҳон (ки ба китоби рекордҳои Гиннес дохил шудааст – С.Ф.) ва Кохи Наврӯз дар шаҳри Душанбе аз ҷойҳои тамошобобу дидании дунёанд.»

Шояд инро бону Елена вақте гуфта буд, ки «Майдони Истиқлол», Масҷиди марказии ҷомеи Душанбе, ки дар ҷаҳон ҳафтум ва дар Осиёи Миёна якум маҳсуб меёбад, «Кохи Сомон», «Душанбе – Плаза», «Қасри Бахт» ё бунёд ва ё ба истифода пешниҳод нашуда буданд. Чунин мавзеъҳои фарҳангиву тамошобоб дар Душанбе торафт зиёд мешаванд. Истиқболи пуршукӯҳи 100-солагии Душанбе илҳоми шоири ҷавон Кӯҳзодро ба ҷӯш оварда, эҳсосашро таҳрик додааст, ки меҳри саршори худро ба ин шаҳри дилоро ва эҳсоси гармашро аз ҷаззобияти он бо завқ ба риштаи тасвир бидиҳад. Аз нигоҳи ӯ, имрӯз Душанбе афсонаи ҷаҳон гашта, халқи олам гирди он парвона гаштааст:

***Як шаҳри гулфишон аст, афсона дар ҷаҳон аст,***
***Ман ошиқам ба ҳусни афсонаи Душанбе.***
***Ҳамчун чароғ рӯшан ин шаҳри нурафшон,***
***Халқи тамоми дунё парвонаи Душанбе.***

Шоир хонандаро даъват мекунад, ки шукргузору садоқатпеша бошад ва ҳеҷ гоҳ нияти тарк кардани шаҳри азизи худро дар сар роҳ надиҳад:

***Таркаш намекунам ман то рӯзи марг, савганд,***
***Шукронаи маошу моҳонаи Душанбе.***

Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» аз 1 марти соли 2005 дар кишвар шанбеи сеюми моҳи апрел Рӯзи пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон-шаҳри Душанбе таҷлил мешавад. Дар ин рӯз бо баргузории конфронс ва барномаи махсуси фарҳангӣ тамоми ғолибони озмунҳои шаҳрӣ аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр бо мукофотҳои пуливу молӣ сарфароз гардонда мешаванд. Аз ҷумла, озмунҳои «Мураббии сол», «Омӯзгори сол», «Хонандаи сол» ва ҳамин гуна, озмуни беҳтаринҳо дар ҳама соҳаҳо ҷамъбаст ва ғолибон қадрдонӣ мегарданд. Чун маҷаллаи мо хоси соҳаи маориф аст, хуб мешавад, ба вазъи фаъолияти ин соҳа дар пойтахт қадре таваққуф намоем. Барои пешбурди пайвастаи ин соҳа дар шаҳр Сарраёсати маорифи шаҳр ва 4 шуъбаи маориф дар ноҳияҳои Исмоили Сомонӣ, Сино, Шоҳмансур ва Фирдавсӣ фаъолият мекунад. Тавре дар суҳбат сардори Сарраёсати маорифи шаҳр Баҳром Исмоилзода зикр кард, айни ҳол, дар қаламрави шаҳр, новобаста аз шакли моликият, 161 муассисаи томактабӣ бо фарогирии 31471 тарбиятгиранда (96 адад муассисаи буҷетӣ, 12-то тобеи ташкилоту идора ва вазоратҳо, 53 адад муассисаи томактабии хусусӣ) дар тобеияти Сарраёсати маорифи шаҳр муассисаи таҳсилоти томактабии №50, муассисаи таҳсилоти томактабии равиявии «Кӯдакони болаёқат» ва Хонаи кӯдакони синни томактабии №1 фаъолият менамоянд.

Мусаллам аст, ки роҳбарияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр аз пайравони асили Пешвои миллат дар самти маорифпарварианд. Ин аст, ки бунёд ва таъмиру таҷдиди муассисаҳои таълимӣ аз амалҳои доимии шаҳрдорӣ ба ҳисоб меравад. Президенти маҳбуби кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси шаҳри Душанбе, муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар ноҳияи Фирдавсӣ бинои нави литсейи равияи табиию риёзии Донишгоҳи миллии

Тоҷикистон, инчунин, гимназияи хусусии «Қалам» дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ барои 650 нафар хонанда, бинои нави муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №53 дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ барои 120 нафар хонанда, муассисаи таълимии хусусии «Саидумар» дар ноҳияи Фирдавсӣ ва гимназияи хусусии ба номи Марям Зиёеваро дар ноҳияи Фирдавсӣ барои 340 нафар хонанда мавриди баҳбардорӣ қарор доданд. Дар умум, соли ҷорӣ дар пойтахт 7 муассисаи таълимӣ барои 6284 нафар хонанда дар як баст ва 2 муассисаи таҳсилоти томактабӣ барои 435 ҷой бунёду таъмир ва муҷаҳҳаз гардид.

Бояд гуфт, ки яке аз омилҳои дарёфт ва рушди истеъдодҳо ба фаъолияти Марказҳои кӯдакону наврасон рабт дорад. Хушбахтона, фаъолияти ин Марказ дар шаҳри Душанбе миёни ҳамтоёни дигар фарққунанда ва воқеан, намунавист.

– Бо мақсади баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилот, ба эҷодкорӣ, навоварию ихтироъкорӣ, омӯзиши амиқи илмҳои табиӣ-риёзӣ, дақиқ ва забономӯзӣ, амалхусус, забонҳои англисӣ ва русӣ, баланд бардоштани руҳияи ватандӯстию ифтихори миллӣ ва инсондӯстии насли наврас, бо дарназардошти соли 2023 ва панҷ соли минбаъда дар шаҳр «Солҳои мутолиаи китоб, рушди сифати таҳсилот ва фарҳанги истифодаи фазои Интернет» эълон гардид, - гуфт дар суҳбат бо хабарнигори мо Б.Исмоилзода.

Чунин иқдомҳо дар ҳар самт пайваста пеш гирифта мешаванд. Иштироки хонандагони пойтахт дар олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ низ шоистаи таҳсин аст. Соли ҷорӣ аз муассисаҳои таълимии ҳудуди пойтахт дар ҳашт олимпиадаи баргузоршуда 5356 нафар довталаб иштирок карданд. Дар олимпиадаҳои фаннӣ 980 нафар хонандаи муассисаҳои таълимии шаҳри Душанбе пирӯзӣ ба даст оварданд, ки 421 нафар аз муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва 559 нафар муҳассилини литсею гимназияҳо мебошанд...

Омили дигари пешрафти сифати таҳсилоти хонандагон ба таҷҳизонидани муассисаҳои таълимӣ бо компютерҳост. Айни ҳол муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳри Душанбе бо 317 адад синфхонаи компютерӣ, 1964 адад тахтаи электронӣ ва 2070 адад проектор таъмин карда шудаанд. Дар иҷрои барномаи давлатӣ дар ин самт ҳамеша пойтахт пешсаф аст. Бо Қарори Раиси шаҳри Душанбе аз 6 августи соли 2020, №409 «Дар бораи татбиқи барномаи электронии «eDonish» дар муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳри Душанбе бо истифода аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ» татбиқи барномаи мазкур дар 104 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии пойтахт роҳандозӣ гардид. Ин барнома робитаи падару модаронро бо мактаб мустаҳкам гардонда, барои ислоҳи монеаҳои таҳсили хонандагон мусоидат мекунад. Дар масъалаи таҷҳизонидани кабинетҳои муосири фаннӣ, озмоишгоҳҳои таҷрибавию илмӣ бо асбобу васоити технологии замонавӣ, ҳамзамон, истифодаи мақсадноки онҳо пайваста бо омӯзгорон курсу семинарҳои омӯзишӣ баргузор мегардад.

Шаҳри Душанбе маркази илмию адабӣ, фарҳангӣ ва муассисаҳои гуногуни таълимист. Имрӯз дар пойтахти кишвар 12 муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ, 8 коллеҷ, 5 донишкада, 11 донишгоҳ, 1 академия, 3 филиали донишгоҳҳои Россия фаъолият мекунанд. Ба таъкиди Сарвари давлат, «Пойтахти давлати мо маркази рушду камоли миллати тоҷик аст.»

Ин аст, ки шаҳр бо тамоми шаҳомату нафосаташ ҳамеша мавриди таваҷҷуҳи шоирон қарор дорад. Ҳанӯз замони Шуравӣ устод Боқӣ Раҳимзода Душанберо олидараҷа васф карда буд, ки имрӯз боз ҳам аҳамияти бештар пайдо кардааст. Шоир лаззати хешро аз тамошои зебоиҳои Душанбе бо мисраъҳои бас самимӣ ва пурмуҳаббат ифода мекунад:

***Аҷаб шаҳри дилороӣ, Душанбе.***<br>
***Хаёлам, зеби дунёӣ, Душанбе.***<br>
***Шудам сарсабз дар огӯши меҳрат,***<br>
***Чу дил дар синаам ҷойӣ, Душанбе.***

Суруде, ки Махфират Ҳамроқулова дар замонаш месароид, имрӯз эътибори бештар пайдо кардааст:

***Гулҳои Душанбе осоиши ҷонанд,***<br>
***Гулҳои Душанбе оромиши ҷонанд...***

Ин овозхони хушсадо баъди сӣ сол ба Душанбе бозгашта, дар иҳотаи гулҳои зебову гулгаштҳои афсонавии он таронаи худро бори дигар бозхонӣ кард ва бо ин амал бори дигар моро ба дарки дунёи зебои пойтахт водор намуд.

Барои Шоири халқии Тоҷикистон, устод Мирзо Турсунзода низ ҳар гӯшаю ҳар мавҷудоти Душанбе азиз буд. Шоири маҳбуб, ба вижа, ба рӯди Душанбе, ки  аз кӯҳҳои баланд ҷорӣ мешавад, бартарии бештар додааст:

***Аз кӯҳи баланд аст равон оби Душанбе,***
***Тар карда, лаби ташналабон оби Душанбе.***
***Ҳарчанд ки ҷорист ба сад асру замонҳо,***
***Ба ёди Ватан монда ҷавон оби Душанбе.***

Васфи Душанбе бо дарназардошти муҳити фарҳангиву илмияш, аз ҷониби шодравон устод Лоиқ Шералӣ ҳам дар сатҳи баланд аст. Шоир дар шаҳр будани аҳли илму адабро барои он муҳим медонад, ки маҳз ҳамин гурӯҳ метавонанд онро ҳимоят кунанд ва обрӯю нуфузашро баланд бардоранд:

***Чӣ фирӯзахтару толеъбаландӣ,***
***Ки дорӣ хушдилону хушгилон ҳам.***
***Чӣ соҳибдавлату хушрӯзгорӣ,***
***Ки соҳиб дориву соҳибдилон ҳам.***

Шоири хушбаёни ҳамзамони мо, устод Камол Насрулло эҳсосоти худро ба таври дигар ифода мекунад. Ӯ Душанберо мухотаб қарор дода, бо ибораву ифодаҳои шоиронаи ноб онро васф мекунад:

***Шаҳри ишқам, шаҳри бахтам, шаҳри армонам, Душанбе!***
***Бо ту будам, бо ту ҳастам, бо ту мемонам, Душанбе!***
***Дар нумуи ту нумуям, обрӯят обрӯям,***
***Шаъну шонат шаъну шонам, ҷони ту ҷонам, Душанбе!***

Шоира Норинисо, ончунон аз тамошои Душанбе ба ваҷд меояд, ки ҳамаро ба тамошои ин макон даъват мекунад. Шоира мутмаин аст, ки ҳар кас ба ин шаҳр ояд, ҳатман шайдои он мешавад:

***Эй дӯст, биё, баҳри тамошои Душанбе,***
***Бешубҳа, ту ҳам мешавӣ шайдои Душанбе.***
***Дар ҳотаи дил рӯида бо ҳусни дилангез,***
***Шодӣ бифизояд гули раънои Душанбе …***
***Бо ҳиммати мардони баруманд ба дунё,***
***Машҳур шавад шаҳри дилорои Душанбе.***

Вақте ки ба ашъори Шоири халқии Тоҷикистон Гулназар Келдӣ рӯ меорем, таваҷҷуҳи ӯро ба ин мавзуъ бештар ҳис мекунем. Чунончӣ, дар як дубайтии худ Душанберо ба Бухоро ташбеҳ дода, бо ифтихор мегӯяд, ки имрӯз ин шаҳр ҳам мисли Бухоро маркази фарҳангиву адабист:

***Душанбе тахти Сино шуд, муборак,***
***Зи нав манзури дунё шуд, муборак.***
***Агарчанде дилам доғи Бухорост,***
***Душанбе ҳам Бухоро шуд, муборак.***

Ба ин маънӣ, Раиси шаҳри Душанбе, муҳтарам Рустами Эмомалӣ шаҳри Душанберо ҳамчун пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маркази сиёсӣ, илмию фарҳангии муаррифгари шоистаи симо ва оинаи давлату миллати куҳанбунёди тоҷик ном бурда, чунин таъкид мекунад: «Дар давраи арзишманди ташаккулёбии худ, пойтахти азизамон – шаҳри Душанбе бо саҳмгузории наслҳои гузашта сохта шуда, ҳоло дар марҳалаи инкишофи устувор ва рушди бесобиқаи худ қарор дорад».

Бале, Душанбе бо чунин вусъати бесобиқаи ободонӣ, бешубҳа, ояндаи боз ҳам дурахшон дорад. Аз он ки пойтахти Тоҷикистони азизи мост, месазад, ки ҳар шаҳрванди ҷумҳурӣ аз он ифтихор дошта бошад. Бовар дорам, ҳар фарди соҳибдил ин ифтихорро дар худ мепарварад ва ҳамзамон, дар ниҳоди фарзандону атрофиён таҳмил медиҳад. Ҳақ бар ҷониби устод Низом Қосим аст, ки гуфта:

***Эй Душанбе, шаҳри бемонанди ман,***
***Шаҳри дилбанди ба ҷон пайванди ман.***

Садсолагӣ муборак, Душанбе!

# ОИД БА ҚОИДАҲОИ АЛОМАТҲОИ КИТОБАТ



Абдусалом МАМАДНАЗАРОВ – профессор

**Солҳои охир кӯшиши зиёд ба харҷ дода мешавад, ки дар «Қоидаҳои имло ва қоидаҳои аломатҳои китобат» ба мақсади мувофиқ кардани онҳо ба талаботи замон дигаргуниҳо ворид карда шаванд. Бо вуҷуди қабул шудани «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ»-и нав (2021) (минбаъд дар шакли кӯтоҳ «Қоидаҳои имло» ва «Аломатҳои китобат»), ҳанӯз бисёр масъалаҳои марбут ба имло ҳалли худро наёфтаанд. Дилхоҳ рӯзнома ё маҷаллаеро ба даст гиред, ҳатман истифодаи ғалати аломатҳои китобати тире ва нимтиреро дар он меёбед.**

Бо мақсади равшанӣ андохтан ба масъалаҳои имло ва пунктуатсия мо ҳам дар пайравӣ аз олимони соҳибилми дигар чанд мақола – «*Аломатҳои китобат ва баъзе қоидаҳои имло дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ», «Оини навиштани ҳарфи калон дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ», «Оини кӯтоҳнависӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ*» (ниг. «*Омӯзгор*» ва маҷаллаи «*Маърифат*», июн ва июли соли 2006) ва як дастури таълимӣ барои донишҷӯён таҳти унвони «*Пунктуатсия ва имло дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ*» (2015) интишор карда будем.

Маъмулан, маҷмуи қоидаҳои аломатҳои китобатро дар матни хаттӣ бо истилоҳи лотинии «*пунктуатсия*» (*лот. punctuatio) – пунктум* – «нуқта» мушаххас месозанд. Аломатҳои китобат дар баробари ҳарфҳо ва қоидаҳои имло қисми таркибии низоми хатти ҳар як забон мебошанд. Аломатҳои китобат дар забонҳои гуногун вобаста ба сохторашон бо мақсадҳои муайян истифода мешаванд. Дар сурати риоя накардани аломатҳои китобат, вазифаи асосии онҳо, ки *хизмат кардан* чун *воситаи робита байни нависанда ва хонанда мебошанд,* халалдор гардида, метавонад сабаби нодуруст ба қисмҳо тақсим гардидани ҷумла, вожаҳо ва ғалат хондану фаҳмидани матни забон гардад. Аломатҳои китобат дарки матн, тақсимбандии маънои онро ба қисматҳои мушаххас таъмин мекунанд.



Ёдовар мешавем, ки баъд аз ба расмулхатти кириллӣ гузаштани забони тоҷикӣ дар соли 1940 аввалин қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ таҳия ва баъдан дар онҳо шаш маротиба – дар солҳои 1953, 1967, 1972, 1998, 2011 ва 2021 тағйироту иловаҳо ворид гардида буданд.

Чанде пеш китобчаи «*Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ»* (Душанбе, ҶДММ «Абдулло ва Искандар Ко», 2021)-ро харида мутолиа кардем. Хатоҳои истифодаи аломатҳои китобатро дар матни Қоидаҳо дида, андеша кардем, ки «онҳо шояд ғалатҳои техникии ношир бошанд.» Вале пас аз он ки аз Интернет нусхаи асли қарори ҳукуматро бо матни имлои нав дастрас ва бо матни китобча муқоиса кардем, маълумамон шуд, ки нашири китобча ҳеҷ хатое содир накардааст. Ин ғалатҳо маҳз аз тарафи мураттибон содир шудаанд.

Бо вуҷуди кӯшиши зиёди забоншиносону мураттибони «*Қоидаҳои аломатҳои китобат*»-и нав, он аз ғалатҳои ҷиддӣ холӣ нест, ба баъзе масъалаҳо ҷавоб нагуфтааст ва чанде аз аломатҳои китобат дар он тавзеҳ наёфтаанд (зада, саволу хитоб, ситорача ва се ситорача, аломатҳои мувозӣ). Чанде аз онҳоро мехоҳем баррасӣ созем.

*Аломати тире*. Дар забони тоҷикӣ истифодаи аломати китобати тире, мисли забонҳои англисӣ ва русӣ, нақши муҳим дорад. Аломати тире (–) вазифаи тавзеҳ ва ҷудо карданро иҷро менамояд. «*Қоидаҳои аломатҳои китобат»-и* забони тоҷикӣ ҳафт мавриди корбурди аломати тиреро хеле хуб тавзеҳ додааст [2021, с. 52–53]. Вале, мутаассифона, дар ҳамаи мавридҳо дар банди 7 ба ҷоий аломати тире (–) зиёда аз **40 маротиба** аломати нимтире (-) истифода шудааст, ки хатои маҳз аст, зеро аломати нимтире (-) вазифаи тавзеҳиро иҷро намекунад. Ба намунаҳои зерин аз Аломатҳои китобат таваҷҷуҳ кунед:

«13. Аломати тире вазифаи тавзеҳ ва ҷудо карданро иҷро менамояд ва дар мавридҳои зерин гузошта мешавад:

«- дар байни мубтадо ва хабари номие, ки феъли ёвар ҳазф шудааст.

Лоиқ - шоир.

Душанбе - пойтахти тоҷикон.

Фарзанди хуб - боғи падар, фарзанди бад - доғи падар. (Зарбулмасал)»…. [2021, с. 52–53].

Дар намунаи боло ва ҳафт мисоли дигар, дар ҳама ҷо, ба ҷойи тире (–) нимтире ё дефис (-) истифода шудааст, ҳол он ки ин ду аломат вазифаҳои комилан фарққунанда доранд. Дар ин бора дар «*Аломатҳои китобат»-и* нав бо унвони «Нимтире» тавзеҳ оварда шудаст:

«Нимтире (дефис) хатчаи васлкунандаи байни қисмҳои калимаи мураккаб ҳангоми якҷоя навиштан ё байни ду калимае мебошад, ки яке аз онҳо муносибати баёниявӣ дошта, якҷоя калимаи мураккабро ташкил медиҳанд» [2021, с. 61]. Дар ин фасл, яъне фасли 12. Нимтире (-), ҳам, ки «*Аломатҳои китобат*» 16 қоидаи истифодаи нимтиреро эзоҳ додааст, **16 маротиба** ба ҷойи тире (–) дар аввали бандҳо нимтире (-) навишта шудааст. Яъне, мураттибони «*Аломатҳои китобат»* ин масъаларо дуруст зикр мекунанд, мутаассифона, дар мисол овардан хато мекунанд. Се намуна меорем:

« - исмҳое, ки ҷузъи дуюми онҳо маънои мустақил надоранд: нон-пон, бача-кача, чой-пой, бозор-мозор, қанд-панд, тахта-пахта ва ғайра;

- дар байни калимаҳои тақлидӣ ва тасвирӣ: шар-шар, фаш-фаш, чак-чак, гум-гум, ғиҷир-ғиҷир, тиқ-тиқ, тақ-тақ, ялт-ялт, шав-шав, ав-ав ва ғайра;

- дар исмҳои хоси иқтибосӣ: Коста-Рика, Улан-Удэ, Сан-Марино, Рио-де-Жанейро, БуэносАйрес ва ғайра»… [2021, с. 62–63].

Пас биёед, бубинем, ки фарқ байни худи ин ду аломат дар навишт дар чист? Албатта, ҷойи баҳс нест ва фарқи ин ду аломати китобат барои ҳамагон маълум аст. Вале, азбаски мураттибони «*Аломатҳои китобат»* ба чунин хатоҳои дағал роҳ додаанд, ин аломатҳои китобатро барои онҳо тавзеҳ медиҳем.

Аломати тире (–) вазифаи маъноӣ ва грамматикӣ дорад ва мавридҳои истифодаи он инҳоянд… [ниг. «*Фарҳанги истилоҳоти забоншиносӣ*», 2016, с. 322]. Аломати китобати нимтире (дефис) бошад (-) дар мавридҳои зерин гузошта мешавад: [ниг. «*Фарҳанги истилоҳоти забоншиносӣ»*, 2016, с. 75].

Чунонки мебинем, дар навишт аломати китобати тире (–) аз нимтире (-), ки ними аломати тире мебошад, бо дарозтар будани худ фарқ мекунад. Байни навишти аломати тире ва нимтире каме монандӣ ҳаст, лекин аз рӯйи вазифаҳои грамматикӣ ва мавридҳои корбурд ин ҳарду аломат аз ҳамдигар куллан фарқ мекунанд ва **ҳеҷ гоҳ** набояд онҳоро мисли мураттибони имлои нав омехта кард. Аз ҷумла:

1) аломати тире (–) маънои вожаи «яъне»-ро дорад; аломати нимтире (-) хатчаи васлкунанда байни қисмҳои калимаи мураккаб мебошад;

2) аломати тире (–) ба ҷойи хабари ҳазфшуда меояд; аломати нимтире (-) байни калимаҳои такрор истифода мешавад.

3) аломати тире (–) пеш аз калимаҳои хулосакунанда меояд; аломати нимтире (-) ҳеҷ гоҳ маънои хулосакуниро ифода намекунад;

4) аломати тире (–) маънои пайвандаки «агар»-ро ифода карда метавонад; аломати нимтире (-) ҳеҷ гоҳ пайвандаки «агар»-ро иваз карда наметавонад.

5) аломати тире (–) сухани муаллифро аз нутқи айнан нақлшуда ҷудо мекунад; аломати нимтире (-) ҳеҷ гоҳ ба ин вазифа истифода намешавад.

6) аломати тире (–) ба ҷойи вожаҳои ифодакунандаи замон, масофа, андозаи ҳаҷм ва вазн истифода мешавад; аломати нимтире (-) ба ин маъноҳо ҳеҷ гоҳ истифода намешавад ва ғайра.

Фарқи байни аломатҳои тире (–) ва нимтире (-) дар луғатҳо, дар дастурҳои таълимӣ, Қоидаҳои имлои пешин ва нав, китобҳои дарсӣ тасвир, тафсир ва тавзеҳ дода шудааст. Аммо аксари донишҷӯён, ҳатто муҳаққиқон, ҳангоми навиштани диссертатсияҳо (*докторӣ ҳам*!) онҳоро нодида мегиранд, зеро монандии каме зоҳирии онҳо касро фиреб медиҳад ва на ҳама дар компютер корбурди дурусти онро медонанд. Дар натиҷа маъно халалдор мешавад. Аломати нимтире (-) ҳеҷ гоҳ бо фосила аз як тараф ё ду тараф навишта намешавад, аломати тире (–) бошад, баръакс, ҳатман бо фосила ҷудо навишта мешавад. Ҳамаи ин тавзеҳот дар «*Аломатҳои китобат*» сабт гардида бошанд ҳам, амалан дар матну мисолҳо ин қоидаҳо риоя нашудаанд.

Агар ба таҳлили оморӣ даст занем, умуман, дар «*Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ*» (2021), аломати китобати нимтире (-) 840 маротиба истифода шудааст. Бо вуҷуди шарҳ додани маънои аломати тире (–) ва мавридҳои истифода дар банди «**7. Аломати тире»**, ҳатто дар ҳамин банди мушаххаси ба аломати тире бахшидашуда ва дар дохили тамоми ин ҳуҷҷати расмӣ аломати тире (–) ягон бор ҳам истифода нашудааст. Ба ибороти дигар, аломати тире нодида гирифта шудааст ва дар 327 маврид, ки бояд аломати тире (–) истифода мешуд, нимтире (-) навишта шудааст. Дар натиҷа дар ҳамаи ин ҳолатҳо маъно коста шудааст, тире вазифаи худро иҷро накардааст.

Ин камбудҳоро хатои техникӣ ҳам номидан мумкин нест, зеро дар ҳуҷҷате, ки бо қарори Ҳукумати кишвар тасдиқ шудааст, хатои техникӣ шуда наметавонад. Пас ин чист? Дарк накардани фарқи вазифаҳо ва мавқеъҳои истифодаи аломатҳои нимтире (дефис) ва тире аз тарафи таҳиягарони Қоидаҳои имлои нав? Қабул надоштани аломати тире? Нодида гирифтани аломати тире? Ё чизи дигаре?

*Мулоҳизаҳои дигар*. Мехоҳем чанд мулоҳизаи худро дар мавриди аломатҳои китобати дигар низ, ки дар Қоидаҳои имло (2021) тавзеҳ дода нашудаанд, вале дар забони тоҷикӣ солҳо боз истифода мешаванд, иброз намоем.

*Нуқта бо нохунак*. Чизи дигаре, ки дар истифодаи он дар забони тоҷикӣ номуназзамӣ ба назар мерасад, истифодаи аломати китобати «нуқта бо нохунак» мебошад. Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ дар ҷумлаҳои айнан нақлшуда ё иқтибосот тарзи истифодаи нуқтаро мушаххас намесозанд. Масалан, оини истифодаи аломатҳои савол ва хитоб дар китобҳои дарсӣ дар ин мавридҳо дар дохили нохунак ҷойгир кардани ин аломатҳо, вале берун аз нохунак гузоштани аломати нуқтаро ба шакли анъана даровардааст. Қоидаҳои имлои соли 2021 низ ҳамин нуктаро собит месозад. Яъне, дар Аломатҳои китобат ин амал тавзеҳ наёфтааст, вале мисолҳо оварда шудаанд. Барои исботи ин фикр як намунаро аз худи «*Аломатҳои китобат*» меорем:

«Рӯзе он подшоҳро дар роҳе бо вай мулоқот афтод ва забон ба мақолот бикушод: «Эй дарвеш, сабаб чист, ки алоқа аз мо буридӣ ва қадам аз омадурафт кашидӣ?» Дарвеш ҷавоб дод: «Сабаб он ки донистам, ки наомада савол шунидан беҳтар аст, аз омада малол дидан». (Абдураҳмони Ҷомӣ)» [2021, с. 59].

Чунонки мебинем, дар ин мисол аломати савол дар дохили нохунак ва аломати нуқта берун аз нохунак гузошта шудааст. Яъне, дар ин ҷо номуназзамии истифодаи аломати китобат ба назар мерасад. Аз як тараф, аломати савол ва хитобро дар дохили нохунак гузоштан ва аз тарафи дигар, берун аз нохунак гузоштани аломати нуқта пешниҳод шудааст. Тибқи «*Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ*» [2021, с. 37] «нуқта дар охири ҷумлаи ҳикоягӣ гузошта мешавад. Ҷумлае, ки дар охири он нуқта гузошта шудааст, фикри тамомшударо фаҳмонида, мазмуни хабарӣ дорад».

Мо бар он ақида ҳастем, ки пас аз нохунак гузоштани нуқта ҳеҷ маъное надорад ва дар ҷумлаҳои иқтибосӣ аломати нуқтаро, мисли аломати савол ва ҳам хитоб, дар дохили нохунак гузоштан мантиқан дуруст аст. Яъне фикри тамомшудаи хабарӣ бо нуқта ба охир мерасад ва иқтибосӣ будани он бо нохунак мушаххас мегардад. Барои муқоиса, оинҳои имлои забони англисӣ дар дохили нохунак овардани ҳамаи аломатҳои навъҳои ҷумла, яъне хабарӣ бо нуқта, саволӣ ба аломати савол ва хитобӣ ба аломати хитобро, талаб мекунанд, ки мантиқан дуруст аст.

*Аломати мувозии шикаста* (/ ва //). Солҳои зиёд аст, ки як ё ду хатти мувозии шикаста дар забони тоҷикӣ, хусусан, дар феҳристи адабиёти рисолаҳои илмӣ роиҷ аст. Дар ин ҳолат ду хатти мувозии шикаста маънои «дар асари» ё «дар китоби»-ро дорад. Мисол аз худи имло:

«Ҳалимов С. Калимасозии исм дар забони адабии тоҷик /аз рӯи забони "Гулистон"-и Саъдӣ // Масъалаҳои забон ва адабиёт. Қисми 1/2. - Душанбе: Дониш, 1975. – С. 283–307».

Дар мисоли боло ду хатти мувозии шикаста ба маънои *«дар китоби»* «Масъалаҳои забон ва адабиёт» чоп шудани мақолаи С. Ҳалимов далолат мекунад. Вале дар «*Аломатҳои китобат*» ин аломат тавзеҳ наёфтааст. Профессор Т. Шокиров дар дастури таълимӣ «*Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ*» (2010) даҳ ҳолати истифодаи хатҳои мувозиро бо мисолҳо (саҳ. 58-59) шарҳ додааст.

*Хатти шикаста (Ҳуруфи моил). Хатти шикаста* (истилоҳи русӣ «*курсив*», англисӣ «*италикс*») кайҳо боз дар забони тоҷикӣ истифода мешуд ва истифода шуда истодааст, вале мураттибони «*Қоидаҳои аломатҳои китобат*» дар ин бора чизе намегӯянд. Масалан, ҳанӯз дар «*Грамматикаи забони тоҷикӣ*» (1956) ва фарҳангу луғатҳо ин навъ хат ба таври фаровон ба мақсади ҷудокунӣ истифода мешуд. Дар худи «*Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ*» (2021) хатти шикаста барои овардани мисолҳо дар ҳар як банду қоида бешумор истифода шудааст, вале чаро маҳз бо хатти шикаста оварда шудани ин мисолҳо дар ягон ҷо тавзеҳ дода нашудааст. Як мисол аз худи имло:

«17. Аломати нохунак дар мавридҳои зерин гузошта мешавад:

- Номи ташкилотҳо, китобҳо, маҷаллаву рӯзномаҳо ҳангоми истифодаи онҳо дар матн:

*Шумораи нахустини рӯзномаи нави тоҷикӣ "Паёми Душанбе", ки пайки айёми бозсозист, аз чоп баромад*». [2021, с. 59-60]

Дар намунаи боло намуна пурра бо хатти шикаста оварда, ибораи *"Паёми Душанбе*" дар дохили нохунаки шакли (" ") ҷойгир карда шудааст.

Ба иттилои хонанда мерасонем, ки дар забони англисӣ кайҳо боз барои ҷудо кардани номи ташкилотҳо, китобҳо, маҷаллаву рӯзномаҳо ҳангоми истифодаи онҳо дар матн нохунак истифода намешавад. Вазифаи ҷудо кардани ин номҳоро дар матн хатти шикаста иҷро мекунад. Агар мисоли болоро аз рӯйи қоидаҳои аломати китобати забони англисӣ нависем, он чунин шакл хоҳад дошт:

«Шумораи нахустини рӯзномаи нави тоҷикӣ *Паёми Душанбе*, ки пайки айёми бозсозист, аз чоп баромад».

Шояд мо ҳам аз истифодаи нохунак дар мавриди ҷудо кардани номи ташкилотҳо, китобҳо, маҷаллаву рӯзномаҳо ва ғайра ҳангоми истифодаи онҳо дар матн даст кашида, вазифаи ҷудокунии вожаҳо ё матнро ба хатти шикаста бисупорем? Агар истифодаи нохунакро ба вазифаҳои мухталиф дар ҳамин мақолаи дар дасти шумо буда мешуморидем, медидем, ки он қариб 100 маротиба истифода шудааст. Яъне бо истифода хатти шикаста ба ҷойи нохунак матни мо бо сад аломати типографӣ кӯтоҳ мешуд.

*Шакли аломати нохунак*. Аломати нохунак дар «*Аломатҳои китобат» (2021)* дар ин шакл (" ") дода шудааст. Яъне, нохунак тибқи ин ҳуҷҷат дар болои сатр гузошта шудааст. Нохунак асосан барои ҷудо кардан нутқи айнан нақлшуда аз сухани гӯянда ва баъзе мавридҳои дигар истифода мешавад. Дар забони русӣ ва англисӣ нохунак чунин (« «) шаклро дорад ва низ дар болои сатр гузошта мешавад. Вале дар барномаҳои компютерии забони тоҷикӣ (аз ҷумла *Times New Roman Tj*), ки аксари ноширон онро истифода мебаранд, аломати нохунак дар ин (« ») шакл ва дар мобайни сатр истифода мешавад ва онро компютер ба таври автоматӣ дар мобайни сатр ҷойгир мекунонад. Дар «*Аломатҳои китобат» (2021)* дар ҳамаи мисолҳо нохунак 152 маротиба маҳз дар ҳамин (" ") шакл ва дар болои сатр гузошта шудааст.

Яъне мураттибони «*Аломатҳои китобат»* (2021) нохунаки шакли дигареро ба расмият даровардаанд, ки ба нохунак монандӣ надорад. Нохунак вожаи тоҷикӣ буда, аз калимаи нохун ва пасванди хурдию навозишии *-ак* сохта шудааст ва маънои луғавиаш нохунча мебошад. Ҳангоми китобат аломате истифода мешавад, ки ба нӯги буридаи нохун шабеҳу монанд аст. Пас хонанда аз ин ҷо бояд чӣ хулоса барорад, минбаъд кадом шакли нохунакро аз се варианти додашуда истифода барад, онро дар мобайн гузорад, ё дар болои сатр? Ҳар бор, агар ман ба муҳаррир чизе барои таҳрир барам ин шакли (« «) нохунакҳоро ҳатман бо нохунакҳои «тоҷикӣ» дар ин шакл (« ») иваз мекунад.

Хулоса, ғалатҳои «*Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ*»-и соли 2021-ро ҳар чи зудтар ислоҳ карда ба ҷомеа пешкаш кардан лозим аст.

# ГУЗАРИШ БА НИЗОМИ 10-ХОЛАИ АРЗЁБӢ: ИМКОН ВА МОНЕАҲО



**Азим БАЙЗОЕВ – корманди Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ, дотсенти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**Аз охири соли гузашта бо ташаббуси Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои гузаштан ба низоми нави арзёбии сатҳи донишу маҳорат ва малакаву салоҳиятҳои хонандагон қарори дахлдор қабул гардида, гурӯҳи корӣ таъсис дода шуд. Ҳоло аз ҷониби ин гурӯҳи корӣ «Дастурамал оид ба озмоиши низоми баҳогузории 10-хола ва меъёрҳои арзёбии дониш, малака ва маҳорати хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» [5] таҳия гардида, дар муассисаҳои таълимӣ мавриди озмоиш қарор дода шудааст. Дар Дастурамал муҳимтарин масъалаҳои мавриди назар, аз ҷумла, зарурат, аҳаммият, методология, роҳҳои татбиқ, меъёрҳои баҳогузорӣ ва ғайра шарҳу тавзеҳ ёфтаанд.**

Вобаста ба ин масъала, ҳамон тавре ки Бой Нодиров – мудири шуъбаи хадамоти методии таҳсилоти умумии Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мақолаи худ таҳти унвони «Гузариш ба низоми 10-хола тақозои замон аст» қайд кардааст, «вокунишҳо ва фикру андешаҳо дар ин бора гуногун буда, мухолифи ҳамдигаранд.» [6].

Дар мусоҳиба бо Эҳсон Сафарзода – сармуҳаррири ҳафтаномаи «Омӯзгор» вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода зарурати гузариш ба ин низомро чунин шарҳ додааст: «Воқеан ҳам, имрӯзҳо дар шабакаҳои иҷтимоӣ доир ба масъалаҳои зикршуда баҳсу мунозираҳо идома доранд, ки мо низ маводу матолиби нашршударо мунтазам пайгирӣ менамоем. Бояд қайд кард, ки гузариш ба низоми баҳогузории 10-хола тақозои замон буда, таҷрибаи ҷаҳонӣ собит намудааст, ки меъёри баҳогузории 5-хола дониши воқеии хонандагонро инъикос карда наметавонад. Аз як тараф, меъёрҳои дақиқи баҳогузории фаннӣ пурра риоя намегарданд, аз ҷониби дигар, боиси воқеӣ набудани баҳо ва тобеияти он ба нигоҳу мақоми омӯзгор вобаста аст. Аз ин рӯ, зарурати гузариш ба низоми нави баҳогузории бисёрхола дар шароити имрӯза ба миён омадааст.» [7].




Ҳоло озмоиши ин низоми арзёбии сатҳи дониш, маҳорат, малака ва салоҳиятҳои хонандагон дар муассисаҳои таълимии минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ идома дорад.

Зарурати гузариш ба низоми нави арзёбиро, пеш аз ҳама, маҳдудияти низоми мавҷудаи баҳогузорӣ (5-хола) ба миён овардааст, ки ба он шакке нест. Ба ин масъала мо ҳанӯз соли 1989 дар мақолаи худ таҳти унвони «То донишҷӯ дониш ёбад» дар нашрияи «Ҷавонони Тоҷикистон» таваҷҷуҳи мутахассисонро ҷалб карда будем. Дар он мақола чунин омада буд (айнан):

«**Кадомаш беҳтар: + 4 ё - 5?**

Имрӯз чи дар мактабҳои миёна ва чи дар мактабҳои олӣ, аз системаи панҷбаллаи баҳомонӣ истифода мекунанд. Аслан, ин фақат ба ном «панҷбалла» аст, дар ҳақиқати ҳол, фақат аз 4 навъи баҳо: 2, 3, 4. 5 истифода мекунанд. Аз баҳои «1» фақат ном боқӣ мондааст у халос. Аммо моҳияти масъала дар чизи дигар аст. Ба фикри мо, системаи мавҷудаи баҳомонӣ сатҳи дониши хонандагону донишҷӯён, махсусан, ҳангоми муқоисаи дониши онҳоро пурра ифода карда наметавонад. Аз ин ё он фан баҳои якхела доштани донишҷӯён на ҳамеша исботи сатҳи якхелаи дониши онҳо шуда метавонад. Омӯзгорон гоҳе барои озурда накардани хотири донишҷӯ чунин илова мекунанд: «Чори ту аз чори фалонӣ фарқ мекунад». Аммо ҳуҷҷат «гувоҳ» аст, ки дониши ин донишҷӯ бо дониши фалонӣ баробар аст...

Ба фикри мо, агар миқдори баҳоҳо зиёдтар бошад (масалан, то 10 балл), он гоҳ ин мушкилӣ то андозаи қобили назар аз байн меравад. Зарурати объективии зиёд кардани миқдори баҳоҳоро худи раванди таълим тақозо мекунад. Охир, кам муаллимеро дучор омадан мумкин аст, ки зимни таълим аз баҳоҳое ба мисли - 3, -4, -5, ё +3, +4 истифода накунад. Худи ҳамин далели равшанест бар ноқисии системаи мавҷудаи баҳомонӣ. Зиёд шудани миқдори баҳо бояд ба вазъи таълиму тарбия таъсири мусбат расонад. Аз як тараф, сатҳи дониши хонандагон пурратар муайян мешавад ва муқоисаи онҳо саҳеҳтар мегардад, аз тарафи дигар, баъзе ақидаҳои хонандагону донишҷӯён доир ба «беадолатии муаллим» (ба ман ҳам 4 монду ба фалонӣ ҳам) то андозае аз байн меравад.» [3, 11-12].

Доир ба маҳдудиятҳои низоми панҷхолаи баҳогузорӣ ва омилҳои гузариш ба низоми бисёрхола баъдтар дар нашрияи «Маърифати омӯзгор» ва лоиҳаи «Дастурамали гузариш оид ба озмоиши низоми садхолаи баҳогузорӣ ба сатҳи дониш, маҳорату қобилият ва рафтори хонандагон» низ андешаҳои худро иброз дошта будем [1; 2]

Муҳимтарин нуктаҳо оид ба маҳдудияти низоми панҷхолаи ҷорӣ аз инҳо иборат аст:

Баҳои имрӯза нисбӣ аст, ба он маънӣ, ки мо ба хонандаи пешқадами синф баҳои «5» мегузорем, зеро аз рӯйи донишу саъю кӯшиш ӯ дар синф **нисбат ба дигарон** пешсаф аст. Худи ҳамин хонанда, агар ба муассисаи таълимии дигар, масалан, литсей ё гимназия интиқол ёбад, шояд баҳои «5»-и ӯ ба «3» баробар мешавад. Сониян, баҳои умумии хонанда ба таври тахминӣ аз миқдори умумии баҳоҳои ӯ муайян мешавад. Масалан, агар хонанда (шартан **хонандаи А меномем)** ду баҳои «4» ва ду баҳои «5» дошта бошад, баҳои умумӣ «5» мешавад. Пай бурдан душвор нест, ки ин баҳои ҳақиқӣ нест, зеро баҳои ҳақиқӣ ба 4,5 баробар аст: (4+4+5+5):4=4,5.

Ғайр аз ин, тафовуте, ки дар байни хонандагони баҳои якхела дошта ҳаст, нишон дода намешавад. Масалан, дар синф 10 хонанда метавонад баҳои якхелаи «4» дошта бошад, дар сурате ки дар байни онҳо хонандагоне ҳастанд, ки баҳои онҳо байни «3»-ю «4», «4»-и ҳақиқӣ» ё каме бештар аз «4» бошад. Ниҳоят, дар ин низом мавридҳои зерин низ ба назар гирифта намешаванд:

- Омодагии хонанда дар рӯзҳое, ки ҷавоб надод (баҳо нагирифт), ё дар дарс иштирок накард;
- Иҷрои вазифаи хонагӣ;
- Рафтору одоб;
- Иштирок дар дарсҳо;
- Сабақгардонӣ.

Низоми даҳхолаи баҳогузорӣ, ки солҳои оянда ҷорӣ хоҳад шуд, то андозае ин норасоиҳоро аз байн мебарад, зеро сехону чорхону панҷхонҳо акнун, агар сода карда гӯем, ба ду гурӯҳ ҷудо хоҳанд шуд (мутаносибан 5-6, 7-8, 9-10). Шахсан мо ин иқдоми Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҷонибдорӣ мекунем (ҳарчанд бештар ҷонибдори низоми садхолаи баҳогузорӣ будему ҳастем!), зеро нисбат ба низоми мавҷуда он як қадам ба пеш аст. Вобаста ба ин чанде аз мулоҳизаҳои худро роҷеъ ба роҳҳои муассири татбиқи ин низом мехоҳем пешниҳод кунем ва дар ин замина мутахассисони соҳаро ба табодули назар даъват намоем. Ба андешаи шахсии мо, ҳар як низоми баҳогузорӣ ҳамон вақт ба баланд бардоштани шавқу ҳаваси хонанда ҳамчун омили асосии беҳтар намудани сифати таҳсилот мусоидат мекунад, ки **агар баҳои гузоштаи мо ҳақиқӣ бошад.** Барои ин вазъи кунунии баҳогузориро таҳлил кардан кофист. Ҳақиқат ин аст, қисми муайяни баҳоҳои «3», ки мо дар охири сол (табели пешрафт) ва шаҳодатномаҳои хатм (9-сола ва 11-сола)

мегузорем, аслан, «2» аст. Мо маҷбурем, ки ин «2»-ро ба «3» табдил диҳем, вагарна хонанда шаҳодатномаи хатм намегирад!

Аз ҷониби дигар, баъзан баҳои «4»-ро барои хонандаи пешқадам ба «5» табдил медиҳем, «гузашт мекунем», ба ибораи дигар, «қаҳрамон» месозем. Тибқи таҳқиқоти олимони соҳа, дар ҷаҳон ҳар сол танҳо 5-6 нафарро пайдо кардан мумкин аст, ки тамоми барномаи таълими таҳсилоти миёнаро пурра, мукаммал, сад дарсад азхуд карда тавонанд. Аксари хонандагон маҳорату малакаҳои худро дар самти муайян (табиӣ-риёзӣ, филологӣ-ҷомеашиносӣ, технологияи меҳнат ва варзиш ва ғайра) зоҳир мекунанд, вале мо аз ҳамаи фанҳо ба онҳо баҳои «5» мегузорем!

Саволе ба миён меояд, ки агар ин вазъ идома ёбад, чӣ хоҳад шуд? Дар ин сурат дар низоми нави пешниҳодшуда аз имкон берун нест, ки баҳоҳои «1», «2», «3» аз байн меравад ва он аз «4» шуруъ хоҳад шуд (боз ҳам таъкид мекунем: дар ҳуҷҷатҳои расмӣ). Ҳамчунин, ба ҷойи баҳоҳои «8» ё «9» ба баъзе пешқадамон баҳои «10» хоҳем гузошт.

Ин масъала бисёр ҷиддист, зеро маҳз ҳамин воқеӣ ва ҳақиқӣ набудани баҳоҳо имрӯз низоми садхолаи баҳогузориро дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар чашми аксар мутахассисону устодону донишҷӯён ба низоми нодуросту бесамар табдил додааст. Зимни таҳлилу муқоисаи низоми таҳсилот дар кишварҳои гуногун (ИМА, Япония, Россия ва ғайра) ҳанӯз соли 2017 мо роҷеъ ба ин масъала таъкид карда будем: «Ба андешаи мо, бояд иқрор шавем, ки агар хонанда аз ин ё он фан баҳои ғайриқаноатбахш дошта бошад, ин фоҷеа нест, балки як ҳодисаи маъмулӣ аст. Ин табиати худи инсон аст – агар ҳодисаҳои хеле нодирро сарфи назар кунем, инсонҳои ҳамаҷониба тавонову боистеъдод вуҷуд надоранд. Моҳияти асосии ҳуҷҷатҳои таҳсилии мактабӣ, аз ҷумла, шаҳодатномаи хатм, бояд нишон додани қобилияту истеъдод ва дониши ҳақиқии хонанда бошад. Ин ҳам ба худи хонанда, ҳам ба падару модари ӯ ва ҳам барои онҳое, ки масъулони интихоби касбу ихтисос дар мактаб мебошанд, имкон медиҳад, ки ояндаи ӯ оқилона ва воқеъбинона интихоб шавад. Масалан, агар хонанда аз фанни «химия» баҳои ғайриқаноатбахш дошта бошад, ин бадбахтӣ нест, ин фақат чунин маъно дорад, ки ӯ дар оянда наметавонад пизишки хуб шавад. Аммо ӯ, ки аз забону адабиёт ва забони хориҷӣ баҳоҳои хубу аъло дорад, метавонад эътимоди комил дошта бошад, ки филолог, муаллими ин фанҳо ё тарҷумони хуб шавад. Бадии кор дар он аст, ки мо барои чанд нафар ба тарзи автоматӣ баҳои ғайриқаноатбахшро ба қаноатбахш табдил дода, ба бачагоне, ки дар ҳақиқат, лоиқи баҳои қаноатбахш ҳастанд, таъсири бади равонӣ ворид месозем. Бо «аълохонҳо» низ, мутаассифона, ин падидаро мушоҳида кардан мумкин аст...» [3, 40-41].

Ҳамон тавре ки аз мулоҳизаҳои боло бармеояд, агар хоҳем, ки низоми 10-холаи баҳогузорӣ, дар ҳақиқат, самаранок бошад, бояд як иқдоми ҷиддиро ба роҳ монем: пешниҳод мекунам, ки дар ҳуҷҷатҳои расмӣ (ҳама зинаҳои таҳсилот!) ба ҷойи баҳо баъзан навиштаи «иштирок кард»-ро истифода кунем. Яъне, хонанда (донишҷӯ) дар ин фан(ҳо) иштирок кардааст, аммо баҳои қаноатбахш ба даст наовардааст. Ва ин навишта набояд монеи идомаи таҳсили таълимгиранда бошад; ҳар хатмкунанда ба ҳамон равияҳое дар зинаи болотар роҳ дода мешавад, ки аз фанҳои дахлдори он баҳои мусбат ба даст овардааст (аммо забони тоҷикӣ (давлатӣ) бояд ҳатман баҳои мусбат дошта бошад).

Масъалаи дигар **таъсири баҳоҳои таҳсилоти миёна ба ояндаи хатмкунанда** аст. Солҳои Шуравӣ баҳои миёнаи шаҳодатномаи хатм ҳангоми дохил шудан ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ **ҳатман ба назар гирифта мешуд!** Ҳоло чӣ? Фарқ байни аълохону сехон намондааст, ҳар ду пас аз хатми муассисаи таҳсилоти миёна дар ҳолати якхела қарор доранд, имкониятҳои яксон доранд. Кор то ба ҷое расидааст, ки имтиҳоноти хатми давлатӣ ба харҷи маблағу вақти беҳуда ва асабоният табдил ёфтааст, зеро натиҷаҳои он дар ҳеҷ куҷо ба назар гирифта намешаванд (яъне, баҳои севу панҷ фарқ надорад).

Ба андешаи мо, яке аз омилҳои паст шудани эътибори омӯзгори муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ маҳз ҳамин аст, ки аксарият онро ҳанӯз дарк накардаанд. Имрӯз омӯзгор наметавонад бо ифтихор гӯяд, ки маҳз шогирди аълохони ӯ арзандаи таҳсил дар донишгоҳ аст. Ва маҳз ҳамин чиз хонандагон, махсусан, хатмкунандагонро фориғбол сохтааст: хонандаи синфи 11 пас аз интихоби кластер барои имтиҳоноти дохилшавӣ, медонад, ки аз кадом фанҳо имтиҳон месупорад. Ӯ таваҷҷуҳи худро маҳз ба ҳамин фанҳо равона месозад,

имкон бошад, омӯзгори инфиродӣ мегирад, аммо ба омӯзиши фанҳои дигар таваҷҷуҳи кофӣ надорад, зеро медонад, ки ақаллан баҳои «3» мегузоранд!

Ба ин хотир, хеле зарур аст, ки ҳисоби миёнаи баҳоҳои шаҳодатномаи хатм ҳангоми идомаи таҳсил дар зинаҳои боло ба назар гирифта шавад. Дар ин сурат, низоми имтиҳоноти тестиро бояд ба назар гирифт, ки 10 холи муассисаи таҳсилоти миёна на баробари 10 холи дохилшавӣ, балки (тибқи коэффитсиент ва индексатсия) ба маротиб бештар аз он бошад.

Ин ду омили берунаеанд, ки ба ҷорӣ шудани низоми даххолаи баҳогузорӣ ҳатман таъсир мегузоранд. Агар ин омилҳоро аз байн набарем, ба даст овардани мақсадҳои наҷиб (баланд бардоштани сифати таҳсилот) хеле ва хеле мушкилу норавшан боқӣ хоҳад монд.

Ёдовар мешавем, ки ин андешаҳои шахсии мо ҳамчун як мутахассиси соҳа аст. Аз имкон берун нест, ки роҳҳои дигари самаранок ҷорӣ кардани низоми нави баҳогузорӣ низ бошанд. Муҳим он аст, бо табодули назари хайрхоҳона ва масъулияти бештар ба ин ҷода қадам гузорем.

**АДАБИЁТ:**

1. Байзоев А. Дастурамали гузариш ба низоми садхолаи баҳогузорӣ ба сатҳи дониш, маҳорату қобилият ва рафтори хонандагон. – Душанбе: Сифат, 2016. – 28 с.
2. Байзоев А. Гузариш ба низоми нави баҳогузорӣ: афзалият ва нигарониҳо. // Маърифати мӯзгор, №11-12, 2013.
3. Байзоев А. Таҳсилоти фарогир: раҳёфти маҷмуӣ ба ҳалли мушкилот дар заминаи таҷрибаи пешқадам. – Душанбе: Донишварон, 2017. – 150 с.
4. Байзоев А. То донишҷӯ дониш ёбад. // Дар чорсӯйи андешаҳо. – Душанбе: Маориф, 2023. – с. 11-21.
5. Дастурамал оид ба озмоиши низоми баҳогузории 10-хола ва меъёрҳои арзёбии дониш, малака ва маҳорати хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Сармад-Компания, 2024. – 24 с.
6. Нодиров Б. Гузариш ба низоми 10-хола тақозои замон аст (манбаи интернетӣ).
7. Сафарзода Э. Рушди маориф – омили пешрафт ва суботи давлат (Мусоҳиба бо вазири маориф ва илм Саидзода Раҳим). // Омӯзгор, №4, 25.01.2024.

# ДАРКИ МОҲИЯТИ РАФТОРҲОИ АХЛОҚӢ АЗ ҶОНИБИ ХОНАНДАГОН

(Ба озмун)

Ниёзмуҳаммад САИДЗОДА – унвонҷӯи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

**Агар қоидаҳои одитарини рафтори ахлоқӣ ба кӯдакон аз хурдсолӣ омӯзонида нашаванд, баъдтар ин норасоиро ислоҳ кардан мушкил мегардад. Дар ин бора педагоги барҷаста А.С. Макаренко навиштааст: «Тарбияи дурусти кӯдак аз давраҳои аввал кори на он қадар мушкил аст. Ҳар як падару модар метавонад кӯдаки худро дуруст тарбия кунад, агар ӯ дар ҳақиқат, чунин хоҳиш дошта бошад. Азнавтарбиякунӣ бошад, тамоман гапи дигар аст. Агар кӯдаки шумо нодуруст тарбия ёфта бошад ва шумо дар бораи ӯ кам фикр кунеду кӯдакро тамоман беназорат монед, лозим меояд, ки ба кори ислоҳкунӣ машғул шавед. Ислоҳи рафтор ва азнавтарбиякунӣ фаъолияти осон набуда, донишу қувваи зиёд ва сабру тоқатро талаб мекунад, ки ин гуна маҳорат на дар ҳамаи падару модарон дида мешавад.»**

Академик М. Лутфуллозода менависанд, ки «Агар қоидаҳо ва дастурҳои динӣ тиллоӣ бошанд, тарбия зимни онҳо болотар аз тиллост: тарбия, ки мақсаднок шуд, ҳам тилло ба даст меояд, ҳам зару зевари дигар. Муҳимтар ва самараноктар ҳамин аст, ки аз ин қоидаҳо дуруст истифода барем. Ҳам худамон, ҳам фарзандонамон ва умуман, аҳли башар дар руҳияи он тарбия ёбем».

Дар мактаби ибтидоӣ кӯдакон бояд доир ба қоидаҳои асосии рафтори ахлоқӣ тасаввуроти васеъ дошта бошанд. Зарур аст, ки ба мактаббачагон на танҳо қоидаҳои рафторҳои ахлоқӣ омӯзонида шаванд, балки онҳоро талқин кардан зарур аст, ки тибқи қоидаҳои азхудкардаашон амал карда тавонанд. Ин, албатта, аз падару модарон ва омӯзгорон заҳмати зиёд талаб мекунад. Дар хотир доштан лозим аст, ки барои мактаббачагони хурдсол дар вазъиятҳои гуногун риоя намудани қоидаҳои ахлоқӣ душвор аст. Масалан, мактаббачаи хурдсол дар мактаб ҳамеша ба муаллимон салом медиҳад. Аммо берун аз мактаб, дар кӯча мумкин ин қоидаро риоя накунад. Ӯ ин корро қасдан



намекунад, фақат ӯ намедонад, ки ҳангоми дар кӯча, дар назди манзили истиқоматиаш бо шиносҳо (муаллим, падар ё модари рафиқаш ва ғайра) дучор омадан, ба онҳо салом додан лозим аст. Ё ин ки кӯдакон дар мошинҳои мусофирбар ба калонсолон ҷой намедиҳанд, барои он ки пештар ба онҳо падару модарон ё муаллимон наомӯзонидаанд. Асоси бисёр қоидаҳоро хушмуомилагӣ, бодиққатӣ, боодобӣ, бонтизомӣ, инсондӯстӣ, коллективизм, дӯстӣ, рафоқат, ҳисси қарзи инсонӣ, масъулият барои рафтору кирдори худ ташкил медиҳад. Барои ҳамеша хушмуомилаю боинтизом будан сифатҳои ахлоқиро аз худ кардан зарур аст. Рафторҳои ахлоқӣ тадриҷан бо роҳбарии омӯзгорон, падару модарон ва бо таъсири афкори ҷомеа ташаккул меёбанд. Бад-ин тартиб кӯдакон ба аз худ намудани доираи васеи қоидаҳои ахлоқӣ омода мегарданд.

Рафторҳои ахлоқӣ ба фарҳанги зеҳнии кӯдак зич алоқамананданд. Маданияти ботинӣ аз бисёр ҷиҳат рафтору кирдори зоҳирии одамро муайян мекунад, вале ҷиҳати зоҳирии рафтор низ ба маданияти ботинӣ метавонад таъсир мерасонад ва шахсро ба ботамкин, бофаросат

ва худшинос будан водор созад. Таҷрибаи мактаббачаи хурдсол ҳанӯз хеле кам аст, ӯ аксар вақт танҳо ба сабаби надонистани он, ки кай, дар куҷо ва чӣ хел бояд рафтор кунад, қоидаҳои ахлоқро вайрон мекунад. Бештар кӯдакон ба рафтори падару модар, калонсолоне, ки барои онҳо шахси баобрӯ мебошанд, назорат карда, ба онҳо тақлид менамоянд. Барои он ки дар ниҳоди мактаббачагони хурдсол рафторҳои шоистаи ахлоқӣ тарбия карда шавад, пеш аз ҳама, зарур аст, ки дар кӯдакон одатҳои ахлоқӣ рушд ёбанд. Аксар вақт, бинобар сабаби маҳдуд будани таҷрибаи шахсии ҳаётӣ ва беҷуръатӣ, мактаббачагони хурдсол рафторҳои шоистаи ахлоқиро иҷро карда наметавонанд. Бинобар ин, дар ниҳоди мактаббачагони хурдсол тарбияи намудани сифатҳои ахлоқӣ, аз қабили некдилӣ, саховатпешагӣ, тараҳҳум, таҳаммулпазирӣ, дасткушодӣ, дақиқкорӣ, адолатпешагӣ, боназокатӣ, қарзи виҷдон, некукорӣ, оромтабиатӣ, тараҳҳум, рафоқат хеле зарур аст. Мо оид ба тарбияи рафторҳои ахлоқӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ гузарондем. Қаблан омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ мувофиқи тавсияҳои мо бо хонандагони синфҳои ибтидоӣ корҳои тарбиявӣ гузаронданд. Ҳамзамон, омӯзгорон ҳикоя, суҳбат ва лаҳзаҳои махсуси тарбиявии педагогиро истифода бурданд. Таҷриба нишон дод, ки тасаввуроти хонандагони синфҳои ибтидоӣ оид ба меъёрҳои ахлоқии дар боло зикргардида то оғози таҷрибаҳо дар дараҷаи паст қарор дошт. Дар натиҷаи гузарондани чорабиниҳои тарбиявии мутассил тасаввуроти хонандагон оид ба малакаи рафторҳои ахлоқӣ зина ба зина аз синфи якум то синфи чорум такмил ёфт. Мо дараҷаи ташаккули рафторҳои ахлоқии мактаббачагони хурдсолро дар синфҳои озмоишӣ ва назоратӣ санҷидем. Дараҷаи ташаккулёбии тасаввуроти ахлоқии хонандагони синфҳои 3-4-и синфҳои озмоишӣ ва назоратӣ дар ҷадвалҳо оварда мешавад.

**Ҷадвали №1.**

Ҷавобҳои хонандагони синфи 3 оид ба дараҷаи ташаккулёбии ҷасорати ахлоқӣ (миқдори хонандагон 25-27 нафар)

| № т\р | Мафҳумҳо | Синфҳои озмоишӣ | | | | | | Синфҳои назоратӣ | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Дараҷ. баланд | | Дараҷ. миёна | | Дараҷ. паст | | Дараҷ. баланд | | Дараҷ. миёна | | Дараҷ. Паст | |
| | | Миқ. ҷавобҳо | % | Миқ. ҷавобҳо | % | Миқ. ҷавобҳо | % | Миқ. ҷавобҳо | % | Миқ. ҷавобҳо | % | Миқ. ҷавобҳо | % |
| 1. | Некдилӣ | 10 | 40 | 11 | 44 | 4 | 16 | 8 | 32 | 7 | 28 | 10 | 40 |
| 2. | Саховатпешагӣ | 11 | 44 | 9 | 36 | 5 | 20 | 8 | 32 | 6 | 24 | 11 | 44 |
| 3. | Тараҳҳум | 12 | 48 | 8 | 36 | 5 | 20 | 9 | 36 | 12 | 48 | 4 | 16 |
| 4. | Таҳаммулпазирӣ | 9 | 36 | 12 | 48 | 4 | 16 | 7 | 28 | 13 | 52 | 5 | 20 |
| 5. | Дасткушодӣ | 14 | 54 | 7 | 28 | 5 | 19 | 10 | 38 | 11 | 42 | 5 | 20 |
| 6. | Дақиқкорӣ | 9 | 36 | 12 | 48 | 4 | 16 | 6 | 24 | 13 | 52 | 6 | 23 |
| 7. | Адолатпешагӣ | 12 | 46 | 8 | 32 | 6 | 24 | 9 | 35 | 12 | 46 | 5 | 19 |
| 8. | Боназокатӣ | 9 | 36 | 9 | 36 | 7 | 28 | 5 | 20 | 13 | 52 | 7 | 28 |
| 9. | Қарзи виҷдон | 15 | 60 | 7 | 28 | 3 | 12 | 11 | 44 | 10 | 40 | 4 | 16 |
| 10. | Некукорӣ | 14 | 56 | 9 | 36 | 2 | 8 | 9 | 36 | 11 | 44 | 5 | 20 |
| 11. | Оромтабиатӣ | 8 | 32 | 10 | 40 | 7 | 28 | 6 | 24 | 11 | 44 | 8 | 32 |

**Ҷадвали №2.**

Ҷавобҳои хонандагони синфи 4 оид ба дараҷаи ташаккулёбии ҷуръатнокии ахлоқӣ
(миқдори хонандагон 25- 27 нафар)

| № Т\р | Мафҳумҳо | Синфҳои озмоишӣ | | | | | | Синфҳои назоратӣ | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Дараҷ. баланд | | Дараҷ. миёна | | Дараҷ. паст | | Дараҷ. баланд | | Дараҷ. миёна | | Дараҷ. Паст | |
| | | Миқ. ҷавобҳо | % | Миқ. ҷавобҳо | % | Миқ. ҷавобҳо | % | Миқ. ҷавобҳо | % | Миқ. ҷавобҳо | % | Миқ. ҷавобҳо | % |
| 1. | Некдилӣ | 12 | 46 | 10 | 38 | 4 | 15 | 9 | 35 | 8 | 30 | 9 | 35 |
| 2. | Некукорӣ | 12 | 46 | 11 | 42 | 3 | 12 | 9 | 28 | 7 | 27 | 10 | 38 |
| 3. | Тараҳҳум | 13 | 50 | 9 | 35 | 4 | 15 | 9 | 36 | 11 | 48 | 6 | 23 |
| 4. | Таҳаммулпазирӣ | 10 | 38 | 11 | 42 | 5 | 19 | 8 | 31 | 11 | 48 | 7 | 27 |
| 5. | Дасткушодӣ | 15 | 60 | 7 | 28 | 3 | 12 | 10 | 40 | 10 | 40 | 5 | 20 |
| 6. | Дақиқкорӣ | 11 | 42 | 11 | 42 | 4 | 15 | 7 | 27 | 14 | 54 | 5 | 20 |
| 7. | Адолатпешагӣ | 13 | 50 | 9 | 35 | 4 | 15 | 10 | 40 | 11 | 44 | 4 | 16 |
| 8. | Боназокатӣ | 10 | 38 | 11 | 42 | 5 | 19 | 6 | 23 | 14 | 54 | 6 | 23 |
| 9. | Қарзи виҷдон | 16 | 61 | 6 | 24 | 4 | 15 | 11 | 44 | 10 | 40 | 4 | 16 |
| 10. | Некукорӣ | 15 | 58 | 10 | 38 | 1 | 4 | 11 | 44 | 10 | 40 | 4 | 16 |
| 11. | Оромтабиатӣ | 10 | 38 | 12 | 46 | 4 | 15 | 6 | 24 | 11 | 44 | 8 | 32 |

Аз маълумоти дар ҷадвалҳо овардашуда бармеояд, ки пеш аз ҳама, барои ташаккули рафторҳои ахлоқӣ омӯзгорон бояд муносибати байниҳамдигариро, ки аз воситаҳои муҳимми тарбияи ахлоқии хонандагон ба ҳисоб меравад, дар коллективи ягонаву тифоқи мактаббачагони хурдсол ба вуҷуд оранд. Муҳимтар аз ҳама, дар коллективи хонандагон муносибати хайрхоҳонаву некдилиро фароҳам овардан лозим аст. Албатта, дар ин ҷо эътибор ва мақоми омӯзгорро зикр кардан зарур аст, бигзор, хонандагон донанд, ки ӯ барои онҳо на ҳамчун мураббӣ, балки ҳамчун дӯсту рафиқ низ ба ҳисоб меравад. Омӯзгорон бояд эътимод пайдо кунанд, ки фароҳам овардани вазъияти хушҳолию якдигарфаҳмӣ мактаббачагони хурдсолро муттаҳид месозад ва ҳамзамон, дар тинати онҳо нисбат ба ҳар як кори арзандаи коллектив ҳисси шавқмандиро бедор менамояд. Дар коллективи хонандагон ва оилае, ки раҳму шафқат, якдигарфаҳмӣ ҳукмрон нест ва мактаббачагони хурдсол иҷрои ин ё он супоришро аз рӯйи қарзи виҷдон иҷро намекунанд, онҳо бераҳму сангдил ба воя мерасанд. Дар мактаббачагони хурдсол тарбияи эҳсоси ба мусибати рафиқ ва дигарон шарик шудан қарзи имонии омӯзгорон ва падару модарон маҳсуб дониста мешавад. Шахс фақат дар сурате метавонад дӯсти беғараз ва бародари каси дигар гардад, ки ғаму андуҳи ӯро ғаму андуҳи шахсии худ донад.

Тарбияи таҳаммулпазирӣ қисми дигари таркибии тарбияи ахлоқии мактаббачагони хурдсол мебошад. Шояд ин яке аз қисмҳои таркибии душвортари тарбияи рафторҳои ахлоқӣ ба ҳисоб равад. Таҳаммулпазирӣ қувваи бузургест, ки дар дили одам эҳсоси поку наҷиберо бедор ва дар дили шахс ҷуръати ёрӣ расондан ба касони мухтоҷро бедор мекунад. Танҳо нафаре шахси арзандаи ҷомеа барои ормонҳои олӣ шуда метавонад, ки ӯ дар солҳои бачагӣ ва наврасӣ санъати олии инсон будан, фарзанди бовафои миллат шуданро омӯхта бошад.

Муваффақияти кори тарбиявӣ дар он зоҳир меёбад, ки бачаҳо аз хурдсолӣ бояд аз мактаби одамият сабақ омӯзанд, яъне дарк кардани мушкилоти каси дигар, шарики шодиву ғуссаи ӯ шудан, дар байни одамон зистан, дӯст доштани Ватан ва кинаю адоват доштан нисбат ба душманро ёд гиранд. Мактаббачае, ки дилаш ба ҳоли гунҷишки дар сармои қаҳратун бе сарпаноҳ ва бе обу дон монда месӯзаду онро аз марг наҷот медиҳад ва ниҳоли аз барф хамгаштаро рост мекунад, ҳеҷ гоҳ нисбат ба одамон бераҳмию сангдилӣ зоҳир намекунад.

# БАНАҚШАДАРОРИИ КОРҲОИ ТАЪЛИМӢ

**Гурӯҳи калон (5-6-сола, идома аз шумораи гузашта)**



Тӯтихон ДЕВОНШОЕВА – корманди Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф

**Шаклҳои ташкили корҳои педагогӣ**

**Шакли асосии фаъолияти омӯзгорӣ дар ин синну сол машғулиятҳои гурӯҳӣ ба шумор меравад. Иштирок дар онҳо аз тарафи кӯдакон дар ин синну сол ихтиёрӣ мебошад. Хуб мебуд, бачаҳо дар паси миз ба таври мудаввар шинонда шаванд, то ки ҳангоми иҷрои фаъолият дар машғулият ҳамдигарро рӯ ба рӯ дида тавонанд.**

Аслан оид ба банақшадарории кор бо кӯдакони синну соли калон ҳафтае як машғулият пешниҳод кардан хубтар аст. Талаб карда мешавад, ки мураббияҳо якчанд машғулияти бо ҳам алоқамандро кор карда бароянд. Бинобар ин, онҳоро лозим аст, ки машғулиятҳоро дар фосилаи начандон зиёд гузаронанд. Давомнокии машғулиятро аз 25 то 30 дақиқа тағйир додан мумкин аст. Сохти машғулиятҳои намунавӣ аз инҳо иборатанд: *муқаддимаи маводи нав (огоз) – то 10 дақиқа; кори эҷодии мустақилонаи фардӣ оид ба мавзуъ ё кори санҷишӣ дар варақҳои фардӣ; машқҳои мантиқӣ; иҷрои супорише, ки барои такрори мавзуъҳои гузашта дар тахтаи гурӯҳ пешниҳод шудааст.*

**Методҳои муҳимтарини таълим**

Ҳангоми ба нақша гирифтани корҳои методӣ, махсусиятҳои хотираи кӯдакони гурӯҳро ба ҳисоб гирифтан лозим аст, бахусус, хотираи биноиро. Аз ин рӯ, барои тарбиятгирандагон бештар асбобҳои аёнӣ лозиманд. Дар ин ҳолат қисме аз бачаҳо нақшаҳои абстрактиро беҳтар дар хотир нигоҳ медоранд – ба монанди нақшаҳои оид ба таркиби адад, доирачаҳо.




Аммо қисми дигари бачаҳо на аз рӯйи чунин нақшаву доираҳо, балки расми мушаххасро дар хотир нигоҳ медоранд: мисли мошинчаҳо ё шапалакҳо. Баъзе бачаҳо рақам ва ҳарфро аз рӯйи намоиши хуб дар хотир нигоҳ медоранд. Бо ин мақсад барои онҳо таркиби ададҳоро, дар шакли нақшаҳо нишон додан бамаврид аст. Барои онҳо нисбат ба шуморидан ва тезгӯяк гуфтан фикрронӣ муҳимтар аст. Масалан, дар болои мизҳо тақ- таққунӣ: «7-ин 1 ва 6, 2 ва 5, 3 ва 4; 7- ин 4 ва 3, 5 ва 2; 6 ва 1.»

Дар кӯдакистоне, ки шумо фаъолият доред, агар маводи дидактикии ҳархела бошад, мувофиқан системаи истифодаи пайдарпайи онро тартиб додан зарур аст ва танҳо пас аз он маводи омӯзишӣ ба бачаҳо пешниҳод карда мешавад. Пайдо шудани назорати ихтиёрӣ имкон медиҳад, ки фаъолияти беҳтарини мустаҳкамкунии донишу малака - бозӣ аз рӯйи қоидаҳои мушаххас истифода карда шавад. Дар давоми сол ба кӯдакон ёд додани домино, лотобозӣ ва ҳамарӯза ташкил кардани ин гуна бозиҳо ҳатмист. Дар машғулиятҳои математикӣ истифодаи баъзе бозиҳои камҳаракаткунанда қобили қабул аст.

**Ташкили муҳити рушдёбӣ**

1. **Фазои дамгирӣ:** гӯшаи катҳои нарм; китоб барои хониши мустақилона ва тамошо кардани суратҳо, дафтарҳои расмкашӣ, асбобҳои мусиқӣ бо сабти мусиқии классикӣ ва бачагонаи оммафаҳм, афсонаҳо; равшанӣ; аквариум; 2-3 тасвири манзараи табиати зебо.

2. **Дониш:** кура (глобус); харита, Парчам ва Нишони Ҷумҳурии Тоҷикистон; тахтаи гурӯҳ; коллексияи минералҳо, садаф, ҷалғӯза ва монанди инҳо; китобҳои рушддиҳанда; асбоби суратгирӣ, албоми расмҳо.

3. **Математика ва тайёрӣ ба саводомӯзии математикӣ**: асбоби таълим оид ба математика: муаммоҳои геометрӣ ва китобҳо барои машғулиятҳои мустақилона, лотои ададӣ. Дар девор – ҷой барои қатори ададҳо, ҷадвали ченакҳои чуқурӣ ва баландӣ, суроби ҳароратсанҷ, соати деворӣ, тақвим, асбобҳои ченкунӣ, ҷадвали ченкунӣ, дастури хушсурат, бозиҳои рӯйимизӣ ва ғайра.

4. **Фаъолияти мустақилона:** коғази тоза, фломастер, рангҳои акварелӣ, қалам, бӯр; мӯқалам, зарф барои об, латта; коғази рахдор барои математика; ширеш, коғази ранга, қайчӣ; пластилин ё гил, поя барои кор; дафтар барои рангкунӣ (аз рӯйи намуна).

5. **Театрбозӣ:** куртаҳои дарози миллӣ барои духтарон, ҷелакҳои миллӣ барои писарон, ҳамчунин, рӯймолча, кӯлоҳ, дастпӯшакҳо ва дигар маводи зарурӣ.

6. **Бозӣ:** барои писарон: маркази таъмирӣ - техникӣ, бензинрезак, маводи калону хурди сохтмонӣ, мошинчаҳои хурду миёна; барои духтарон: лухтакҳои андозаҳои гуногун, маҷмуи зарфҳо, либосҳо, таҷҳизот барои нигоҳдории онҳо.

**Машғулиятҳо**

**Сентябр.** Ташхиси кӯдакон гузаронда мешавад. Такрори мавзуъҳо оид ба ифодаи амалҳо ҳангоми сайругашт. Ҷамъоварии баргу гулҳо барои гербария ва муқоисакунӣ. Мушоҳидаи барги дарахтон ва гулҳо аз рӯйи ҳаҷм, ранг (мувофиқи фаслҳои сол). Дар ташкил ва гузарондани ҷашни «Меҳргон» намудҳои зиёди меваю сабзавот ҷой дода мешаванд. Онҳо аз рӯйи аломатҳо - калимаҳоро ба гурӯҳҳо ҷудо карда метавонанд: яъне аз рӯйи шакл ва ҳаҷм меваҳо ба *даврашакл* ва *дарозрӯя* тақсим карда мешаванд.

Такрори ҳисоби ашё дар *доираи то 10*. Маводи табииро истифода кардан ба мақсад мувофиқ мебошад. Дар замин, болои қуми тар бо ангушт ё чӯб ададҳои чопӣ навиштани кӯдакон аз фоида холӣ нест.

Инчунин, бо кӯдакон такрори шаклҳои геометриро тавассути тасвири онҳо дар болои қум бо чӯб ё ангушт гузарондан мувофиқи мақсад аст. Хуб мебуд, ки оид ба *баробарӣ* ва *миқдор* машқҳои такрорӣ ташкил карда шаванд.

а) Ҷалғӯзаҳои булутӣ ва санавбарӣ: меваи шоҳбулутро ҷамъ оварда, дар ду қатор рост чида мемонанд. Кӯдакон дар кадом қатор *бисёр* ва дар кадом қатор *кам* будани онҳоро муайян мекунанд. Ҷойи маводро тағйир дода, машқро такрор кардан мумкин аст. Мураббия метавонад маводи як қаторро дар шаклҳои гуногун, аз ҷумла, дар шакли давра гузорад ва онро такрор кунад. Кӯдаконро бояд хотиррасон намуд, ки 2 роҳи муқоисакунӣ вуҷуд дорад: *барқарор намудани мувофиқатӣ ва шумурдани ашё*.

б) Интихоб намудани чалғӯзаҳои бисёр дар як гурӯҳ ва чалғӯзаҳои кам дар гурӯҳи дигар. Амалҳои дар боло нишондода такрор карда мешаванд.

в) Чалғӯзаҳо, сангчаҳо ва садафҳои ҳаҷман бисёру камро ҷамъ намуда, аз кӯдакон хоҳиш карда мешавад, ки онҳоро аз рӯйи шаклу миқдор ҷудо ва муайян кунанд.

г) Сангчаҳои қум ва об муқоиса карда мешавад. Аввал зарфҳои аз рӯйи ҳаҷм ва шакл якхеларо истифода мебарем. Онҳоро бо қуму об пур мекунем. Калонсол ба кӯдакон *мефаҳмонад*, ки дар кадом зарфҳо қум ё об зиёд (кам) аст. Сипас супоришро мураккаб мекунем: зарфҳои гуногунҳаҷм ва зарфи дигареро, ки чун ченкунанда истифода мешавад, мегирем. Аз зарфи аввал қумро ба зарфи ченкунанда рехта, сатҳи онро қайд мекунем ва боз онро ба зарфи аввалааш мерезем. Инчунин, баъди бо ин усул чен кардани об кӯдакон бо кумаки калонсол тағйироти баамаломадаро ме*фаҳманд*.

Қобилияти бо мафҳумҳо кор кардан ба ин омилҳо вобастагӣ дорад:

1. Маҳорати муайян кардани аломатҳо ва хусусияти ашё дар муқоиса бо ашёи дигар;
2. Маҳорати ёфтани аломатҳои умумӣ ва хоси ашё;
3. Маҳорати фарқ карда тавонистани хусусиятҳо ва аломатҳои аслӣ ва нисбии ашё.

**Октябр. Машғулияти 1. Мавзуъ***: «Бештар ва камтар, баробар ва нобаробар». Калон – зиёдтар - бисёр калон; хурд- камтар - бисёр хурд.*

**Аёният:** тахтаи гурӯҳ, бӯри ранга, шаклҳои геометрӣ, аломатҳои «баробар» «калон», «хурд».

Омӯзишро аз муқоисакунӣ бо баробарӣ аз рӯйи ҳаҷм оғоз мекунем.

**Мураббия: –** Бачаҳо, кӣ ҳайвони аз харгӯш калонро номбар карда метавонад?

**Бачаҳо: –** Рӯбоҳ, гург, хирс.

**Мураббия: –** Боз ҳайвонҳои калонтарро номбар кунед.

**Бачаҳо**: **–** Фил, ҷӯтос, шутур.

**Мураббия: –** Кӣ медонад, ки дар дунё ҳайвони аз ҳама калон кадом аст? (Кит).

**–** Дуруст. Акнун ҳайвонҳоеро номбар кунед, ки аз харгӯш хурд бошанд…

**–** Дар назди шумо аз шаклҳои геометрӣ 2 давра истодааст. Оё онҳо аз рӯйи ҳаҷм баробаранд? (Не, онҳо нобаробаранд). Кадом давра калонтар аст?

**–** Бигӯед, ки ин 2 секунҷа аз рӯйи ҳаҷм баробаранд? (Не, онҳо баробар нестанд). Кадомаш хурдтар мебошад?

**–** Кӣ аз байни ин шаклҳои геометрӣ квадратеро меёбад, ки ба квадрати дар дасти ман буда баробар аст?

**–** Қолабҳоро гиред, ду шакли геометрии баробарро ёбед ва байни онҳо аломати «=» гузоред.

**–** Ин секунҷаҳо баробар нестанд. Дар байни онҳо аломати «#» гузошта мешавад. Дар хотир доред: ин аломати хатзадаи баробарӣ аст. 2 шакли ҳархеларо кашед ва ин аломатро дар байни онҳо гузоред: «#».

Дар тахтаи гурӯҳ 2 шакли геометрӣ кашида шудааст. Кадом аломатро байни онҳо гузоштан мумкин (кӯдаке аломати зарурирo бо бӯр дар тахта мегузорад).

**–** Ду рақамро (5 ва 7 –ро) кашед. Кадом аломат дар байни онҳо гузошта мешавад? Рақами 9-ро кашида, дар бараш аломати «=» мегузорем. Кӣ рақами мувофиқро баъди аломат мегузорад?

**–** Фикр карда, мустақилона ягон ашёро кашед, ки дар байни онҳо аломатҳои «=» ё «#» зикр шаванд. Ба фикрам, Юсуф мошинча, Наҷибаю Алиҷон бошанд, зочаю гул мекашанд. Касе, ки супоришро барвақт иҷро кунад, метавонад дар бораи расмҳои кашидааш нақл кунад.

**Мустаҳкамкунӣ**: кӯдакон якҷоя ҳисобро *аз 1 то 5 ва аз 5 то 1* такрор мекунанд. Шеърҳо ва бозиҳои гуногун истифода карда мешавад. (Мавзуъ аз рӯйи маводи бачагона «Математикаи шавқовар» мустаҳкам карда мешавад.)

**Машғулияти 2.** ***Муқоисаи миқдор.*** Дар аввал ба кӯдакон тавсия мешавад, ки бо «нигоҳ» миқдори зиёд ё ками об ё регро муайян намоянд. Ҳамин тавр, миқдори пайдарпайро муқоиса менамоем. Мисолҳои аввалин бояд ҷавоби мушаххас дошта бошанд. Баъдан аз кӯдакон хоҳиш карда мешавад, ки миқдори оби дар зарфҳои гуногунҳаҷм рехташударо муқоиса намоянд. Диққати кӯдаконро ба он бояд равона кард, ки дар зарфҳои якхела миқдорро мушоҳида ва муайян намоянд. Фарз кардем, регро дар пиёла ва лаълича мерезем. Рег дар лаълича нисбат ба пиёла бояд зиёдтар бошад. Аммо инро набояд бо нигоҳ маълум кард. Мо бояд фикри кӯдаконро ба он равона намоем, ки онҳо роҳҳои гуногуни муқоисакуниро ёбанд. Кӯдакон метавонанд аввал регро ба зарфҳои якхела резанд ва онро аз рӯйи вазн низ муайян намоянд. Барои ин регро ба паллаҳои тарозу гузоштан лозим аст. Аммо дар бораи тарозу ва воҳиди ченакҳои вазн маълумот додан лозим нест. Мақсад танҳо муайян кардани миқдори каму зиёди ашё мебошад. Ғайр аз рег, мо метавонем аз ашёи дигар (тасмача, рӯймолча ва ғайра) низ истифода барем, яъне кадом тасмача дарозу кадом рӯймолча васеътар аст. Баъдтар бо кӯдакон машқи «Бо як калима ифода кун!» гузаронда мешавад. Мураббия чор калимаеро, ки мафҳуми якхела доранд, номбар мекунад. Кӯдакон калимаи истифодакунандаи номи умумии онҳоро меёбанд ва номбар мекунанд, аз қабили *миз, курсӣ, кати хоб – анҷоми хона* ва ғайраҳо.

Мураббия метавонад оид ба гулҳо, ҳайвоноти хонагиву ваҳшӣ, либос, парандагон, зарфҳо ва ҳоказо бо кӯдакон суҳбатҳо баргузор намояд.

**Ноябр. Машғулияти 3.** ***Таркиби адади 5 (аз якиҳо). Ҷойгиршавии ашё нисбат ба якдигар. Ҳисоби овозҳо.Ҷисмҳои геометрӣ: куб ва кура.***

**Мураббӣ: –** Бубинед, ман аз баргҳои тирамоҳӣ чӣ гуна гулдастаи зебо тайёр карда овардам. Ба гулдон чандто баргро гузоштан лозим, Юсуф ҳисоб мекунад.

**Юсуф: –** 1, 2, 3, 4, 5 – ҳамагӣ 5 барг.

**Мураббӣ: –** Юнус, канӣ гӯед, ки дар гулдон кадом намуди баргҳо гузошта шудаанд? Биёед, ҳамроҳ муайян кунем:

– Як барги зардолу;

– Як барги шафтолу;

– Як барги ангур;

– Як барги анҷир;

– Як барги себ.

– Канӣ, Насиба, шумо чӣ қадар барг доред? (1, 1, 1, 1, 1- ҳамагӣ 5 барг).

– Мо рақами 5-ро чӣ хел пайдо намудем? (Аз даруни баргҳо яктоӣ барг гирифта, онҳоро ҳисоб кардем ва рақами 5 ҳосил шуд).

– Рақами 5 аз якиҳо иборат мебошад (1, 1, 1, 1, 1 баробари 5).

– Акнун, бачаҳо, ба ин расм нигаред. Дар боғ дарахтони гуногун месабзанд, дар байни онҳо кунда ҳаст.

– Кунда дар куҷо ҷойгир шудааст? (Аз қафо, аз пеш, аз чап, аз рост ва ғайра)

*Лаҳзаи дамгирӣ:* Чашмҳоро пӯшида, овози парандагонро гӯш кунед ва ҳаловат баред.

– Ҳудҳудак чанд бор ҳуд-ҳуд кард?

– Зоғ чанд бор қар-қар кард?

– Гунҷишкак чанд бор ҷиғ-ҷиғ кард?

– Фароштурук чанд бор чириқ-чириқ кард?

Бозии *«Ҳар шохча бачагони худро дорад»:*

– Дарахти себ мева дорад, он ба чӣ монанд аст?

– Ба кура.

– Ин ашё ба чӣ монанд аст? (Мураббӣ ягон ашёро интихоб мекунад).

– Ба куб.

Ба кӯдакон ашёи гуногун пешниҳод шуда, бозии «Кадом ашё ба чӣ монанд аст?» гузаронда мешавад.

– Дарахти нок мева дорад, шакли нок чӣ гуна аст? (Тухмшакл).

Кӯдакон донаҳои гандум, ҷав, биринҷ, нахӯдро мебинанд ва аз онҳо ҳар гуна қолабҳо (офтобак, даврача, баргак, нақшҳои гулдӯзии тоҷикӣ ва ғайра) месозанд. (Мавзуъ аз рӯйи маводи бачагона «Математикаи шавқовар» мустаҳкам карда мешавад.)

**Машғулияти 4. Адади 6. Рақами 6. Бисёркунҷа.** Мусиқӣ садо медиҳад. Дар рӯйи парда тасвири ҳашароти гуногун, адади 6-и хурду калон ва Шоҳдухтар Шаш ҷой дода шудаанд. Ӯ духтарчаи чустучолоки хандонрӯй, дар танаш куртаи ҳарири гулобӣ ва мӯйҳои дарози ҷингила дорад. Ғайр аз ин, дар саҳна Якиҳо ҷой дода мешаванд.

**Шоҳдухтар Шаш: –** Ассалом! Шумо бо дӯстони шашпои ман – шапаракҳо, малаххҳо шинос ҳастед? Ман ба шумо дар бораи ҳашарот намоишнома овардам. (Намоиши филм). Ман занбӯри асали меҳнаткашро бисёр дӯст медорам ва барои шумо асал овардам. Ин асал дар занбӯрхонаҳо ҷойгир шудааст. Одамон аз онҳо асалро кашида мегиранд ва аз мумашон шамъ месозанд.

Бубинед, занбӯрхона шакли бисёркунҷа дорад, он аз тарафу кунҷҳо иборат аст. Ман онҳоро мешуморам (1, 2, 3, 4, 5, 6). Шумо низ дар гирду атроф чунин бисёркунҷаро пайдо кунед. Кунҷҳо ва тарафҳоро шуморед. Онҳо 6-то мебошанд. Бисёркунҷҳо шашкунҷа номида мешаванд. Онҳоро ёфта, бо ранги зард ранг кунед.

Ман ба шумо бозии аҷоиб пешниҳод мекунам. Биёед, бозичаҳои Зарринаро мешуморем:

– Ин маймунча, дар пеши ӯ зоча.

– Ин бошад, хорпуштак, ҳамроҳи он мушак.

– Рӯбоҳаки маккор, харгӯшаки ларзон.

– Канӣ, гӯед, бачаҳо, чандто бозича дорад Зарринаҷон?

*Кӯдакон бозичаҳоро ҳисоб мекунанд, мураббӣ диққати кӯдаконро ба адади ҷамъбастии 6 равона мекунад.*

– Рақами шаш ба чӣ монанд аст? (Ҷавоби кӯдаконро гӯш мекунад).

*Ҳама рақами шашро аз назар мегузаронанд ва онро ба якдигар нишон медиҳанд (маводи намоишӣ).*

**Шоҳдухтар Шаш: –** Ба расм нигаред. Варзишгарон медаванд. Канӣ, рақами варзишгаронеро номбар кунед, ки қафо мондаанд? (1,2,3,4,6).

– Кадом рақам аз ҳама пеш медавад? (5).

Бачаҳо, оё шумо фаромӯш кардед, ки ман ба назди шумо бо дӯстонам ҳашарот ва шапаракҳо омадам. Пойҳои ҳашаротро шуморида, онҳоро бо рақам ифода кунед. Акнун дар бораи шапаракҳо қиссаҳои хурдакак мебофем. Ман аллакай чунин қиссаро фикр карда баромадам: «Тобистон шапаракҳо хеле зиёданд, онҳо дар болои гулҳо ҷамъ омада, бӯй мекашанд. Рӯзе борони сахте бориду шапаракҳо фурсати парвоз наёфта, ба барги гулҳо часпида монданд. Дере нагузашта, офтобак аз паси абрҳои тира баромад, қанотакону пояки шапаракҳо хушк гашта, боз хушҳолона гирди гулҳо парвоз намуданд.»

*Тамоми қиссаҳои бофтаи кӯдаконро сабт намуда, онро барои шунавонидан истифода бояд кард. Баъдан кӯдакон расми дилхоҳашонро кашида, дар назди расмҳо рақами 6-ро тасвир менамоянд. Аз кӯдакон касе хоҳиш дошта бошад, метавонад лавҳаи геометриро аз шашкунҷаҳо созад.* (Мустаҳкамкунии мавзуъҳо аз рӯйи китобчаи «Математикаи шавқовар» сурат мегирад.)

**Декабр. Машғулияти 5. *Адади 7. Рақами 7. Тиру камон ва нотаҳо.***

Кӯдакон ба ҳуҷраи мусиқӣ медароянд. Мусиқии оҳангсози маъруф, шодравон Хайрулло Абдуллоев садо медиҳад. Паси парда тасвири тиру камон, ҳафт нота, гули ҳафтранг, ғижжаки ҳафттора ва ғайраҳо тасвир шудаанд. Дар саҳна Шоҳзодаи Ҳафт. Мӯйҳои ӯ дарози ҷингила, сиёҳранг, дар дасташ ғижжаки ҳафттора, ҷомааш ҳамранги тиру камон.

**Мураббия**: **–** Бачаҳо, шумо мусиқиро мешунавед? Эҳтимол, ба назди мо меҳмони нав аз шаҳри Ададҳо биёяд. Пардаи театри сеҳрнокамонро мекушоем ва мебинем, ки ба назди мо кӣ ба меҳмонӣ омадааст. (Оҳиста пардаро мекушоянд). Ин адади Ҳафт мебошад. Ӯ дар бар хилъати ранги тирукамонӣ дорад. Шумо медонед, ки тирукамон ҳафт ранг дорад? (Рангҳоро номбар менамоянд). Шоҳзода дар бораи рангҳои тиру камон ба мо китобчаи нав овардааст. Бубинед, онҳо чӣ қадар зебоянд! Дар расм мо рақами ҳафт ва тасвири тирукамонро мебинем.

Канӣ, ба ман гӯед, оё тирукамонро дар табиат дидан мумкин аст? Бале, вақте ки борон meборад ва офтобак медурахшад, дарҳол тирукамон пайдо мешавад. Бубинед, ки Шоҳзодаи Ҳафт боз ҳамроҳи худ асбоби мусиқие овардааст. Медонед, барои чӣ ? Чунки дар он асбоби мусиқӣ ҳафт нотаи асосӣ мавҷуд аст – до, ре, ми, фа, сол, ля, си (нотаҳоро дар ғижжак менавозад).

Дар кадом афсонаҳо мо адади ҳафтро вохӯрда будем? (Афсонаи «Бузак ва ҳафт бузғола», «Ҳафтдодарон» ва ғайра). Дар як ҳафта чанд рӯз ҳаст? Биёед, онҳоро як ба як номбар намоем. Дар ғижжак чанд тор мавҷуд аст, тирукамон аз чанд ранг иборат мебошад? (Бачаҳо рақами 7-ро тасвир менамоянд). Рақами ҳафтро тасвир кардан бисёр осон аст. (Дар тахтаи гурӯҳ расмҳо нишон дода мешаванд).

**Мураббия**: **–** Канӣ, санҷед. Биёед, онҳоро бо ҳар гуна рангҳо оро медиҳем. Акнун тирукамони зебоеро тасвир мекунем. Тирукамонро бо рангҳои аслиаш оро медиҳем. (Мустаҳкамкунии мавзуъ аз рӯйи китобчаи «Математикаи шавқовар» сурат мегирад.)

**Машғулияти 6. «Мо ба деҳа омадем». Ҳосил намудани рақами 7**

*Рақами7. Ҳисоби миқдорӣ, мафҳуми адади 7. Қонунияти сохтани қаторҳо. Самти ҳаракат аз тарафи худ ва ҳаракат намудан дар ҳамин самт.*

**Мураббия**: **–** Бачаҳо, мо ба деҳа омадем (лавҳа бо тасвири деҳа). Бубинед, дар ин деҳа ду кӯчаро мебинем. Ана, ин кӯчаи якум ва инаш дуюм мебошад. Дар кӯчаи якум хонаҳо сохта шуданд. Канӣ, бачаҳо, онҳоро мешуморем (6). Бо рақами 6 ифода менамоем. Акнун хонаҳои кӯчаи дуюмро мешуморем (6). Инро ҳам ба рақами 6 ифода менамоем. Бинокорон барои мо дар кӯчаи якум мехоҳанд, хона созанд (акси хона гузошта мешавад).

Бачаҳо! Пештар дар кӯчаи якум чанд хона буд? (6-то). Ҳоло бошад, чанд хонаро мебинем? (7-то). (6 ва боз 1 – 7 хона шуд). Инро бо рақами 7 ифода менамоем. Дар кадом кӯча хона зиёдтар шуд? (Дар кӯчаи якум). Чӣ бояд кард, ки дар кӯчаи якум ва дуюм хонаҳо баробар шаванд?

-Дар кӯчаи дуюм боз як хона месозем. Онро бо рақами 7 ифода менамоем. Акнун дар кӯчаи дуюм чанд хонаро мебинем? (6 ва 1 = 7). Бо рақами 7 ифода менамоем.

**Мураббия**: **–** Канӣ, бачаҳо, гӯед, ки дар кадом кӯча хона зиёдтар аст? ( Дар ҳарду кӯча хонаҳо баробар шуд). Барои ҳама ҷой мерасад. Оқибат ба ҳамаи меҳмонон дар деҳа ду хонаи нав сохтанд. Ҳамаи хонаҳоро бо рақамҳо ишора мекунем, зеро меҳмонон метавонанд хонаҳоро наёбанд: 1, 2, 3, 4, 5, 6, 7.

**Лаҳзаи дамгирӣ: бозии «Хона».** Дохили хона гарм ва зебо мебошад. Мо аз боду борон наметарсем.

***Мураббия*: –** Хонаро аз наздик тамошо мекунем. Дар хона нақшу нигори тоҷикиро мебинем.

Дар назди бачаҳо рӯйи миз тасмачаҳои картонӣ, ки дар онҳо гулдӯзӣ акс ёфтааст, гузошта мешаванд. Мураббия варақаеро нишон медиҳад, ки дар он давра, чоркунҷа ва росткунҷа инъикос ёфтаанд. Мураббия ба бачаҳо маслиҳат медиҳад, ки ба деворҳо гилему сӯзаниҳоро овезанд.

**–** Хона ин қадар зебою озода шуд.

Мураббия ба ҳар як кӯдак имкон медиҳад, ки мавқеи худро дар хонаи гурӯҳ муайян ва ба самтҳои дилхоҳаш ҳаракат намояд:

**–** Юсуф, сандуқ дар куҷо истодааст? (Аз тарафи чапи ман). Ба назди сандуқ равед.

– Дастархони пурнозу неъмат дар куҷо ҷойгир шудааст? (Дар байни хона).

Мураббия бо кӯдакон сари дастархон менишинанд ва чой менӯшанд.

**Январ. Машғулияти 7. Адади ҳашт. Рақами 8. Ситораи Ҳаштбурҷа, ҳаштkунҷа, бисёркунҷа.**

Мусиқӣ садо медиҳад. Паси парда ситораҳои ҳаштkунҷа ва рақами ҳашти хурду калон инъикос ёфтааст. Рӯйи саҳна Шоҳдухтари бо куртаи дарози ранги сурх, мӯйҳои сиёҳ, бисёр ором ва бовиқор мебошад. Ӯро Шоҳзодаи Ҳашт ва Шоҳдухтарони Чор ва Шаш ҳамроҳӣ мекунанд.

**–** Ана, мо ҳамроҳи шумоем. Шумо, бачаҳо, бояд аз байни ҳаштkунҷаҳо шакли дурусти онро пайдо намоед. Онро пайдо карда, ба ҳаштkунҷаҳои дуруст ҳамроҳ менамоем.

**Мураббия: –** Ман ба шумо рақамҳои ҳаштро овардам. Ҳамроҳ онҳоро тасвир менамоем. Ин мушкил нест. Шумо метавонед ду ҳалқача кашида, онҳоро бо ҳам пайвандед. Тарзи дигари навиштани он низ мавҷуд ҳаст, қаламро аз қоғаз наканда, онро мекашем. Акнун мо рақамро аз пластилин, мум, гил ё хамир тайёр мекунем. Ин корро мумкин, аст байни кӯдакон аз рӯйи хоҳишашон тақсим намуд.

Бачаҳо, имрӯз ба назди мо Шоҳзодаи Ду бо се духтараш - Шоҳдухтарони Чор, Шаш ва Ҳашт омадаанд. Канӣ, гӯед, ба кӣ кадоми онҳо маъқул аст? Ман фикр мекунам, ки рақамҳо зид нестанд, агар мо бо шумо каме бозии «Ададҳо» -ро иҷро кунем.

Шоҳзодаи Ду ва Шоҳдухтурони Чор, Шаш, Ҳашт медароянд.

**–** Ин ададҳоро аз рӯйи зиёдшавиашон ҷо ба ҷо мегузорем: 2, 4,6,8.

**–** Аспҳои онҳо низ тахти ҳамин рақамҳо қарор доранд, аспаки Ду барои Шоҳзодаи Ду меояд, ҳамчунин, Чорум, Шашум, Ҳаштум барои бурдани Шоҳдухтарон меоянд. Аспакҳои онҳоро ба марраҷо мебаранд. Дар он ҷо пойга сар мешавад. Дар пойга ҳашт асп иштирок менамоянд. Ҳар асп рақами худро дорад: 1,2,3,4,5,6,7,8. Бачаҳо аспҳоро зин мекунанд, пойга оғоз меёбад. (Давидан дар давра).

**Мураббия: –** Аспаки тахти кадом рақам ҷойи аввалро соҳиб шуд? Пешсафро аспи кадом рақам расида гузашт? Он аспаке, ки аз ҳама қафо метозад, тахти кадом рақам аст?

Ғолиби пойгаро бо тухфа сарфароз мегардонанд. Ба Шоҳдухтарон аз суратҳои ранга гулдастаҳо бурида мешаванд, рақами дар суратҳо буда, бо рақамҳои Шоҳдухтарон мувофиқ мебошад. Рақами Ду (ду садбарг), рақами 4 (чор гули бобуна), рақами шаш (6 мехчагул), рақами 8 (ҳашт гули лола). Шоҳдухтарон хурсанд шуда, ба кӯдакон тахтаи оҳанрабоиеро, ки дар он рақамҳо ҷойгиранд, тақдим мекунанд. Аммо рақамҳо дар ин тахта ҷойҳои худро гум карданд. Бачагон якҷо тамоми ададҳоро аз рӯйи тартиб ҷо ба ҷой мегузоранд. Дере нагузашта, маълум мегардад, ки 2 рақам намерасад. Шоҳдухтарон ваъда медиҳанд, ки рақамҳои набударо ба зудӣ оварда медиҳанд. Бачаҳою аспакҳояшон ба гурӯҳ бозмегарданд.

– Шабнишинӣ давом мекунад. Шумо аллакай ба қарор омадед, ки дар шабнишинии мо тахти кадом рақам иштирок мекунед? Кулоҳчаҳои рақамдорро пӯшида, рақами худро номбар кунед ва қатор аз 1 то 8 саф кашед. Дар ин шабнишинии мо чӣ қадар занбурӯғу меваҳо ва гулҳо зиёданд. Шумо мехоҳед, ки бо онҳо шинос шавед?

Ҳар адад бояд дар гурӯҳ миқдори ашёеро, ки маънои онро дорад, пайдо кунад. Бачаҳое, ки супоришро иҷро намуданд, давра истода, зери мусиқӣ рақс мекунанд. Барои кӯдакон, рӯйи асфалт ҳашти калонро тасвир намоед. Вақте ки бачаҳо ба кӯча мебароянд, ба онҳо таклиф карда мешавад, ки дар дасти росташон рӯймолча гирифта, ба рӯйи қолаби рақам гузоранд. Диққати кӯдаконро ба он ҷалб намудан лозим аст, ки ҳангоми гузаштани рақам рӯймолчаҳо ба дохили рақам нигаронда мешаванд.

**Машғулияти 8. «Дар боғи ҳайвонот»**

**Мавзуъ:** *Шумуридан то рақами 8, дидани баробарӣ ва роҳбарии ашё, ҳаҷми онҳо, шаклҳои геометрӣ*

Мураббия аз кӯдакон хоҳиш менамояд, ки рӯзҳои ҳафта ва моҳҳои тирамоҳро номбар кунанд.

**Мураббия: –** Имрӯз кадом рӯзи ҳафта мебошад?

**Афандӣ** аз дар медарояд: **–** Салом, бачаҳо! Имрӯз чӣ хел рӯзи хуб аст! Мо шуморо барои тамошо ба боғи ҳайвонот таклиф мекунем.

Мусиқии шӯх садо медиҳад. Кӯдакон ба гилеми дар фарш густурдашуда наздик меоянд.

– Ана, мо ба боғи ҳайвонот расидем.

Дар гилем ҳалқаҳо, чоркунҷаҳо (қафас) зиёданд. Дар ҳар чоркунҷа яктоӣ, дутоӣ, сетоӣ, чортоӣ, панҷтоӣ, шаштоӣ, ҳафтоӣ ҳайвонот ҷойгир шудаанд. Кӯдакон ҳайвонҳоро шуморида, онҳоро бо адади зарурӣ дар ҳар чоркунҷа нишона мегузоранд. Мураббия ба кӯдакон таклиф мекунад, ки онҳо ҳайвонҳоро аз қафаси ҳафтум дида, якто зиёдтар ба чоркунҷаи (қафаси) холӣ ҷойгир намоянд. Мукаммал сохтани рақами 8 ва ишора намудани он бо адади 8 аз рӯйи аналогияи шиносоӣ бо рақамҳои 6 ва 7 (ташкилёбии адад аз пешоянд ва боз 1) сурат мегирад. Афандӣ ба бачаҳо бозии «Кӣ зудтар?»- ро пешниҳод мекунад. Бачаҳо лаклакҳои кӯтоҳнӯланд. Дар фарш ҳалқаҳо дар 2 қатор 8-донагӣ аз якдигар дар масофаи начандон дур гузошта шудаанд. Ҳалқаҳоро шуморида, онҳоро бо рақамҳои аз 1 то 8 ишора мекунем. Кӯдакон дунафарӣ бозӣ мекунанд. Онҳо бояд бо ишораи мураббия аз як ҳалқа ба ҳалқаи дигар (аз 1 то 8) гузаранд. Касе, ки бозиро зудтар иҷро намояд, ғолиб мебарояд. Дар тахтаи гурӯҳӣ варақҳои андозаашон якхела часпонда шудаанд. Дар варақҳо расми ҳайвонҳои андозаашон гуногун тасвир ёфтааст (5 филчаи хурд, 5 заргӯши калон, 4 муши калон, 4 баҳмути хурд, 6 маймунак, 6 заррофаи гардандароз ва ғайра…). Аз кӯдакон хоҳиш карда мешавад, ки ҳайвонҳоро шуморида, онҳоро бо якдигар муқоиса кунанд, баробарӣ ва нобаробарии миқдори ҳайвоноти гуногун ва бузургӣ (калонию хурдӣ)-и онҳоро муайян намоянд. Акнун мо ба хулосае омадем, ки миқдор ба бузургии ашё вобастагӣ надорад. Афандӣ ба бачаҳо миннатдорӣ изҳор ва онҳоро ба бозии дигари шавқовар «Ҷавоб диҳед!» таклиф мекунад.

Дар рӯйи мизи мураббия лавҳаҳое, ки дар онҳо суратҳои ҳайвонот тасвир ёфтаанд, гузошта шудаанд. Дар дасти кӯдакон бошад, рақамҳо мувофиқи тартиб мебошанд. Заррина ҳаракатҳои гуногунро иҷро мекунад. (ҳаллос мезанад, қарсак мезанад, шишта мехезад). Бачаҳо ҳар як ҳаракатро ҳисоб мекунанд ва мувофиқи таносуб рақами онро ном мегиранд. Мураббия кӯдакеро ба назди миз даъват намуда, супориш медиҳад, ки ягон лавҳаи расми ҳайвондоштаро гирад. Мураббия оҳиста рақамро номбар мекунад. Кӯдак ададро мувофиқи овози ҳайвони тасвирёфта ёфта, овозашро тақлид мекунад. Кӯдакон овозҳоро гӯш намуда, рақами даркориро ном мебаранд. Афандӣ ба бачаҳо ёфтани ҷавоби чистонҳоро месупорад ва бо ҳамин ба коргарони боғи ҳайвонот барои ҷо ба ҷо намудани ҳайвонҳо кумак мерасонад.

– Барои он ки дар ҳар кунҷи чаҳор кунҷи (катак) қафас яктоӣ гург ҷойгир карда шавад, чанд гург лозим аст?

– Барои он ки дар ҳар кунҷи қафаси секунҷа яктоӣ рубоҳак ҷойгир кунонда шавад, чанд рӯбоҳак лозим аст?

– Кадом ҷонварон бе ягон мушкилӣ метавонанд, ҳалқа зананд ё шакли дигарро ба худ диҳанд? (Мор, мори обӣ, мори афъӣ, кирми боронӣ.)

Мураббия ба Афандӣ барои саёҳати ҷолибу шавқовар ба боғи ҳайвонот миннатдорӣ изҳор мекунад. (Мавзуъ аз рӯйи маводи бачагонаи «Математикаи шавқовар» мустаҳкам карда мешавад.)

**Феврал. Машғулияти 9. Мавзуъ:** Чен кардани ҷисмҳои монанд ба воситаи ченаки шартӣ. *Муқоиса аз рӯйи дарозӣ ва якҷояшавии шаклҳои геометрӣ аз рӯйи нишонаҳои умумӣ (гирда, кунҷдор).*

**Мураббия: –** Бачаҳо, мо имрӯз ба хонаи холаи Нилуфар меҳмонӣ меравем.

Аз хона холаи Нилуфар баромада, меҳмононро пешвоз мегирад:

– Хуш омадед, меҳмонони азиз! Ман барои шумо як палави бомазза мепазам. Дар рӯйи миз косаи калони пур аз биринҷ истодааст. Мо бояд донем, ки дар коса чӣ қадар биринҷ ҳаст? (Кӯдакон роҳҳои гуногун, аз ҷумла, чен намуданро пешниҳод мекунанд).

– Бо чӣ чен кардан мумкин аст (бо чӯбча, тасмача, арғамчин, қошуқ, пиёла)?

– Ба воситаи пиёла ва қошуқ.

– Бо чӣ тезтар чен кардан мумкин? (Бо пиёла).

– Ман пиёларо бо биринҷ пур мекунам, шумо бошед, як дона қаламро ба як тараф гузоред. (Пиёларо пур намуда, ба коса мерезад, бачаҳо як дона қаламро ба як тараф мегузоранд).

– Канӣ, бачаҳо, шумурда бинед, ки чанд қаламро гузоштед? (8 қалам).

– Пас маълум мешавад, ки дар косаи мо чӣ қадар биринҷ будааст? (8 пиёла).

– Барои пухтани ош ба ман 8 пиёла биринҷ лозим шуд, акнун ош ба ҳамаи меҳмонон мерасад.

**Холаи Нилуфар: –** То вақти пухтани ош шумо ба ман ёрӣ расонед, наберагони ман бандҳои пойафзолҳояшонро омехта намуданд.

– Чӣ хел пойафзол? (Андозаҳои гуногун).

– Чӣ гуна бандҳои пойафзол? (Дарозу кӯтоҳ).

– Барои як ҷуфт пойафзол чанд банд лозим аст? (2-то).

Кӯдакон бандҳои пойафзолро бо якдигар муқоиса намуда, аз ҳама дарозҳояшро ба пойафзоли аз ҳама калон мегузаронанд ва ғайра…(7 ҷуфт).

– Ман ҳафт сар гӯсфанд дорам, онҳо дар чарогоҳи дурдаст мечаранд. Онҳоро бисёр ёд мекунам, бинобар ин, писарам расми онҳоро фиристодааст. (Кӯдакон расмҳоро тамошо мекунанд, гӯсфанди аз ҳама калонро бо баррачаи аз ҳама хурд муқоиса менамоянд. Онҳоро мувофиқи тартиби ададҳо ифода карда, калимаҳои *гӯсфанд, барра*ро чандин бор такрор менамоянд). Наберaҳои аз ҳама хурди ман Шодигул ва Нисо бо муҳраҳо бозӣ карданро дӯст медоранд ва тори муҳраҳоро канданд (қуттиеро нишон медиҳад, ки дар дохили он шаклҳои геометрӣ мавҷуданд). Ман ду тор муҳра доштам, дар яке аз ин риштаҳо муҳраҳои гирда ва дигараш муҳраҳои қиррадор. Ба ман ёрӣ расонед, то ки муҳраҳоро аз ҳамдигар ҷудо кунам (ба кӯдакон шаклҳои гирда ва қиррадорро намоиш медиҳад).

– Офарин, бачаҳо, шумо хеле кӯшиш намудед. Ана, зиёфат ҳам тайёр шуд. Ман барои шумо кулчаҳои қандин пухтам, фақат онҳоро бо мавиз оро додан лозим. Кулчаҳо андозаҳои гуногун доранд. (Ба кулчаи аз ҳама хурд 2 мавиз, калонтар 4 мавиз ва ғайра…).

Холаи Нилуфар кӯдаконро бо кулчаҳои лазиз зиёфат мекунад.

Мавзуъ аз рӯйи маводи бачагонаи «Математикаи шавқовар» мустаҳкам карда мешавад.

# ИСТИФОДАИ РОҲҲОИ РАНГОРАНГУ ШАВҚОВАР ДАР ДАРС

**(Анҷом)**



**Зулфия ТОШБОЕВА – мудири шуъбаи таълимӣ-методии Маркази таҳлилӣ-иттилоотии назди Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе**

19. **«Кластер» (хӯша).** Ин усули ҷамъоварии ақидаҳо дар атрофи ягон масъала аст. Маънои калимаи «кластер» **хӯша, шохча** мебошад. Кластер ду хел мешавад: сода ва мураккаб. Ба воситаи он ақидаҳо ҷамъоварӣ шуда, мафҳумҳои асосиву ёрирасон муайян мегарданд.

**Қадамҳо:**

1. Дар маркази тахтаи синф (ё дар вараqи сафед) ё интерактивӣ (электронӣ) давра кашед.
2. Дар дохили давра мавзуъ, мафҳум ва ё калимаи асосиро нависед.
3. Ба хонандагон оид ба мавзуъ, мафҳум ва ё калимаи асосии навишташуда савол гузоред. Саволҳои тахминӣ:

**Адабиёти тоҷик, синфи 9:** ♦а) Дар бораи ҳаёт ва фаъолияти Абуалӣ ибни Сино чӣ медонед?

**Биология, синфи 9:** ♦а) Физиологияи меҳнат чиро меомӯзад?

4. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки андешаҳои худро дар атрофи савол, мавзуъ, мафҳум ва ё калимаву ибораи асосӣ нависанд.

**Намуна (кластери сода).** Мисол аз фанни ҳуқуқи инсон, синфи 10, боби 12, § 42, мавзуъ: Ҳуқуқ ба манзил:




Агар хонандагон байни андешаҳо алоқаҳоро барқарор кунанд, он ба кластери мураккаб мубаддал мегардад.

**Намуна (кластери мураккаб)**:




**1. «Ангезиши зеҳн».** Ангезиши зеҳн ҳуҷуми фикрӣ аст. Он аз ҷониби Алекс Осборн (рӯзноманигори ИМА) дар солҳои 40-уми асри XX кашф шуда, ҳамчун методи ҷустуҷӯйи андешаҳо хеле машҳур гашт.

**Мақсад**: ҷамъоварии ақидаҳо ва фаъолгардонии дониши хонандагон дар ҷараёни дарс. Усулро бо саволҳои кушода ва ё супориш гузарондан мумкин аст.

**Қадаму қоидаҳо:**

1. Савол, масъала ва ё мушкилотро ба хонандагон пешниҳод кунед.
2. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки оид ба савол, масъала ва ё мушкилоти пешниҳодшуда фикру ақидаҳои худро иброз кунанд.
3. Ҳамаи фикру мулоҳизаҳои пешниҳодшудаи хонандагон, новобаста аз он ки онҳо дуруст ҳастанду ё не, дар тахта ё варақ (ватман) мухтасар (калима ё ибора) навишта мешавад.
4. Андешаҳоро танқиду шарҳ додан кардан мумкин нест.
5. Ҳамаи фикру мулоҳизаҳо шунида шаванд.
6. Ҳама фикру мулоҳизаҳои пешниҳодшуда аввал қайд, баъдан муҳокима мешаванд.
7. Омӯзгор ба фикру мулоҳизаҳое, ки бевосита ба мафҳуми масъалаи калидӣ тааллуқ доранд, такя карда, андешаҳои худро иброз намуда, ба қисми асосии дарс мегузарад.

**Намунаи саволҳо:** ♦1) Чаро баъзе калимаҳо аз байн мераванд? Сабаби пайдо шудани калимаҳои нав дар чист? ♦2) Чаро нависанда дар асарҳояш калимаҳои куҳна, шевагӣ, соҳавӣ, иқтибосӣ ва таъбирҳои гуногунро истифода мебарад? ♦3) Чӣ тавр парандагонро аз хунукӣ наҷот додан мумкин аст? ♦4) Дар анбор чӣ тавр озуқаро аз калламушҳо наҷот дод? ♦5) Бузургтарин ҳайвон кадом аст? (Ҷавоб: Фил бузургтарин ҳайвонест, ки дар хушкӣ зиндагӣ мекунад, аммо бузургтарин ҳайвони кураи замин наҳанг аст, ки дар дарё зиндагӣ мекунад); 6) Виҷдон ба ман чӣ лозим аст?

**Намунаи супоришҳо** (мавзуи озод): ♦1) ба хонандагон як ашёи рӯзмарраро нишон диҳед (масалан: ҷадвал, шишаи об, чароғ). Сипас супориш диҳед, ки дар муддати 5 дақиқа ҳар чи бештар роҳҳои истифодаи ашёро дар дафтарашон нависанд; ♦2) дар атрофи скрепкаи канселярӣ фикр карда, 30 роҳи истифодаи онро муайян кунед (масалан: тухфа, суроғ кардани чизе, ҳамчун мех истифода бурдан, муҳра бофтан (пайваст кардани чанд скрепка), ягон чизеро овезон кардан ва ғайра).

**2. «Бобунаи одӣ» (гули ҳафтранг).** Дар тахтаи синф гули бобуна бо ҳафт гулбарги ранга (сурх, зард, сабз, кабуд, сиёҳ, сафед ва бунафш) часпонида мешавад. Дар зери ҳар як

гулбарг саволе, ки ба мавзуи дарс алоқаманд аст, пинҳон шудааст. Усулро барои пурсиши вазифа хонагӣ ва омӯзиши мавзуи нав гузаронидан мумкин аст. Инчунин, агар савол душвор ва ҷавоби пурраро талаб кунад, хонанда метавонад ҷавоби онро дар хона омода кунад.

**Намуна**:

1) **Физика, синфи 9, мавзуъ: «Ҳаракати лаппишнок»:** ♦а) **сурх**: Лаппиш чист? (Ҷавоб: ҳаракатҳоеро, ки пас аз фосилаҳои муайяни вақт айнан ё қариб айнан такрор мешаванд, лаппиш меноманд); ♦б) **зард**: Ҳаракати айнан такроршавандаро чӣ меноманд? (Ҷавоб: ҳаракати даврӣ); ♦в) **сабз**: Лаппишҳо чиро ташкил мекунанд? (Ҷавоб: асоси акустика, оптика, электротехника ва радиотехника); ♦г) **кабуд**: Чиро қувваҳои дохилӣ меноманд? (Ҷавоб: қувваҳои дар байни ҷисмҳои системаи лаппанда таъсиркунандаро); ♦ғ) **сиёҳ**: Чиро қувваҳои берунӣ меноманд? (Ҷавоб: қувваҳои ба ҷисмҳои системаи лаппанда аз тарафи ҷисмҳои берунӣ таъсиркунандаро); ♦д) **сафед:** Доир ба лапишҳои озод мисол оред? (Ҷавоб: бори дар пуржин овезон ва бори дар ресмон овезон); ♦е) **нилуфар**: Лаппиши озод чист? (Ҷавоб: Лаппишҳоеро, ки дар системаи лаппанда бо таъсири қувваҳои дохилӣ баъди аз ҳолати мувозинатӣ баровардани он ба амал меоянд, лаппишҳои озод меноманд).

2) **Зоология, синфи 8, мавзуъ: «Таснифоти хордадорон»**: ♦а) **сурх**: Хордаторон ба чанд ва кадом зертип тақсим мешаванд? (Ҷавоб: 3 тип, бекосаисарон, ҷанинхордадорон (пардадорон) ва косаисардорон (сутунмуҳрадорон); ♦б) **зард**: Хорда чист ва кадом вазифаро иҷро мекунад? ♦в) **сабз**: Зертипи бекосаисарон дар куҷо зиндагонӣ мекунанд? (ҷавоб: дар баҳрҳои муътадил ва гармоб); ♦г) **кабуд**: Намояндаи асосии зертипи бекосаисарон чист ва сохти он чӣ гуна аст? (Ҷавоб: нештаршакл, мисли моҳичаи хурд, дарозиаш то 6-8 см., саӯзи сар надорад, скелети даруниаш хорда дорад, гардиши хун аз рӯйи ду раг аст, дил надорад ва ғайра); ♦ғ) **сиёҳ**: Зертипи ҷанинхордадорон (пардадорон) ба чанд синф ва кадомҳо ҷудо мешаванд? (Ҷавоб: панҷ: аппендикулярияҳо, ассидияҳо, салпҳо, оташактанҳо (огнетелки) ва хуммонандҳо); ♦д) **сафед**: Зертипи ҷанинхордадорон (пардадорон) дар куҷо зиндагонӣ мекунанд ва сохти онҳо чӣ гуна аст? (Ҷавоб: дар қаъру баҳру уқёнусҳо, 1500 намуди ин ҳайвонҳоро дидан мумкин аст, андозаи бадани онҳо 2-3 мм то 40-50 см. мерасад, дили нақчашакли кутоҳ дорад, узви ҳис надорад); ♦е) **бунафш**: Зертипи косаисардорон чанд намуданд ва сохташон чӣ гуна аст? (Ҷавоб: 45 ҳазор намуд ба қайд гирифта шудааст, аъзои ҳиссиёташон мураккаб аст, баъзеашон бол ва пойҳои ҷуфт доранд, тавассути ҳалсама ва шуш нафас мегиранд, онҳо ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: беҷоғ ва ҷоғдор).

3) **Забони модарӣ, синфи 7, мавзуъ: «Зарф»:** ♦а) **сурх**: Зарф чист? (Ҷавоб: ҳиссаи мустақилмаъног нутқ, ки амал, предмет ва аломати аломатро мефаҳмонад, зарф номида мешавад); ♦б) **зард**: Зарф ба кадом саволҳо ҷавоб медиҳад? (Ҷавоб: Кай? Чӣ тарз? Чӣ тавр? Куҷо? Чӣ қадар?); ♦в) **сабз**: Зарфҳо аз ҳиссаҳои дигари нутқ бо чӣ фарқ мекунанд? (Ҷавоб: бандаки изофӣ қабул намекунанд, дар ифодаи ҷамъ намеоянд, пешоянду пасоянд надоранд, бандакҳои соҳибӣ ва ё шахсӣ қабул намекунанд, дараҷаи олию қиёсӣ ва олӣ доранд); ♦г) **кабуд**: Зарф дар ҷумла ба вазифаи кадом аъзои ҷумла меояд? (ҷавоб: ҳол); ♦ғ) **сиёҳ**: Роҳи сохта шудани зарфҳоро шарҳ диҳед: дарҳол, барвақт, қасдан, пагоҳӣ, ноилоҷ, шервор, мардонавор (ҷавоб (бо роҳи морфологӣ): ба воситаи пасванду пешвандҳо: дар–, бар–, –ан, –ӣ, но–, –вор, –она); ♦д) **сафед**: Зарфҳои мураккаб чӣ тавр сохта мешаванд? Мисолҳо оред (ҷавоб: ҳамроҳ гаштани ду реша: якзайл, чорзону, рӯболо, оҳиста-оҳиста, давон-давон, як-як, якпаҳлу; пайвастшавии ду реша бо ёрии садоноки –о–: саросар, лаболаб, пасопас, паёпай; бо ҳамроҳ шудани пасванд ба зарф табдил ёфтани сифатҳои мураккаб: сарбаландона, дилпурона, таънаомезона, шитобкорона, хушҳолона ва ғайра); ♦е) **бунафш**: Ҷумлае гӯед, ки дар он сифатҳои ягон дӯстатон баён гардида бошанд (ҷавоб: Дӯстам Расулҷон қоматбаланд, сафедрӯй, ширингуфтор, хушхат ва фаъол аст).

**3. «Саволҳои сода ва мураккаб».** Аз ҷониби омӯзгор ду категорияи саволҳо: содаву мураккаб пешакӣ омода мешаванд. Хонандагон мустақилона саволҳоро интихоб намуда, барои ҷавоб омодагӣ мебинанд. Ба хонандагон бояд фаҳмонид, ки баҳои саволҳои мураккаб, нисбат ба саволҳои сода баланд гузошта мешавад, чунки саволҳои мураккаб ҷавоби пурраву мантиқиро талаб мекунанд.

**4. «Мусоҳиба».** Усул дар гурӯҳҳои дунафара (ҷуфтҳо) гузаронида мешавад. Дар ҳар як ҷуфт яке нақши «рӯзноманигор» ва дигаре «қаҳрамон»–ро бозида, саволҳои омодашударо дар атрофи дилхоҳ мавзуъ медиҳад. Нақшаҳо бо навбат иваз карда мешаванд.

Саволҳоро метавонад омӯзгор пешакӣ омода намояд ё ба хонандагон супориш диҳад, ки дар хона аз 3 то 4 саволи кушода барои мусоҳиба дар дилхоҳ мавзӯъ савол омода кунанд.

**Намуна**: ♦1) «Бӯи борон меояд» чӣ маъно дорад? ♦2) «Бобаракат шудани меҳнат» гуфта, чиро мегӯянд? ♦3) Зарбулмасали «Илм бе баҳс намешавад» чӣ маънӣ дорад? ♦4) «Шеър дили пирро ҷавон мекунад»-ро шарҳ диҳед. ♦5) Аз абрешим чӣ мебофанд?

**5. «Дӯстони азизам, дарсро оғоз мекунем». Омӯзгор ба аҳли синф савол медиҳад**: – Синфхона гарм аст? (Бале.); Синфхона равшан аст? (Бале.); Занги даромад зада шуд? (Бале.); Дарс ба анҷом расид? (Не.); Табъатон болида ҳаст? (Бале.); Дарсро оғоз кунем (Бале.); Пас бароҳат нишинед, дарсро оғоз мекунем!

**6. «Салом» (варианти 1).**

- Салом ба шахсоне, ки дар фасли зимистон таваллуд шудаанд! (Хонандагоне, ки дар фасли зимистон таваллуд шудаанд, аз ҷой хеста салом мекунанд ва ба ҷояшон мешинанд);
- Салом ба шахсоне, ки дар фасли тобистон таваллуд шудаанд! (Аз ҷой мехезанд);
- Салом ба шахсоне, ки дар фасли баҳор таваллуд шудаанд! (Аз ҷой мехезанд);
- Салом ба шахсоне, ки дар фасли тирамоҳ таваллуд шудаанд! (Аз ҷой мехезанд);
- Бори дигар, ба ҳама салом! Салом додан ин тансиҳатӣ орзу кардан аст! Хоҳони онам, ки шумо доимо сиҳату саломат бошед ва машғулияти имрӯзаи мо самараи хуб диҳад. Барои фаҳмидани мавзуи имрӯза шумо бояд ... муайян кунед. Чӣ тавр? (Идея аз ҷониби омӯзгор)

**7. «Салом» (варианти 2)**

Омӯзгор: – Салом, бачаҳо! Акнун

- ба ҳамсояи тарафи дасти ростат нигар ва табассум бикун.
- ба ҳамсояи тарафи дасти чапат нигар ва табассум бикун.
- ба ҳамсояи тарафи дасти ростат нигар ва чашмак бизан.
- ба ҳамсояи тарафи дасти чапат нигар ва чашмак бизан.

Табъатон болида шуд, акнун дарсро бо табъи болида оғоз мекунем!

**8. «Салом» (варианти 3)**

**Омӯзгор**

- Субҳи духтарони нозанини синф ба хайр бод!
- Субҳи писарони ҷасури синф ба хайр бод!
- Субҳи хонандагоне, ки бо табъи болида ба дарс омодаанд, ба хайр бод!
- Субҳи хонандагоне, ки имрӯз хоҳиши фаъолона иштирок кардан доранд, ба хайр бод!

Акнун дарсро оғоз мекунем!

Ҳамин тавр, аз тамоми фанҳо омӯзгорон метавонанд дарсро тавре ташкил намоянд, ки шавқмандии шогирдон ва самара бештар гардад.

# ШЕВАҲОИ ОМӮЗИШИ МАТЕМАТИКА

**Озодамо ХОЛОВА – мутахассиси пешбари шуъбаи хадамоти методии таҳсилоти умумии МҶТМ**

**Дар синфҳои ибтидоӣ аз соли якуми таҳсил математикаро ҳамчун фанни таълимӣ меомӯзанд. Омӯзгор хонандагонро бо адад, рақам, фарқи онҳо, фигураҳои геометрӣ, амалҳои ҷамъ ва тарҳ, масъалаҳои содаи шифоҳӣ ва хаттӣ шинос мекунад.**

Барои омӯзгори синфи ибтидоӣ муҳим аст, ки шавқи омӯхтани ин фанни мушкилро дар дили кӯдакон бедор карда тавонад. Омӯзгор дар раванди омӯзиши математика таълимро дар асоси гузариш аз назария ба амалия ва аз сода ба мураккаб ба роҳ мемонад.

Баъдан дар синфи дуюм хонандагон дар бораи чор амали математикӣ: ҷамъ, тарҳ, зарб, тақсим ва бузургиҳо маълумот пайдо карда, мисолҳо ҳал мекунанд. Аз оғози соли сеюми хониш хонандагон дар бораи муодилаҳо ва тарзи ҳалли онҳо маълумот гирифта, масъалаҳо ва ифодаҳои ба синну сол, стандарт ва барномаи таълимӣ мувофиқро аз худ мекунанд. Дар сурати дуруст ба роҳ мондани омӯзиши се соли аввал, дар синфи чорум омӯзгорон дар таълими периметр, масоҳат, ҳалли муодилаҳои дуамала ба хонандагон зиёд душворӣ намекашанд. Чунин усули таълими математика дар синфҳои ибтидоӣ дастрас ва босамар ба ҳисоб меравад. Илми педагогика таълими зина ба зинаи математика бо усули аз сода ба мураккабро муайян кардааст. Ҳар омӯзгор салоҳият дорад, ки дар чорчӯби тавсия ва дастурҳои педагогӣ роҳу усулҳои мақбулро худ интихоб намуда, ба хонандагон мавзуъҳои нав ё такрорро биёмӯзад. Агар омӯзгори синфҳои ибтидоӣ аз методҳои илман асоснок дар таълими фанни математика истифода барад, якбора чанд масъаларо ҳал карда метавонад. Аз ҷумла, дар хонандагон малакаҳои зеҳнӣ ва тасаввури фазоиро ташаккул медиҳад. Ҳангоми омӯзиши фанни математика онҳо роҳи ҳалли амалҳо, муҳокима ва баён кардани фикри худро меомӯзанд. Хонандагон оид ба мафҳумҳои математикӣ, бузургиҳо ва тарзи




истифодаи онҳо барои бартараф кардани душвориҳои гуногун маълумот пайдо мекунанд. Дар баробари ин, омӯзгор шавқи омӯзиши фанни математикаро дар хонандагон тарбия намуда, корбурди дониши математикиро дар ҳаёти ҳаррӯза бо мисолҳои сода меомӯзонад. Дар бештари ҳолат омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар дарсҳои математика аз усулҳои гуногун барои аз худ кардани мавзуи нав истифода мебаранд. Масалан:

– Омӯзгор намунаи мисол ё масъаларо ба хонандагон нишон дода, ба онҳо супориш медиҳад, ки дар асоси намуна мустақилона кор кунанд;

– Ба воситаи қисман ҷустуҷӯ ва ҳал кардани супоришҳо бошад, омӯзгор супоришро ба қисмҳо ҷудо карда, як қисми мисол ё масъаларо ҳал мекунад. Масалан: ҳангоми таълими зарб ва тақсим омӯзгор тарзи ҳалли мисолу масъалаҳоро нишон дода, ба хонандагон бо ба кор бурдани амалҳои ҷамъ ва тарҳ ҳалли мисолҳоро барои кори мустақилона супориш медиҳад;

– Хонандагон бо роҳбаладии омӯзгор роҳи ҳалли мисолу масъалаҳоро меёбанд. Барои ин омӯзгор мисолу супориш ва ё масъалаҳои мантиқӣ пешниҳод мекунад.

Дар ин гуна ҳолатҳо омӯзгорро зарур аст, ки мавзуи навро бо мавзуи пешина алоқаманд намояд. Барои ин ӯ хонандагонро ба кори гурӯҳӣ ҷалб намуда, водор мекунад, ки онҳо мавзуъро дар асоси донишҳои заминавӣ омӯзанд. Дар ин раванд аз ҷадвалҳо, аёниятҳо, бозиҳои дидактикӣ, нақша ва дигар мавод истифода мебарад. Методикаи таълими фанни математика дар синфҳои ибтидоӣ меъёри муайяни додани донишро дар назар дорад. Онро ба қисмҳои хурди мантиқӣ тақсим мекунанд. Дар интихоби усулҳо ниёзи ҳар як хонанда ба инобат гирифта шуда, дастрасӣ ба маводи таълимӣ, аёният ҳамчун воситаи таълимӣ истифода бурда мешавад. Дуруст ба роҳ мондани раванди таълими методикаи математика барои омӯзгорони оянда ҳамкорӣ кардани омӯзгору донишҷӯ барои мутахассиси хуб шудан муфид арзёбӣ мешавад, ки онҳо ба муассисаҳо рафта, дониши назариявии гирифтаашонро дар амал татбиқ намоянд. Ҳамзамон маълумоти заруриро омӯзгор ба донишҷӯ барои дар оянда мутахассиси хуб шудан медиҳад. Маҳз аз ҳамин сабаб методикаи таълими математика ба донишҷӯён омӯзонида мешавад. Барои таълим додани фанни математика аз зинаи донишҷӯӣ таълими хуб гирифтан лозим аст. Чунки ин омил дар оянда барои таълими хонандагон хеле муҳим аст.

Омӯзиши фанни математика дар синфҳои ибтидоӣ нозукиҳои худро дорад. Барои ҳалли мисолу масъала ва муодилаҳо аз методикаи таълими математика дар синфҳои ибтидоӣ маълумоти зарурӣ бояд дошта бошед. Инчунин, ба омӯзгор лозим меояд, ки дар семинарҳои омӯзишӣ вобаста ба таълими фанни математика иштирок кунад. Дар дарсҳои омӯзгорони пуртаҷриба нишаста, роҳу усулҳои гуногуни таълими фанни математикаро омӯзад, баъд онро дар таҷрибаи худ истифода барад. Асосан методикаи таълими математика ба зеҳни ҳар хонанда ва қобилияти дарки вай вобастагии калон дорад. Муайян карда шудааст, ки методикаи таълими математика бояд ба се савол ҷавоб гуфта тавонад: Чиро меомӯзонем? Барои чӣ меомӯзонем? Чӣ гуна меомӯзонем?

Омӯзгори синфҳои ибтидоӣ бояд дар бораи илми педагогика, фанни математика ва тарзи таълими ин фан маълумот дошта бошад. Ба психологияи синнусолии хонандагон шинос бошад. Методи ташаккул ва тарбияи хонандагонро нағз донад. Барои таълими фанни математика омӯзгорро зарур аст, ки аз нозукиҳо ва мушкилиҳои ин фан ба таври кофӣ бохабар бошад. Саволе ба миён меояд, ки чӣ гуна омӯзгори синфи ибтидоӣ метавонад диққати хонандагонро ба омӯзиши фанни математика ҷалб кунад?

Омӯзгор метавонад барои шавқовар шудани дарс аз бозиҳои гуногуни дидактикӣ, иҷрои тестҳои мувофиқ ба синну сол ва мавзуъ, супоришҳои мантиқӣ, усулҳои гуногун истифода кунад. Ҳангоми таълими фанни математика омӯзгор аз расмҳо, ки ба воситаи онҳо мисолу масъалаҳо нишон дода мешаванд, кортҳои математикӣ, нақша, ребус ва кроссворд низ истифода мебарад. Методҳои омӯзиши фанни математика чунин гурӯҳбандӣ мешавад:

- **Фаҳмондадиҳӣ ва тасвирӣ.** Ин методро дар асоси донишҳои ҳосилшуда ба роҳ мемонанд.
- **Репродуктивӣ.** Ба мақсади ташаккули донишҳои заминавӣ ба кор мебаранд.
- **Масъалагузорӣ.** Барои фаъолияти мустақилонаи маърифатнокии хонандагон, ёфтани роҳи ҳалли масъалаҳо ва ё вазъиятҳо, ташаккули қобилияти фикррронӣ амалӣ карда мешавад.
- **Ҷустуҷӯӣ.** Тавассути ин метод ба хонандагон маводи таълимӣ қисман пешниҳод шуда, бо роҳбаладии омӯзгор ҷавоби дуруст ёфта мешавад.
- **Таҳқиқотӣ.** Ин метод барои ташкил намудани фаъолияти мустақилона ҳал кардани мисолу масъалаҳо дар амал (ҳаёт), ҳалли эҷодкорона ва ё тахминро талаб мекунад.
- **Шифоҳӣ, аёнӣ, амалӣ** (вобаста ба мавзуъ). Маводи таълимӣ ба таври шифоҳӣ ё хаттӣ дастраси хонандагон карда мешавад. Аёниятҳо воситаи асосии таълими фанни математика ба ҳисоб мераванд. Хонандагон дониши азхудкардаашонро амалӣ, ба воситаи иҷрои супоришҳо нишон медиҳанд.
- **Дедуктивӣ ва индуктивӣ.** Омӯзиш тавассути методи дедуктивӣ чунин роҳандозӣ мегардад: аввал қоида ба хонандагон пешниҳод ва сипас дар асоси он ҳалли мисолу масъалаҳо ба роҳ монда мешавад. Тавассути методи индуктивӣ аввал мисолу масъалаҳо пешниҳод кардашуда, дар асоси он қоида гуфта мешавад.

Методикаи таълими математика бахше аз илми педагогика дар бораи вазифа ва мазмуни таълими математика мебошад. Методика раванди таълими математикаро ба мақсади баланд бардоштани самаранокӣ ва сифати таълим амалӣ мекунад.

Методикаи таълими ибтидоӣ доираи махсуси фаъолияти педагогӣ ба ҳисоб рафта, дар раванди таълими математика ба таври назариявӣ мунтазам ба андӯхтани донишҳои воқеӣ коркард мешавад. Он асосан ба ташаккули зеҳнӣ, малака, маҳорат ва ибтикори шахс вобастагӣ дошта, заминасози инкишофи маънавӣ ва эҷодкорӣ аст. Аз ин рӯ, тавсияҳоеро дар ин маврид барои омӯзгорон пешниҳод мекунем:

● Омӯзгор бояд нақшаи дарси яксоатаро бо ба назар гирифтани қобилияти азхудкунӣ ва малакаи хонандагони худ омода намояд. Зеро ҳар як хонанда қобилияти хоси дарк кардан дошта, баъзеҳо маводи таълимиро мисли ҳама дарк карда наметавонанд. Аз ин рӯ, омӯзгор дар нақшаи дарси яксоата ҷо кардани корҳои гурӯҳӣ ва мустақилона, масъалагузорӣ оид ба мавзуъ, дар кадом маврид истифода бурдани маводи ёрирасон ва аёниятҳоро ба назар гирад; Омӯзгор дар раванди таълими фанни математика барои ҳалли мисолу масъалаҳо, муодилаҳо ҳатман бояд ба хонандагон намунаҳоро ҳал карда, сипас барои иҷрои гурӯҳӣ ва ё мустақилона онҳоро роҳнамоӣ кунад; Омӯзгори синфи ибтидоӣ муваззаф аст, ки раванди таълими ин фанро самарабахш ба роҳ монад, зеро он зинаи асосӣ барои омӯзиши минбаъдаи фан ба ҳисоб рафта, ба омӯзиши фанҳои дақиқ замина мегузорад. Агар омӯзгор дар ин марҳила ба хато роҳ диҳад, хонанда дар омӯзиши фанҳои дақиқ ба мушкилӣ рӯ ба рӯ мешавад.

Бинобар ин, омӯзгор ҷиҳати такмили маҳорати касбии худ бояд ҳамарӯза бикӯшад.

# МУЛОҲИЗАҲО ПЕРОМУНИ МАВҚЕИ СУХАНГӮЙӢ ВА СУХАНГУСТАРӢ ДАР АШЪОРИ НОСИРИ ХУСРАВ

**Файзулло АБДУРАҲИМОВ – устоди ДДБ ба номи Носири Хусрав**

**Ҳаким Носири Хусрав шоири ширинбаён, нависандаи баруманд ва мутафаккири забардасти халқи тоҷик аст. Ӯ яке аз сермаҳсултарин суханварони адабиёти тоҷику форс маҳсуб ёфта, мероси бузурги адабию илмӣ боқӣ гузоштааст. Аз ин нобиғаи илму адаб ду девони ашъор, «Сафарнома», «Зод-ул-мусофирин», «Ваҷҳи дин» ва дигар осори мондагору арзишманд ба ёдгор монда, ин осор нуфузу эътибор, қадру манзалати шеъру адабиёт, фалсафаю ахлоқ, забони фасеҳу беолоиши тоҷикиро боз ҳам шуҳрату шукуфоии нотакрор эҳдо кардааст.**

Бояд тазаккур дод, ки китоби «Девони ашъор»-и Носири Хусрав соли 2010 зери силсилаи «Ахтарони адаб» дастраси ҳаводорони шеъру адаб гардида, мунтахаби қасоид ва маснавиҳои «Рӯшноинома» ва «Саодатнома»-и шоирро фаро гирифтааст. Воқеан, таълифи қасида дар эҷодиёти шоир, алалхусус, дар «Девони ашъор»-и ӯ хеле барҷаста ба назар мерасад. Қасоиди шоири шаҳир нигоришу махсусияти худро дошта, аз ҷиҳати банду баст, мундариҷот, сабку услуб, мавзуъ аз дигар шоирони гузаштаи тоҷику форс тафовути амиқтареро дорост. Бояд тазаккур дод, ки жанри қасида яке аз муҳимтарин шаклҳои шеърии адабиёти бадеӣ маҳсуб мегардад, ки дар осори ҳаким Носири Хусрав ҷойгоҳу мақоми шоиста дорад. Ҳар як қасидаи шоир ба мавзуи муайяне бахшида шудааст ва дар маҷмуъ, як рисола ё асареро ба хотир меоварад, ки шоир гӯё онро дар либоси назм хеле шоиронаву дилнавоз ороставу пероста гардонида, ба риштаи таҳлилу тасвир кашидааст. Мазмуну мундариҷаи қасоиди шоири навгӯву озодманишро масоили диниву ирфонӣ, иҷтимоӣ, фалсафӣ, пандуахлоқию инсонгароӣ, васфи табиату зебоиҳои он ва тарзу шеваи сухангӯиву сухангустарӣ ташкил медиҳанд. Донишманди маъруфи тоҷик, профессор Шарифҷон Ҳусейнзода перомуни масъалаҳои ишқу ошиқӣ ва мадеҳавиву ситоишӣ, ки дар қасоиди Ҳаким Носири Хусрав ба назар намерасад, чунин нигоштааст: «Дар назари ӯ аз шамшоду лола ва зулфакони анбарӣ сухан гуфтан беҳудагӣ аст. Подшоҳон, золимонро мадҳ гуфтан шармандагӣ ва пасткорӣ аст, набояд қимати дурри лафзи дариро пеши пои хукон рехт».



Мутафаккир аз зумраи суханваронест, ки бетарсу бим аз сохтори ҷомеааш фикрҳои пешқадами худро дар ашъораш, аз ҷумла, дар қасоиди хеш нишонрасу ҳадафмандона мунъакис кардааст ва шоҳону аҳли дарборро фошофош танқиду мазаммат намуда, зулму озор ва шиканҷаву дилозории онҳоро нисбат ба аҳли заҳмату мардони донапошу меҳнаткаш ба қалам додааст. Носири Хусрав дар ашъори баландмазмунаш хирадро мояву ҷавҳари инсонӣ ва ҳадияи Яздонӣ донистааст, зеро инсони равшанзамиру ҳалиму хоксор бо ақлу заковати азалии худ бинои адлу инсофро мустаҳкаму қавӣ месозад. Инсони хирадманд дар ҳаллу фасли муаммоҳо ақли пуртадбирро силоҳу сипар мешуморад, аммо ашхоси бехираду кавдан бо дороиву тадбирҳои беандешаашон дар банди мушкилотанд. Шоир дар қасидае, ки бо мисраи «Бар ту ин хӯрдану ин рафтану ин хуфтан

хатост» оғоз мешавад, масоили иҷтимоӣ ва тараннуми хирадгароиро тору пуди ин қасида қарор додааст. Вай менигорад, ки аҳли ҷоҳу мансаб нисбат ба мардуми камбизоату нодор бо роҳҳои гуногун зулму ситамро раво мебинанд, аз ин рӯ, одамонро аз оқибати бадфарҷоми он ҳушдор медиҳад. «Ин гуна шахсони зулмпешаву бехирадро рӯзи ҳашру ҳисоб муомилаи зишту аъмоли онҳо ва амали нопоки онҳо домангир мешаванд», - таъкид мекунад шоир.

Шоири хирадпеша инсонҳоро ба муносибати некуву воло бо мардум роҳнамоӣ карда, чунин ҳикмати арзишмандро баён менамояд ва то кунун андешаҳои ӯ тозаву нав ва дархӯри ҷомеаанд:

***Ҳамчунон чун тани мо зинда бо об асту ҳаво,***
***Сухани хуб дили мардумро обу ҳавост.***
***Сухани хуб зи Ҳуҷҷат шунав, ар волоӣ,***
***Ки суханҳо-ш сӯйи мардуми воло волост.***

Адиб сухани хуб, андешаи олиро ҷавҳари муносибати инсонӣ дониста, зикр мекунад, ки илмро амал судманд мегардонад. Шоир ба он ақида аст, ки суханони ҳикматофараш чун дебои Румӣ суханони ӯро зебоиву фараҳ мебахшанд ва чашми аҳлу фаросатро ҷилои сарсабзӣ ато менамояд. Аммо бедонишиву бехирадӣ маҳаки ҳазорҳо фарсах дур аз олами инсонӣ будан аст.

Мусаллам аст, ки дили мардумро тавассути гуфтору суханони наку ба даст метавон овард. Дар ин маврид, Носири Хусрав дар яке аз қасидаҳои хеш панду андарз медиҳад, ки он то ҳанӯз аз қаъри асрҳо садо дода, одамиятро ба фазлу иноят, сабру таҳаммул ва инсонгароӣ ҳидоят месозад:

***Гуле ҷуз сухан дид ҳаргиз касе,***
***Ки бе обу бе нам ҳамеша тарист?***
***Биёмӯз гуфтору кирдори хуб,***
***К-аз ин ҳарду бунёди некахтарист.***
***Муроди Худой аз ҷаҳон мардум аст,***
***Дигар ҳар чи бинӣ, дар ӯ сарсарист.***

Ин андешаҳо бозгӯйи онанд, ки Носири Хусрав дар ашъори ҷонфизову малакутии хеш қадру қимати сухани боарзишу ҷонпарварро ҷавҳари бунёди ҳастии инсонӣ медонад. Ӯ дар боби сухангустариву арзиши суханони дилнишину гӯшнавоз, ки ба василаи он одами ҳушмандро аз гуфтори зоҳирпарастонаву хому бебунёд манъ мегардонад, бомаврид фармудааст:

***Суханҳои Ҳуҷҷат ба ҳуҷҷат шумор,***
***Ки қавлаш на беҳудаю сарсарист.***

Устоди забардасти шеър дар қасидаи дигараш таҳти унвони «Эй Ҳуҷҷати бисёрсухан, дафтар пеш ор» бори дигар ба масъалаи сухангӯиву сухангустарӣ дахл карда, гуфтору андешаҳои бикру маонӣ суфтааст. Шоир қайд мекунад, ки суханонаш хубу хуш ва ҳадафманду назаррас буда, саршори мазмунҳои ирфонианд. Ба қавли мутафаккир, сухани нав дурри геронбаҳоест, ки шунавандаро ба ваҷд меоварад ва хонандаю шунавандаро ба сӯйи маърифату саодатмандӣ раҳнамоӣ менамояд. Дар ин маврид шоири маъниофару нуктасанҷ хеле бомулоҳиза иброз медорад:

***Очори сухан чист? Маъонию иборат,***
***Нав-нав сухан орӣ, чу фароз омадат очор.***
***Дар шеър зи такрори сухан бок набошад,***
***Зеро ки хуш ояд сухани нагз ба такрор.***

Қасоиди Носири Хусрав, чуноне ки худаш таъкид мекунад, аз ҷиҳати ғунҷоиш ва фарогирии мавзуъ на он қадар дарозанд. Адабиётшиноси варзида, профессор Аълохон Афсаҳзод роҷеъ ба нигориши қасидаҳои шоири шаҳир Носири Хусрав андешаҳои зайлро баён доштааст: «Қасидаҳое, ки дар он дида мешаванд, аз ҷиҳати мазмун ва нигориш рисолаҳои хурдеро мемонанд, ки мавзуъҳои муайянеро дар бар мегиранд. Шоир ба онҳо танҳо либоси назм пӯшондааст. Баъдан, қисми дигари девон мундариҷаи бойи лирикӣ дорад».

Бояд хотирнишон кард, ки қасоиди ӯ сарчашмаи бузурги фазлу илм буда, алфозу андешаҳояш фарогири мантиқу ҳикмат мебошад ва ҳақиқату ростиро, ки ҳарчанд талху ногувор аст, бетарсу ҳарос ошкоро баён доштааст:

***Беҳ аз наку сухан чизе наёбӣ,***
***Ки зи доно барӣ ба расми пора.***
***Сухан Ҳуҷҷат гузорад нағзу зебо,***
***Ки лафзи ӯст мантиқро гузора.***
***Ҳазорон қавли хубу рост, борик,***
***Аз ӯ ёбанд чун тори ҳазора.***

Мутолиаи қасоиди гуҳарбораш ба он далолат мекунад, ки шоир истеъдоди суханпардозии хешро ба мизони ақлу фаросат ороста, аз забони пурғановату ширини тоҷикӣ – форсӣ хеле бамаврид корбаст кардааст ва мартабаи шеъру шоирии худро дар таърихи адабиёти классикии тоҷику форс шуҳратфизо гардонидааст. Ашъори ҷонпарвару суханони нотакрори рангинаш садсолаҳо боз вирди забони ашхоси шеърдӯсту шеърпарвар қарор дорад ва дар тарбияи маънавии наслҳои имрӯза нақши бориз мегузорад. Умуман, агар ба дарунмояи қасоиди шоир бингарем, ҷавҳари онро ҷойгоҳи сухани хубу дилнишин фарогир аст, чунки вай дар он ақида аст, ки парҳезу танаффур аз амалҳои бад ва гуфтори дилрабову ҷаззоб инсонро саодатманд менамояд. Шоири хирадгаро бо суханҳои ҳикматофараш одамонро ба хираду илмомӯзӣ роҳбаладӣ карда, аҳли суханро ҳушдор месозад, ки чун мардони сухангӯйи асил дар нутқ суханони пурманфиату гуҳарборро бамавқеъ корбаст намоянд. Аз ин ҷиҳат, гуфтору андешаҳои шоир аз ҳикмату андарзҳои нотакрор саршор мебошад:

***Аз Ҳуҷҷат гир панду ҳикмат,***
***Гар ҳикмату пандро сазоӣ.***
***Бо навсуханон ӯ куҳан гашт,***
***Он шуҳра мақолоти Кисоӣ.***

Ҳаминро бояд ёдрас шуд, ки Носири Хусрав дар қасидаҳояш аз шоир Кисоӣ борҳо ёдовар шудааст ва дар иншои қасида бештар бар ӯ пайравӣ намудааст, вале тарзи баён ва шеваи гуфтори ашъори шоир тару тоза буда, аз шеъри Кисоии Марвазӣ бакуллӣ тафовут дорад. Олими тоҷик Мадислом Раҳмонов роҷеъ ба масъалаи зикршуда дар мақолааш «Носири Хусрав – шоири қасидасаро» чунин нигоштааст: «Аз мутолиаи қасидааш бармеояд, ки ӯ бештар бар каломи шоири нимаи дуюми асри X ва аввалҳои асри XI тоҷику форс Кисоии Марвазӣ таваҷҷуҳи хоссае дошта будааст.»

Носири Хусрав ҳамчун донишманди шаҳир ва шоири тавоно ҷаҳонбинии фарох дошт ва дар қасоиди хеш перомуни масоили сухандонӣ, мавқеи корбурд ва арзиши забонии он фаровон ишораҳо кардааст. Дар қасоиди шоир воқеаҳову ифодаҳое ба назар мерасанд, ки онҳо то ҳанӯз дар санъати суханварӣ мавриди истифода қарор доранд. Дар «Девони ашъор»-и шоир намунаҳои зиёди порчаҳои шеърӣ ёфт мешаванд, ки дар онҳо вожаву ибораҳои халқӣ фаровон истифода шудаанд ва шоир суханони панду ҳакимонаи хешро бо забони зиндаи халқ хеле шоирона ифода карда, услуби сухангустарии худро такмил бахшидааст. Аз андешаҳои боло бармеояд, ки Ҳаким Носири Хусрав ба забони модариаш таваҷҷуҳи хосса доштааст. Дар ин росто ховаршиносони тоҷик Амрияздон Алимардонов, Сайиданвар Шохуморов, Тоҷинисо Муродова дар мақолаи «Носири Хусрав ва «Зод-ул-мусофирин»-и ӯ» чунин андешаро зикр кардаанд: «Носири Хусрав аксари осорашро ба забони модарияш (форсӣ-дарӣ) навишта, бо ин васила дар ривоҷу равнақи ин забон дар риштаҳои гуногуни илму дониш саҳми калон гузоштааст. Осори ҳакиму шоири номӣ ба забони фасеҳу балеғ ба шаклҳои гуногун ва дар маъниву мазмуни мухталиф таълиф ёфтаанд. Худи суханвари машҳур ба ҳамин рангорангӣ ва гуногунии шеъри арзишманди худ ишора кардааст» .

Тарзи баёну шеваи гуфтори шоир дархури таваҷҷуҳи ҳаводорони ашъораш мебошад, чунки суханвари мумтозу меҳанпараст дар шеъри ҷовидонааш донишу хирадро маҳаки одамият ва сухани накуву гуворoро омили муҳимми инсонгароӣ медонад.

# РУШДИ ЗИНАИ БАНАҚШАДАРОРИИ ТАФАККУР

**НОДИР АМОНОВ – дотсенти кафедраи педагогика, психология ва методикаи таълими Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф**

**Дар Паёми навбатии худ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба паст будани сифати таълиму тарбияи насли наврас ба таъкид ҳарф заданд. Дар ҳақиқат, сатҳи таълиму тарбия имрӯз такмил ва ислоҳотро тақозо дорад. Барои беҳтар кардани сифати таълиму тарбия зарурати рушди тафаккури насли наврас дар ҷараёни таҳсилот ба миён меояд. Бинобар ин, равоншиносони кишварамонро зарур меояд, ки оид ба тафаккури насли наврас, ташхис ва ташаккули он фикру андеша кунанд.**

Насли наврасе, ки маҳорати баланди истифодаи технологияи навини муосирро надорад, мутахассиси соҳибмаълумот шуда наметавонад. Технологияи имрӯза он қадар тараққӣ намудааст, ки барои онро омӯхтану истифода кардан дорои тафаккури баланди техникӣ будан лозим ва шарт аст. Мувофиқи дастовардҳои илми психология, тафаккури баланди техникӣ дар заминаи тафаккури математикӣ ташаккул меёбад. Умуман, замони имрӯза, тақозо мекунад, ки шахс пеш аз ҳама, дараҷаи баланди рушди тафаккурро доро бошад, то ин ки бо навтарин технологияи замон кор ва фаъолият карда тавонад. Бояд қайд намуд, ки барои ташаккул додани тафаккури насли наврас мебояд ба таври зарурӣ аз усулу шеваҳои навини таълим истифода бурд. Ҷараёни дурусти таълиму тарбия мувофиқи ақидаи олимони машҳури соҳаи психология В.Давидов, Д.Элконин ва шогирдони онҳо, метавонад дар насли наврас дараҷаи баланди рушди тафаккури назариявиро ба зуҳур орад. Ба ақидаи Л.С. Виготский, танҳо ҷараёни таълим ва тарбия қодир аст, ки дар насли наврас зинаҳои назтиктарини рушдро пайдо намоем. Зеро ҷараёни таълим ва тарбияи насли наврас дар ҳамин синну сол фаъолияти пешбаранда ба ҳисоб рафта, барои дарки олами иҳотакардашуда имкони баландтар медиҳад.



Дар илми психология ду типи тафаккурро аз ҳамдигар фарқ мекунанд: эмпирикӣ ва назариявӣ. Гегел ду типи тафаккурро аз ҳам ҷудо карда, онҳоро ҳиссӣ ва зеҳнӣ номида буд. Тафаккуре, ки дар асоси мафҳумҳои эмпирикӣ ба амал меояд, аз ҷониби В.Давидов ҳамчун тафаккури ҳиссӣ-эмпирикӣ номида шуд. Монанди ҳамин, тафаккуре, ки дар асоси мазмуни мафҳумҳо амалӣ мегардад зеҳнӣ-назариявӣ ном гирифт. Типи эмпирикии тафаккур мувофиқ барои ҳалли масъалаҳои амалӣ мебошад. Зеро бо ёрии он дар ҳалли масъалаи фикрӣ ба аломатҳои зоҳирӣ ва камаҳамияти ашё ва ҳодисаҳо эътибор дода мешавад. Дар натиҷа, масъалаи фикрӣ бо роҳи хато ва нодуруст ҳал мегардад. Баъзан ҷараёни ҳалли масъалаи фикрӣ аз ҷониби озмудашаванда то ба охир расонда намешавад. Умуман, дорандагони типи эмпирикии тафаккур дар ҷараёни ҳалли масъалаи фикрӣ вақти бисёртар сарф карда, супоришро хато ҳал мекунанд ва ё баъзан аз уҳдаи ҳалли масъалаи фикрӣ намебароянд. Хулоса, типи эмпирикии тафаккур имкон намедиҳад, ки масъалаи фикрӣ ба таври бояду шояд ҳал гардад. Типи назариявии тафаккур дар ҳалли

масъалаи фикрӣ ба аломатҳои муҳим, алоқамандии ботинии ашё ва ҳодисаҳо равона шуда, имкон медиҳад, ки масъалаи фикрӣ дурусту бехато ҳал карда шавад. Дар тадқиқотҳои В.Давидов нишон дода мешавад, ки типи назариявии тафаккур дорои се унсури таркибӣ мебошад: таҳлили назариявӣ, банақшадарорӣ ва рефлексия. Таҳлили назариявӣ ба он равона шудааст, ки дар ҷараёни ҳалли масъалаи фикрӣ қонуниятҳои ботинии байни ашё ва ҳодисаҳо ошкор гардида, сипас супоришҳои якҷинса зуд ва дурусту бехато ҳал карда шаванд. Аввалин маротиба дар ҳалли супоришҳои математикӣ маҳорати амалигардонии таҳлили назариявиро В.Крутетский ошкор намудааст. Банақшадарорӣ имкон медиҳад, ки дар ҳалли масъалаи фикрӣ пайдарпайии амалҳое тартиб дода шавад, ки ба ҳалли дурусту бехатои супориш оварда расонад.

Мазмуну мундариҷаи унсурҳои тафаккури назариявиро ба назар гирифта, дар тадқиқотҳои В.Давидов ва шогирдони ӯ чунин зинаҳои рушди тафаккур муайян карда шудаанд: 1) зинаи эмпирикӣ; 2) зинаи аналитикӣ; 3) зинаи банақшадарорӣ; 4) зинаи рефлексия. Ин зинаҳои рушди тафаккур вобаста ба мазмун ва мундариҷаи таълим рушд меёбанд. Дар навбати худ, унсурҳои ташаккулёфтаи тафаккури назариявӣ, яъне таҳлили назариявӣ, банақшадарорӣ ва рефлексия боиси он мешаванд, ки дар насли наврас намудҳои дигари тафаккур (ба мисли тафаккури математикӣ, физикӣ ва ғайра) ҳосил шаванд. Дар тадқиқотҳои Л.Максимов нишон дода мешавад, ки агар дар ҳалли супоришҳои математикӣ озмудашаванда таҳлили назариявӣ, банақшадарорӣ ва рефлексияро амалӣ намояд, пас дар ӯ тафаккури математикӣ ташаккул ёфтааст. Дар тадқиқотҳои Р. Атохонов нишон дода шудааст, ки дар ибтидо кӯдакон дорои зинаи эмпирикии тафаккуранд. Сипас вобаста ба мазмун ва мундариҷаи таълим ва маҳорати азхудкунии дониш, дарку фаҳмиш ва малака дар хонандагони синну соли хурди мактабӣ зинаи аналитикӣ, дар хонандагони наврас зинаи банақшадарорӣ ва дар хонандагони синну соли калони мактабию донишҷӯён зинаи рефлексия ташаккул меёбад.

Зимни таҳлили ҷараёни рушди зинаҳои тафаккур маълум шуд, ки агар озмудашаванда дорои зинаи эмпирикӣ бошад, пас дар ӯ маҳорати амалӣ намудани дигар унсурҳои тафаккури назариявӣ мавҷуд нест. Агар озмудашаванда дорои зинаи аналитикӣ бошад, дар ӯ фақат маҳорати амалӣ кардани унсури таҳлили назариявӣ ташаккул ёфтааст. Агар дорои зинаи банақшадарорӣ бошад, пас дар ӯ маҳорати амалӣ намудани унсурҳои таҳлили назариявӣ ва банақшадарорӣ ташаккул ёфтааст. Монанди ҳамин, агар дорои зинаи рефлексия бошад, пас дар ӯ маҳорати амалӣ кардани унсурҳои таҳлили назариявӣ, банақшадарорӣ ва рефлексия ташаккул ёфтаанд.

Дар тадқиқотҳои В.Давидов, Р.Атохонов ва шогирдони онҳо кӯшиши омӯхтани хусусиятҳои психологии ташаккули ин ё он зинаи рушди тафаккур ба назар мерасад. Аз аввал кӯшишҳои дарёфти чунин шеваҳое карда мешуд, ки ташаккули зинаи эмпирикии тафаккури озмудашавандаро муайян намоянд. Баъдтар барои аниқтар омӯхтани зинаи эмпирикии тафаккури озмудашаванда, шеваҳое ҷустуҷӯ ва дарёфт шуданд, ки дараҷаи ташаккули зинаи аналитикии тафаккури озмудашавандаро зоҳир намоянд. Зеро дар ҳолати баръакс, яъне агар зинаи аналитикии тафаккури озмудашаванда ташаккул наёфта бошанд, пас, ӯ дорои танҳо зинаи эмпирикии тафаккур аст. Монанди ҳамин, ташаккули зинаҳои аналитикӣ, банақшадарорӣ ва рефлексияро муайян карда, дараҷаи рушди тафаккури назариявиро меомӯхтанд, зеро дараҷаи баланди рушди тафаккури озмудашаванда типи назариявии тафаккур мебошанд. Бо мақсади ташхиси ташаккули зинаи банақшадарории тафаккури математикӣ, яъне қобилияти амалигардонии амали фикрии банақшадарорӣ дар маводи математикӣ дар хонандагони синфи 5 (яъне, наврасони 11-сола) аз методи «Кӣ калонтар?» истифода карда шуд. Барои иҷрои ин супориш аввал ба хонанда масъала барои машқ пешниҳод карда мешавад. Агар озмудашаванда дар ҳалли ин масъала ба душворӣ дучор ояду саволҳои гуногун диҳад, озмоишгар бояд ба саволҳои ӯ ҷавоб дода, шартҳои масъаларо хубтар фаҳмонда диҳад. Баъд аз он ки озмудашаванда масъалаи барояш пешкашшударо дуруст ҳал намуд ва шартҳои масъаларо хуб дарк кард, ба ӯ се масъалаи асосӣ пешниҳод карда мешавад. Масъалаҳои асосӣ бо тартиби пешниҳодшавиашон душвортар гардида, маҳорати баландтарини амалигардонии амали фикрии банақшадарории тафаккури назариявиро дар маводи математикӣ талаб менамоянд.

***Масъала барои машқ***

Мурод аз Саид 2 солу 5 моҳ калонтар аст. Умар аз Мурод 2 солу 5 моҳ калонтар аст. Пас, бародари калонӣ аз хурдӣ чанд сол калонтар мешавад?

Озмудашаванда бояд масъаларо фикран ҳал намуда, аз коғазу қалам истифода накарда, ҷавобашро бигӯяд. Агар ҷавоби озмудашаванда хато бошад, хоҳиш карда мешавад, ки аз нав

масъаларо ҳал карда, ба хатоӣ роҳ надиҳад. Танҳо баъди ҷавоби дурустро ёфтан ба озмудашаванда иҷозат дода мешавад, ки ба ҳалли супоришҳои асосӣ шуруъ намояд. Ҷавоби ягонаи дуруст «Умар аз Саид 4 солу 10 моҳ калонтар мешавад» аст. Чунин тарзи навишти ҷавоби дуруст шаҳодат медиҳад, ки хонанда ҳамаи шартҳои ҳалли ин типи масъалаҳоро аз худ намудаву ба ҳалли масъалаҳои душвортар тайёр аст.

***Масъалаҳои асосӣ***

1. Насим аз Искандар 2 солу 6 моҳ хурдтару аз Тоҳир 2 солу 6 моҳ калонтар аст. Пас бародари калонӣ аз хурдӣ чанд сол калонтар мешавад?

2. Салим аз Усмон 2 солу 6 моҳ хурдтар буда, аз Карим 2 солу 6 моҳ калонтар аст. Агар Умар аз Усмон 2 солу 6 моҳ калонтар бошад, пас, бародари калонӣ аз хурдӣ чанд сол калонтар мешавад?

3. Сомон аз Тоҳир 2 солу 6 моҳ калонтар буда, аз Зокир 2 солу 6 моҳ хурдтар аст. Агар Раҳим аз Тоҳир 2 солу 6 моҳ хурдтару аз Нозим 2 солу 6 моҳ калонтар бошад, пас, бародари калонӣ аз хурдӣ чанд сол калонтар мешавад?

Озмоишгар дар рафти истифодаи методи мазкур дар амалия ба озмудашаванда аввал масъалаи якумро пешниҳод менамояд. Агар озмудашаванда мустақилонаю дуруст масъаларо ҳал карда ҷавобашро нависад, ба ӯ масъалаи дуюм пешниҳод карда мешавад. Ҳамин тавр, баъди мустақилонаю дуруст ҳал кардани масъалаи дуюм ба озмудашаванда масъалаи сеюм пешниҳод мешавад. Ҷамъбасти супориш бояд чунин шавад: агар хонанда аз уҳдаи ҳалли масъалаҳо набарояд, ё ин ки ҷавоби нодуруст диҳад, ин аз он шаҳодат медиҳад, ки дар ӯ зинаи банақшадарорӣ дар маводи математикӣ ташаккул наёфтааст. Агар озмудашаванда ҳамаи масъалаҳои асосиро мустақилонаю дуруст ҳал намояд (яъне, ҷавобҳои зеринро пешниҳод намояд: 1) «Искандар аз Тоҳир 5 сол калон мешавад»; 2) «Умар аз Карим 7 солу 6 моҳ калон мешавад»; 3) «Зокир аз Нозим 10 сол калон мешавад»), ин аз он шаҳодат медиҳад, ки дар ӯ зинаи банақшадарории тафаккури назариявӣ дар маводи математикӣ ташаккул ёфтааст. Агар озмудашаванда фақат як ё ду масъалаи асосиро дуруст ҳал намояд, пас дар ӯ зинаи банақшадарории рушди тафаккури математикӣ ба пуррагӣ ташаккул наёфтааст. Пеш аз истифодаи методи коркардашудаи нави ташхисӣ дар ҷараёни тадқиқот, мувофиқи талаботи имрӯзаи илми психология лозим аст, ки он ба стандарт дароварда шавад. Барои ба стандарт даровардани методи ташхисии нави коркардашуда як қатор талабот мебояд риоя гардад. Талаботи аввалини ҳамин аст, ки бояд эътимод (валидность) ва эътимоднокӣ (надежность) исбот шуда бошад. Мувофиқи талабот, барои исботи дараҷаи боваринокии методи нави коркардшуда мебояд натиҷаи озмоишии методи навро бо ягон натиҷаи методи маъруфи боваринокиаш исботшуда қиёс кард. Аз ин рӯ, ба сифати методи маъруфи боваринокиаш исботшуда, методҳои психологи ветнамӣ Ле Тхи Кхан Кхо «Тангаҳо» истифода шуданд.

Дар даври якуми таҳқиқот муайян карда шуд, ки оё дар ҳақиқат методҳои ташхисии дар маводи математикӣ тартибдода зинаи банақшадарории тафаккури хонандагони синфи 5 – ро муайян карда метавонанд? Барои озмоиш 25 нафар хонандаи синфи 5-уми муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №15-и шаҳри Хуҷанд ҷалб шуданд ва бо онҳо аз методҳои «Кӣ калонтар?» ва «Тангаҳо» истифода намуда, зинаҳои рушди тафаккури банақшадарории онҳо дар маводи ғайрифаннӣ ва математикӣ ташхис карда шуд. Барои нишон додани боваринокии методҳои ташхисии тартибдодашуда аз усули боваринокии ҷорӣ истифода гардид, яъне бо роҳи баҳогузорӣ ва қиёс намудани натиҷаҳои тести нав тартибдодашуда ва тесте, ки алҳол боваринокии он исбот шудааст, санҷиш гузаронда шуд. Ҳамин тавр, барои нишон додани дараҷаи боваринокии методи тартибдодаи «Кӣ калонтар?» натиҷаҳои озмоишӣ бо натиҷаҳои методҳои психологи ветнамӣ Ле Тхи Кхан Кхо «Тангаҳо» қиёс гардид. Барои қиёс намудани натиҷаи методҳои номбаршуда ва исбот намудани дараҷаи боваринокии методҳои ташхисӣ аз формулаи **φ** (Пирсон) истифода шуд. Сабаби интихоб кардани формулаи **φ** (Пирсон) дар он аст, ки методҳои «Кӣ калонтар?» ва «Тангаҳо» фақат ду натиҷа медиҳанд: а) дар озмудашаванда зинаи эмпирикии рушди тафаккур мушоҳида мешавад; б) дар озмудашаванда зинаи банақшадарории рушди тафаккур мушоҳида мешавад.

Агар натиҷаҳои методҳои ташхисӣ фақат ду хел, ба мисли методҳои «Кӣ калонтар?» ва «Тангаҳо» набошанду балки бештар бошанд, ба мисли равияи «Корӣ», «Ҷамъиятӣ» ва «Шахсӣ», он гоҳ аз формулаи **φ** (Пирсон) истифода бурда намешуд. Ҳамин тавр, бо мақсади фаҳмо ва равшан шудани ҷараёни исботи боваринокии методи ташхисии коркардшудаи нав, натиҷаи озмоишии методҳои «Тангаҳо» ва «Кӣ калонтар?»-ро ба таври мушаххас баён мегардад.

Таҳлили ҷараёни донишазхудкунии хонандагони ташхисшуда исбот намуд, ки асосан дар хонандагони сустхон ва коҳил зинаи эмпирикии рушди тафаккури математикӣ ташаккул ёфтааст. Дар хонандагоне, ки фаъоланд ва супоришҳои таълимиро мустақилона тайёр мекунанд, асосан зинаи банақшадарории рушди тафаккури математикӣ ба чашм мерасад. Пас, гуфтан мумкин аст, ки ҷараёни ташаккулёбии зинаҳои рушди тафаккури математикӣ аз мазмуну мундариҷа, фаъолию мустақилӣ ва маҳорату малакаи педагогии устодон вобастагӣ дорад. Илова бар ин, бояд қайд намуд, ки ба ҷараёни ташаккули зинаи банақшадарории рушди тафаккури математикӣ ҳалли мустақилонаи мисолу масъалаҳои математикӣ мусоидат менамояд. Аз ин рӯ, дар дарсҳои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ташкил кардани ин намуди фаъолияти таълимӣ мувофиқи матлаби таълим ва тарбияи имрӯза мебошад.

Ин маълумотҳо кормандони соҳаи маориф ва муаллимони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро водор месозад, ки оид ба мазмун ва мундариҷаи дарс, фаъолгардонии шогирдон андеша карда, сифату самаранокии фаъолияти педагогии худро беҳтар намоянд. Дар ҷараёни таълиму тарбияи шогирдон устодон бояд бештар ба хонандагон супориш ва мисолу масъалаҳои математикӣ пешниҳод карда, талаб намоянд, ки мустақилона онҳоро иҷро кунанд. Кори мустақилона боиси рушди зинаҳои баланди тафаккури математикии наврасон мешавад.

# САМАРАНОКИИ ИСТИФОДАИ СУҲБАТИ ИНКИШОФДИҲАНДА ДАР ДАРС

А. УБАЙДОВ,
М. ДАВРОНОВА –
омӯзгорон аз
ноҳияи Мастчоҳ

**Дар таҷрибаи кори муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ зимни таълими фанни физика дарсҳои гуногуннавъ ҷорӣ шудаанд. Яке аз навъҳои асосӣ ва маъмул, дарси омӯзиши маводи нав (дарси азхудкунии маводи нав) мебошад. Ин табиист, зеро дар ҳар дарс бояд хонандагон соҳиби салоҳиятҳои муайян гарданд, инчунин, салоҳиятҳои худро ривоҷ дода, тарзи донишомӯзиро ёд гиранд.**

Дарси «Омӯхтани маводи нав»-ро аз физика бо навъҳои гуногун гузарондан мумкин аст. Яке аз ин гуна дарсҳо бо методи суҳбати ташаккулдиҳанда гузаронда шудани он мебошад. Мавзуъ бо методи суҳбати ташаккулдиҳанда (саволу ҷавоб) дар он мавриди омӯхта мешавад, ки хонандагон доир ба он тасаввуроти ибтидоӣ (аз ҳаёт, рӯзгор ва фанҳои дигар) дошта бошанд ё имкони намоиши ҳодисаву қонун тавассути таҷрибаи намоишӣ ва ё порчаи филми таълимӣ имконпазир бошад. Пас аз баён шудани маводи нав, кори мустақилонаи хонандагон ташкил карда мешавад, ки мазмуни он асосан аз возеҳ кардани хулосаҳои хонандагон (аз муаррифиҳои онҳо бармеоянд) иборат аст. Дар ин зина тавассути кор бо китоби дарсӣ (саволҳои охири мавзуъ, расм, ҷадвал, график, формулаҳо ва машқу масъалаҳо), маводи дидактикӣ, супоришоти тестӣ кори мустақилонаи ҳамаи хонандагонро ташкил ва натиҷаи онро ҷамъбаст мекунанд. Шароити дарстайёркунии хонандагонро дар хона ба ҳисоб гирифта, ба онҳо супоришҳои гурӯҳӣ ё инфиродӣ роҷеъ ба мушоҳидаи ҳодисаҳо, гузарондани озмоишҳо, ҳалли масъала ё тартиб додани он, сохтани асбоб ё воситаҳои аёнӣ пешниҳод карда мешавад. Зимни таълими мавзуи мазкур омӯзгорро лозим меояд, ки мафҳуми фишори рӯшноиро мувофиқи назарияи электромагнитии Максвелл ва



назарияи квантӣ маънидод кунад. Дар китоби дарсӣ бештар ба таҷрибаҳои ҳассоси Лебедев оид ба чен кардани фишори рӯшноӣ эътибор дода шудааст. Омӯзгор дар аввали дарс ба хонандагон оид ба ҳанӯз соли 1873 аз тарафи Ҷеймс Максвелл пешгӯӣ карда шудани фишори рӯшноӣ маълумот медиҳад. Соли 1889 физики бузурги рус П.Н. Лебедев фишори рӯшноиро дар таҷриба чен карда, мавҷудияти онро қотеъона исбот карда буд. Пас аз таҷрибахои Лебедев муайян гашт, ки фишори рӯшноӣ бо вуҷуди дар шароитҳои муқаррарӣ (заминӣ) ночиз буданаш (масалан, фишори рӯшноии Офтоб ба сатҳи Замин ҳамагӣ ба 0,001 Па баробар асту халос) воқеан ҳам, вуҷуд дошта, дар равандҳои дохилиситорагӣ нақши калон дорад ва барои шарҳи ҳодисаҳои табиат ёрӣ мерасонад. Зимни шиносоии мафҳуми фишори рӯшноӣ сабаби бо самти нури Офтоб тӯл кашидани думи кометаҳо, тағйирёбии мадори радифони сунъии Замин ҳангоми парвози онҳо ва дигар рӯйдодҳои астрофизикӣ маънидод карда мешавад. Ба хотири пурсамар гузаштани дарс омӯзгорро лозим меояд, ки методҳои фаъолкунандаи пурсишро васеъ истифода барад. Истифодаи ин метод дар дарс барои ҷалби диққати аҳли синф мусоидат карда, хонандагонро ба ҳамкорӣ кардан ва ҷустуҷӯи иттилооти зарурӣ водор месозад. Ин ҳама, албатта, ба ташаккули салоҳиятҳои асосии

хонандаон мусоидат мекунад. Мо дар нигоштаи хеш намунаи нақшаи дарсиро зимни таълими мавзуи мазкур меорем.

**Мавзуъ:** Фишори рӯшноӣ, синфи 11– 1 соат.

**Мақсадҳои таълим (дарс).** Бо омӯзиши мавзуъ хонандагон бояд:

– мафҳуми фишори рӯшноиро шарҳ диҳанд;

– таҷрибаи Лебедевро шарҳ дода тавонанд;

– фишори рӯшноиро ҳисоб карда тавонанд;

– формулаи ҳисобкунии онро навиштаву тавзеҳ дода тавонанд;

– доир ба татбиқи формулаи ҳисобкунии фишори рӯшноӣ масъалаҳо ҳал карда тавонанд.

**Барномаи дарс.** Қисми ташкили дарс, кор бо матн ва расмҳои китоби дарсии «Физика» (синфи 11), шарҳи мафҳумҳои фишори рӯшноӣ, таҷрибаи Лебедев, кор бо расмҳои 162–163, мушоҳида, муқоиса ва таҳлил, ҳалли масъалаҳо, алоқаманд намудани мазмуни мавзуъ бо мавзуъҳои пешина ва ҳаёти воқеӣ, кор бо тестҳо.

**Ташаккул додани салоҳиятҳо**

Баёни мавзуъ бо усулҳои проблемавӣ ва интерактивӣ сурат гирифта метавонад:

**Омӯзгор:** – Мавҷудияти фишори рӯшноиро аз нуқтаи назари квантӣ чи тавр шарҳ додан мумкин аст?

**Хонанда:** – Сели рӯшноӣ аз дастаи фотонҳо иборат буда, ҳар як фотон дорои импулси $p = mc$ мебошад. Ҳангоми аз тарафи ҷисм фурӯбурда шуданаш нопадид мегардад, аммо мувофиқи қонуни нигаҳдории импулс он нест намешавад. Импулси рӯшноӣ ба ҷисм дода мешавад, яъне ба ҷисм ягон қувва таъсир мекунад.

**Омӯзгор:** – Дуруст, аммо магар рӯшноӣ аз тарафи ҷисм танҳо фурӯ бурда мешавад?

**Хонанда:** – Не, як қисми фотонҳои рӯшноӣ аз ҷисм инъикос мешавад, қисми дигарашон аз қабати ҷисм гузашта метавонанд. Яъне, дар шароити муқаррарӣ қисман аз ҷисм инъикос мешаванд, қисман фурӯ бурда мешавад ва агар ҷисм шаффоф бошад, як миқдор фотонхо аз қабати ҷисм гузашта мераванд.

**Омӯзгор:** – Хуб, агар ҷисм мутлақ оинавӣ бошад-чӣ? Масалан, рӯшноӣ ба сатҳи оина амудан афтад (Расми 1)



**Расми 1**

**Хонанда:** – Мо медонем, ки ҳангоми зарбаи чандир ба девор импулси соҳибгардидаи девор ба дучанди импулси ҷисм баробар аст. Дар ин ҷо ҳам ҳамин тавр бояд шавад. Фотон аз оина муқобили самти авввалааш бо ҳамон суръат инъикос мешавад, яъне баъди инъикос шудани фотон оина соҳиби импулси 2mc мешавад. Импулси соҳибгардидаи оина ҳангоми инъикос шудани рӯшноӣ назар ба фурӯбурда шуданаш 2 маротиба зиёд аст. Ин нишон медиҳад, ки қувваи фишори рӯшноӣ ҳангоми инъикос гардиданаш назар ба фурӯ бурда шуданаш 2 маротиба зиёд аст.

**Омӯзгор** тавзеҳ медиҳад: – Дуруст, дар шароити муқаррарӣ фишори рӯшноӣ ҳам дар вақти фурӯ бурда шудани фотонҳо, ҳам ҳангоми аз ҷисм инъикос шудани он зоҳир мегардад.

Фишори рӯшноиро мувофиқи назарияи мавҷӣ низ маънидод кардан мумкин аст. Агар мавҷи рӯшноӣ ба сатҳи ҷисм амудӣ афтад (расми 2) самти қувваи фишори рӯшноӣ чи гуна мешавад?



**Расми 2**

**Хонанда:** – Амудан ба сатҳи ҷисм - ба рафти паҳншавии рӯшноӣ.

**Омӯзгор:** – Барои чӣ?

**Хонанда:** – Самти миқдори ҳаракати (импулси) фотони рӯшноӣ, ки ба ҷисм дода мешавад, бо самти қувваи фишори рӯшноӣ як хел бояд шавад.

**Омӯзгор**: – Сабаби ба вуҷуд омадани ин қувваро аз нуқтаи назари мавҷӣ чӣ тавр маънидод кардан мумкин? (Хонандагон хомӯш мемонанд.)

**Омӯзгор:** – Ҷисмҳо аз чӣ таркиб ёфтаанд?

**Хонанда:** – Аз молекулаҳо ва атомҳо.

**Омӯзгор:** – Атомҳо-чӣ?

**Хонанда:** – Аз электронҳо, протонҳо ва нейтронҳо.

**Омӯзгор:** – Ҳангоми ба ин зарраҳо афтидани мавҷи электромагнитӣ ба онҳо ягон гуна қувва таъсир мекунад?

**Хонандагон:** – Ба электронҳо ва протонҳо қувваи кулонии $F = eE$ таъсир мекунад, зеро заряди электрӣ (е) доранд ва мавҷи электромагнитӣ аз майдонҳои электрӣ ва магнитии тағйирёбанда таркиб ёфтааст.

**Омӯзгор:** – Ҷузъи магнитии мавҷи электромагнитӣ ба ин зарраҳо таъсир мекунад?

**Хонандагон:** – Ба зарраҳои зарядноки дар майдони магнитӣ ҳаракаткунанда қувваи Лоренс таъсир мекунад.

**Омӯзгор:** – Модули қувваи Лоренсро мувофиқи формулаи $F = Bq\vartheta\sin\alpha$ ва самти онро бо қоидаи дасти чап муайян мекунем. Ҳамин тавр, мавҷи электромагнитӣ ба зарраҳои заряднок бо ягон қувва таъсир мекардааст. Дар ин ҷо мавҷудияти фишори рӯшноиро чӣ тавр маънидод кардан мумкин?

**Хонандагон:** – Ин таъсири мавҷи рӯшноӣ ба зарраҳои ҷисм мебошад.

**Омӯзгор:** – Ин қувваҳо чигунаанд-электрӣ, магнитӣ ё ки ҳар ду?

Барои инро маънидод кардан расми 3-ро муоина мекунем. Аввал таъсири мавҷи электромагнитиро ба зарраҳои мусбат дида мебароем. Ба ин заряд (дар расм заряди мусбатро нишон медиҳад) кадом қувва таъсир мекунад?



**Расми 3**

**Хонанда:** – Қувваи электрие, ки ба $eE$ баробар асту бо вектори Е ҳамсамт аст.

**Омӯзгор:** – Дар зери таъсири ин қувва зарядҳои мусбат ба ҳамон самт ҷой иваз карда метавонад. Ин қувва оё фишори рӯшноиро ба вуҷуд меорад?

**Хонандагон:** – Не, самти ин қувва ба сатҳи ҷисм амудӣ нест. Фишори рӯшноиро қувваи Лоренс бояд ба вуҷуд орад, зеро ба заряди зери таъсири майдони электрӣ бо суръат ҳаракаткунанда аз тарафи ташкилдиҳандаи магнитии мавҷи электромагнитӣ ҳатман қувваи Лоренс таъсир мекунад.

**Омӯзгор:** – Қувваи Лоренс дар ин ҷо чӣ тавр зоҳир мегардад?

**Хонандагон:** – Электронҳои ҷисм зери таъсири майдони электрии мавҷи рӯшноӣ бошитоб ҳаракат мекунанд ва ба суръат соҳиб мешаванд. Ба онҳо аз тарафи ҷузъи магнитии мавҷи электромагнитӣ қувваи Лоренс таъсир мекунад.

*Омӯзгор ба тахтаи синф формулаи қувваи Лоренсро менависад ва дониши хонандагонро истифода бурда, самти онро бо ёрии қоидаи дасти чап муайян мекунад. Самти ин қувва ба сатҳи ҷисм амудӣ буда, ба дохили ҷисм равон аст (Расми 3).*

**Омӯзгор:** – Ба зарядҳои мусбат низ ин қувва таъсир мекунад?

**Хонанда:** – Қувваи Лоренс ҳам ба зарядҳои мусбат, ҳам ба электронҳои ҳаракатнок таъсир мекунад. Аз расм аён аст, ки қувваҳои лоренсии ба ин зарраҳо таъсиркунанда самти якхела доранд. Ин қувваҳо дар маҷмуъ, фишори рӯшноиро ба амал меоранд.

**Омӯзгор:** – Бояд хотиррасон намоем, ки дар ҷисмҳои сахт, масалан дар кристаллҳо зарядҳои мусбат (ядрои атомҳо) ба монанди электронҳо зери таъсири майдони электрӣ озодона ҷой иваз карда наметавонанд, лекин тамоюли лаппиши онҳо дар мавқеи мувозинатиашон ба майдон мувофиқ мешавад.

Аз таҷрибаи Лебедев ва аз рӯи тасдиқоти назариявӣ бармеояд, ки фишори рӯшноӣ бузургии физикист ва бинобар ин онро ҳисоб кардан мумкин аст. Барои ҳисоб кардани бузургии фишори рӯшноӣ аз назарияи мавҷӣ ва квантии рӯшноӣ, аз қонуни бақои импулс ва аз қонуни дуюми Нютон истифода мебарем.

Маълум аст, ки зичии сели мавҷи электромагнитӣ ба $I = \frac{E}{S\Delta t}$ (1) баробар аст. Аз тарафи дигар, тибқи дуюми Нютон навишта метавонем:

$F = \frac{m\Delta \vartheta}{\Delta t}$ (2)

Импулси фотон $p = mc$ -ро ба назар гирифта, формулаи (2)-ро ба шакли зерин навиштан мумкин аст.

$F = \frac{mc}{\Delta t}$ (3)

Формулаи фишори рӯшноиро ин тавр навишта метавонем:

$P = \frac{F}{S} = \frac{mc}{S\Delta t}$ (4)

Энергияи фотон мувофиқи фомулаи Эйнштейн ба $E = mc^2$ (5) баробар мебошад. Ифодаи (5)-ро ба (4) гузошта, ҳосил мекунем:

$P = \frac{E}{Sc} = \frac{E}{Sc\Delta t}$ (6)

Ниҳоят ифодаи (1)-ро ба назар гирифта, чунин навишта метавонем:

$P = \frac{I}{c}$ (7)

Аз ифодаи (7) бармеояд, ки бузургии фишори рӯшноӣ ба зичии сели мавҷи электромагнитӣ мутаносиб аст. Формулаи ҳисоб кардани бузургии фишори рӯшноӣ (7) табиати дуалистии (мавҷӣ ва заррагӣ)-и рӯшноиро тасдиқ мекунад.

**Мустаҳкамкунӣ:**

1. Фотон массаи оромиш надорад. Импулси ин гуна зарраи бемассаро чӣ тавр ифода кардан мумкин аст?

2. Фишори рӯшноӣ дар кадом маврид зиёдтар аст – дар сурати ба сатҳи оинавӣ задани рӯшноӣ ё ҳангоми ба сатҳи сиёҳ задани он?

**Арзёбӣ.** Пас аз баёни мавзуи нав, бо мақсади санҷидани дараҷаи азхудкунии маводи омӯхташуда омӯзгор бо хонандагон аз рӯйи саволҳои зерин суҳбати умумӣ мегузаронад.

1. Фишор гуфта, чӣ гуна бузургии физикиро меноманд?
2. Рӯшноӣ чист?
3.Дарозии мавҷи рӯшноӣ чӣ қадар аст?
4.Дар таҷриба чӣ тавр муайян кардан мумкин, ки рӯшноӣ фишор дорад?
5. Фишори рӯшноӣ дар асоси чӣ ба амал меояд?
6. Оид ба фишори рӯшноӣ мисолҳо оред.

**Ҷамъбасти дарс**

Ҳамин тавр, омӯзгори физика бо истифода аз саволҳои ташаккулдиҳанда дарси худро пурсамар, рангоранг ва шавқовар баргузор карда метавонад. Хонандагон кӯшиши мустақилонаи ёфтани ҷавоби саволҳоро мекунанд ва ин имкон медиҳад, ки дар онҳо маҳорату малакаи дарёфти маълумоти зарурӣ ташаккул ёбад.

# ПРОБЛЕМАҲОИ ГЛОБАЛИИ ЭКОЛОГӢ

Зайнура БАҲРИДДИНОВА – омӯзгори Коллеҷи тиббии шаҳри Панҷакент

**Мураккабии вазъи экологӣ мушкилоти тамоми ҷаҳон буда, бо халалдор шудани равандҳои табиии ҳаёт (тағйирёбии иқлим ва ғ.) алоқаманд аст. Мушкилоти экологӣ шартан ба ду категория тақсим мешаванд: мушкилоте, ки бо таъсири мутақобилаи табиат ба инсон алоқаманданд, мушкилоте, ки бо таъсири инсон ба табиат алоқаманданд.**

Аз солҳои 60-уми асри гузашта сар карда, фарҳанги экологӣ ва тарбияи экологӣ вусъат ёфт ва намудҳои зерини проблемаҳои экологӣ муайян карда шудаанд:

● **Тахриби сарватҳои табиат аз тарафи одамон.** Ба ин намуд истифодаи ғайриоқилонаи сарватҳои табиӣ: буридани ҷангал, эрозияи хок, биёбоншавии хушк, ифлосшавии гидросфера, литосфера ва атмосфера бо пасмондаҳои газҳои CO2, ҳодисаҳои туман дар болои ҳудуди шаҳрҳои калони саноатӣ ва маҳалҳои аҳолинишини ҳамсоя, борони кислота, партовҳои азим ва стихиявӣ, олудашавии захираҳои об бо нафт ва дигар моддаҳои зарарнок, дафни партовҳои радиоактив дохил мешаванд.

● **Бо газҳои зараровари кимиёвӣ ифлос кардани ҳаво аз тарафи одамон.** Ба ин ифлоскунандаҳо моддаҳои кимиёвӣ, фреонҳо, пеститсидҳо, офатҳои экологӣ дар корхонаҳои махсусан, хатарнок дохил мешаванд. Инчунин, ба ин намуд фалокатҳои табиӣ дар стансияҳои электрикии атомӣ, стансияҳои электрикии обӣ, сарбандҳо ва ғайра дохил мешаванд. Дар охири асри гузашта танҳо якчанд проблемаи асосии экологӣ мураттаб карда шуда буд. Масалан, гармшавии глобалӣ, баланд шудани сатҳи баҳр, обшавии пиряххо, ҳарорати ғайримуқаррарӣ дар тамоми фаслҳо, боришот, туршшавии захираҳои об, ифлосшавии захираҳои оби ҷаҳон, вайрон шудани қабати озони замин дар натиҷаи фатҳ намудани Кайҳон, ифлосшавии ҳаво, ифлосшавии хок, буридани ҷангал, биёбоншавӣ, борони кислота.



● **Проблемахои экологии ҷаҳони муосир.** Дар ҷаҳони муосир проблемаҳои экологӣ ба мушкилоти ҷиддӣ табдил ёфтаанд. Олимони табиатшинос ҳоло 13 проблемаи асосии экологиро муайян мекунанд. Масалан; **ифлосшавии ҳаво, об ва хок.** Фаъолияти инсон дар соҳаҳои гуногуни ҳаёт ба он оварда расонд, ки партовҳои он бояд ба об ва хок рехта шаванд. Ҳаворо одамон тавассути истифодаи миқдори зиёди мошинҳо ва истеҳсолоти саноатӣ ифлос мекунанд. Резиши нефт, инчунин, дигар моеъҳои заҳрнок олами набототу ҳайвоноти тамоми минтақаҳоро нобуд мекунанд. Резиши нафт обро барои шиноварӣ ва нӯшидан номувофиқ мегардонад ва ҳаёти баҳриро мекушад.

● **Гармшавии глобалӣ.** Партовҳои газҳои гулхонаӣ ва фаъолияти инсон ба тағйирёбии иқлим дар саросари ҷаҳон таъсир мерасонанд. Ҳар сол ҳарорати замин бештар гарм мешавад, ки ин боиси обшавии пиряххо, баланд шудани сатҳи об дар уқёнусҳо ва тағйирёбии шадиди иқлим дар саросари ҷаҳон мегардад. Бар асари гармшавии глобалӣ шаҳрҳо ба мисли Амстердам, Басра, Орлеани Нав ва Венетсия метавонанд аз рӯи замин нобуд шаванд. Ноҳиябандии иқлимӣ низ вайрон мешавад - минтақаи яххои абадӣ дар Россия таҳти таҳдид буда, аз сабаби обшавии пиряххо мавҷудияти он метавонад аз байн

равад. Нобуд шудани яххои абадӣ боиси оқибатҳои вазнинтар барои одамон — бедор шудани вирусҳо ва микроорганизмҳои қадим (вабо, сибир ва ғайра) мегардад.

● **Демография.** Тибқи маълумоти соли 2020, дар рӯи замин тақрибан 7,7 миллиард нафар аҳолӣ зиндагӣ мекард ва шумораи аҳолӣ рӯз ба рӯз бештар мегардад. Зиёдшавии аҳолӣ боиси кам шудани сарватҳои табиии замин мегардад. Ба 8 (ё зиёда) миллион нафар аҳолӣ оби тоза, сӯзишворӣ, озуқаворӣ намерасанд, ки ин боиси гуруснагии ҷаҳон мегардад.

● **Тамом шудани захираҳои табиӣ.** Азбаски инсон барои фаъолияти худ миқдори зиёди захираҳои табииро (нефт, газ, маъдан) истифода мебарад, бидуни дарёфти навъҳои нави манбаъҳои энергия, онҳо тамом мешаванд. Проблемаи партовҳо дар ҷаҳони муосир хеле шадид аст. Аз сабаби зиёд будани аҳолӣ дар сайёра партовҳо низ зиёданд. Корхонаҳои коркарди партовҳо на дар ҳама кишварҳо сохта шудаанд, аз ин рӯ бисёр кишварҳо партовҳои худро ба баҳру уқёнусҳо мепартоянд ва ҷамоатҳои наздикро заҳролуд мекунанд. Дар бобати коркарди партовҳо низ проблемаҳо мавҷуданд: баъзе навъҳои бастаро аз нав кор кардан мумкин нест. Масалан, партовҳои ядроиро. Зеро коркарди он барои саломатии инсон хеле хавфнок аст. Он метавонад ба нобудшавии тамоми намудҳои биологӣ, экосистемаҳо ва ғайра оварда расонад. Ғайр аз ин, шикорҳои браконерӣ, кофтукови территорияҳои нав, урбанизатия ба он оварда мерасонанд, ки бисёр намудҳои наботот ва ҳайвонот аз рӯи замин нобуд шаванд. Ҳамчунин, бисёр равандҳои биологӣ, масалан, равандҳои гардолудшавӣ низ вайрон мешаванд.

● **Дарахтбурӣ.** Дарахтон сарвати пурқимат мебошанд, зеро онҳо на танҳо ҳамчун масолеҳи бинокорӣ истифода мешаванд, балки оксиген ҳосил мекунанд. Ҷангалҳо хамагӣ 30 фоизи масоҳати умумии заминро ишғол мекунанд, шумораи онҳо сол то сол кам мешавад. Зеро дар баробари дарахтбурӣ сӯхтори ҷангалҳо низ ба назар мерасад.

● **Туршшавии обҳои уқёнус.** Гази оксиди карбоне, ки инсон хориҷ мекунад, обҳои уқёнусҳоро турш мекунад. Ба фикри олимон, то соли 2100 туршии уқёнус 150 фоизро ташкил медиҳад, ки ин боиси нобуд шудани ҳамаи моллюскаҳо ва планктон мегардад, тадриҷан қабати озони замин мепӯсад. Газҳои ихроҷшуда ва ифлосшавии ҳаво бо моддаҳои вазнини химиявӣ дар қабати озонии атмосфера «сӯрохиҳоро» ба вуҷуд меоваранд. Қабати озон барои мавҷудияти инсон ниҳоят муҳим аст: он таъсири зараровари нури офтоб ва радиатсияи офтобиро ҷилавгирӣ мекунад. Сӯрохиҳо асосан дар қабати озони замин пайдо мешаванд, ки яке аз калонтаринҳояшон баҳорон дар болои Антарктида ба мушоҳида мерасад.

● **Нарасидани оби тоза.** Проблемаҳои зиёд будани ахолӣ, инчунин, ифлосшавии об мавҷуд будани оби тозаро барои ҳамаи одамони сайёра зери шубҳа мегузорад. Инсон то ҳол технологияеро ихтироъ накардааст, ки оби шӯрро ба оби тоза коркард карда тавонад, бинобар ин проблемаи нарасидани оби ошомиданӣ хеле басе нигаронкунанда аст.

● **Урбанизатсия.** Якчанд аср пеш урбанизатсия муҳим ва зарур буд, аммо дар ҷаҳони муосир шаҳрҳо минтақаҳои барои кишоварзӣ мувофиқро ишғол мекунанд. Дар ин ҳолат ҳайвонот ва наботот аз макони муқаррарии худ маҷбуран ронда мешаванд. Инчунин, нашъунамои шаҳрҳо боиси хароб шудани деҳаю қишлоқ мегардад, зеро ҷавонон дар зодгоҳашон намонда, ба шаҳрҳо мераванд, то ки барои амалӣ гардондани орзуву мақсадҳояшон бештар имконият пайдо кунанд.

● **Борони кислота.** Ифлосшавии атмосфера боиси дар атмосфера пайдо шудани борони кислота (боришҳое, ки моддаҳои заҳрнок доранд) мегардад. Одатан, онҳо ҳангоми фаъолияти вулканӣ, ҳангоми сӯхтани сӯзишвории истихроҷшуда, инчунин, дар натиҷаи пӯсидани растаниҳо (ба атмосфера баровардани гази оксиди сулфур ва оксиди нитроген) ба вуҷуд меоянд. Мушкилоти экологӣ боиси мушкилоти саломатӣ мегардад. Ифлосшавии об, хок ва ҳаво на танҳо ба сайёра, балки ба саломатии инсон ҳам зарар мерасонад. Сатҳи зиндагии одамон аз сабаби ифлосшавии муҳити зист паст мешавад. Бе саломатӣ зиндагӣ кардан ғайриимкон аст, махсусан, вақте ки дуди ғафси саноат ё сӯхтори ҷангал дар болои шаҳри шумо овезон мешавад ва гармшавии глобалӣ ба паҳншавии фаъоли бемориҳои сироятӣ мусоидат мекунад.

● **Дунёро зер кардани партови пластикӣ.** Мо ва сайёраи моро оҳиста-оҳиста партовҳои пластикӣ нобуд месозад!

Дар уқёнусҳо, ҷаҳон аллакай 13 миллион тонна партов шино мекунанд ва шиками 90% парандаи баҳрӣ аз партовҳои пластикӣ пур шудааст ва дар натиҷа моҳӣ, ҳайвоноти нодир ва сангпуштҳо мемиранд. Аз 500 ҳазор албатросе, ки дар як сол таваллуд мешавад, зиёда аз 200 ҳазорашон аз беобӣ ва гуруснагӣ мемиранд. Парандагони пиртар партовҳои пластикиро

ғизо фикр карда, ба чӯҷаҳои худ медиҳанд. Дар натиҷа, шиками парандагон аз партовҳои пластикӣ банд мешавад. Сарпӯшҳои шиша, ки истеҳсолкунандагон ба онҳо нӯшокиҳои газдорро ба осонӣ мерезанд, халтаҳое, ки дар онҳо ба хона ду помидор овардем ва фикр накарда, ба партов партофтем, моддаҳои кимиёвие, ки дар истеҳсоли зарфҳои якдафъаина истифода мешаванд, обҳои зеризаминиро заҳролуд карда, на танҳо ба ҳайвонот ва парандагон, балки ба инсон низ зарари худро мерасонад. Мо бо худамон дар ҷанг ҳастем ва ин ҷангро танҳо тавассути истеъмоли бошуурона, бо назорати қатъии ҳаҷми истеҳсоли пластмасса ва дастгирии давлат ба корхонаҳое, ки ба коркарди он машғуланд, бурд кардан мумкин аст. Маводи аҷиб аст пластик. Онро барои сохтани пиёла, зарф барои нӯшокӣ, халтаҳо, мебел ва ҳатто, қисмҳои мошин истифода мебаранд. Қариб ҳама чизе, ки мо дар ҳаёти ҳаррӯза дучор мешавем, аз пластик сохта шудаанд. Мушкилоти асосӣ дар он аст, ки 40 дарсади партовҳои маишӣ пластмассаи як бор истифодашавандаанд. Он ҳаёти моро осон ва қулай мекунад, вале барои сайёра оқибатҳои ислоҳнашаванда дорад. Муҳлати хидматрасонии як халтаи пластикӣ 12 дақиқаро ташкил медиҳад ва то пурра пӯсидани он ҳамчун партов беш аз 400 сол мегузарад. То ҳол ягон давлат наметавонад аз пластик комилан даст кашад. Барои ин, мо бояд дар хосиятҳои он маводи алтернативӣ пайдо кунем, ки ба муҳити зист таҳдид накунад. Ғайр аз ин, ҷустуҷӯйи он дароз ва гарон аст. Аммо бисёр мамлакатҳо аллакай ба муқобили бастабандии якбора мубориза бурданро сар кардаанд. Дар миёни кишварҳое, ки аз халтаҳои пластикӣ даст кашидаанд, Гурҷистон, Италия, Олмон, Фаронса, Ӯзбекистон, Кения ва беш аз 70 кишвари дигар мавқеи назаррас доранд. Дар Латвия мағозаҳое, ки ба муштариёни худ халтаҳои якдафъаина пешниҳод мекунанд, андози иловагӣ месупоранд. Истеҳсоли пластмассаро як шабонарӯз бас кардан мумкин нест. Ба гуфтаи Михаил Бабенко, мудири барномаи "Иқтисоди сабз" дар Хазинаи ҷаҳонии табиати ваҳшӣ (WWF), ин равиш метавонад ба иқлими ҷаҳонӣ осеб расонад, зеро гази нафти ҳамроҳ барои тавлиди пластикӣ истифода мешавад. Агар ин раванд қатъ карда шавад, газро танҳо сӯзондан лозим меояд. Ба ақидаи ӯ, масъалаи истеъмоли беназорати пластмассаро танҳо дар сурати муносибати ҳамаҷониба, дар чанд марҳала ба проблема ҳал кардан мумкин аст.

● **Имрӯз чӣ кор кардан мумкин аст?**

Рафъи мушкилоти ифлосшавии пластикӣ дар сайёра ба мушкилоти ҷаҳонӣ мубаддал гаштааст. Экологҳо на танҳо вазъиятро таҳлил мекунанд, балки роҳҳои ҳалли онро ҷустуҷӯ мекунанд. Бисёр кишварҳо аллакай ба коркарди фаъолонаи пластикӣ шуруъ кардаанд ва дар сатҳи давлатӣ коҳиши истеъмоли он ва ҷудокунии партовҳоро назорат мекунанд. Аммо ману шумо бояд чӣ кор кунем? Барои саҳм гузоштан ба некуаҳволии сайёра аз куҷо оғоз кардан лозим аст?

Одатҳои истеъмолии худро тайғир додан ва хариди бошуурона, тадриҷан даст кашидан аз пластикаи яквақта, иваз кардани он бо пластики такрорӣ ё вариантҳои алтернативӣ зарур аст.

**Шумо метавонед, бо қадамҳои одӣ оғоз кунед:**

✓ Ҳамеша бояд бо худ халтаҳои латтагин ва ё бисёркарата дошта бошед ва дар мағоза розӣ нашавед, ки хазиначӣ аз шумо барои харидани пакет хоҳиш кунад ва хушмуомилона фаҳмонда диҳед, ки чаро ин барои шумо қобили қабул нест.

✓ Мағозаҳоеро интихоб кунед, ки дар касса тарозуи ғизоро бидуни тамғаҳои часпак нархгузорӣ мекунанд.

✓ Аз маводи таблиғотӣ ва атрибутҳои пластикие, ки дар хазина ройгон пешниҳод карда мешаванд, даст кашед.

✓ Кӯшиш кунед, то ба дигарон фаҳмонед, ки чаро аз ҳозир даст кашидан аз бастаи якдафъаина муҳим аст.

✓ Барои нӯшокиҳо зарфҳои пластикӣ ё коххоро истифода набаред.

✓ Партовҳоро ҷудо кунед, харитаи қабули пластикиро дар шаҳри худ омӯзед.

✓ Бо кам шудани истеъмоли пластмасса корпоратсияҳо маҷбур мешаванд, ки миқёси истеҳсол ва фурӯши онро кам кунанд.

Маҳз истеъмоли бошууронаи ҳар як сокини сайёра дар ҳалли фалокати глобалии экологӣ пешрафт хоҳад кард.

● **Сабабҳои пайдо шудани проблемаҳои глобалӣ.** Сабабҳои камшавии захираҳои замин аз ҳад зиёд будани аҳолии сайёра ва ҳар сол афзудани истеъмол мебошад. Охир, дар навбати худ, бо тараққиёти ҳамаи соҳаҳои саноат: сохтмон, энергетика, озуқаворӣ ва ғайра алоқаманд аст. Нобудшавии ҷангалҳо боиси нобудшавӣ ва нобудшавии экосистемаҳо

ва рушди кишоварзӣ ба камшавӣ ва эрозияи замин оварда мерасонад. Инчунин, бинобар фаъолияти антропогенӣ, захираҳои сайёра - дар навбати аввал об - олуда мешаванд.

● **Роҳҳои ҳалли масъала.** Барои ҳалли мушкилоти камшавии захираҳои табиӣ бисёр кишварҳо ба истифодаи манбаъҳои барқароршаванда ва устувори энергия: энергияи офтоб, шамол ва об мегузаранд. Барои маҳдуд кардани ҷангалҳо барномаҳо таҳия карда мешаванд ва истеҳсолкунандагони нафт усулҳои истеҳсоли камро ҷорӣ мекунанд. Барномаҳо барои ҳифзи ботлоқзорҳо ва экосистемаҳои соҳилӣ барои нигоҳ доштани гуногунии биологӣ ва захираҳои об таҳия карда мешаванд.

Ғайр аз ин, ҳар яки мо худамон метавонем, интихоб кунем, то аз кадом ҷиҳат ба муҳити зист таъсир расонем. Зеро қариб ҳамаи проблемаҳое, ки дар боло зикр карда шудаанд, аз дасти худи мо пайдо шудаанд. Агар мо ҳама якҷо шуда, баҳри зиндагӣ ва сайёраи худамон мубориза барем, метавонем ҳамаашро паси сар кунем. Пас, биёед, кӯшиш кунем, то ҳар рӯз барои сайёраамон ҳадди ақал 1 фоида биерем. Аз замин хам шуда партов гирифтан, дар кӯчаҳои шаҳр урнаҳо ташкил кардан ва монанди инҳо бисёр корҳои одиянд, вале онҳо метавонанд инсон ва муҳити зисти ӯро аз нобудшавӣ эмин нигоҳ доранд.

# ДАЪВАТ

## ТАРҒИБИ ОБУНА

**Муштариёни азиз!**

Оё медонед?

Муҳтавои маҷаллаи «Маорифи Тоҷикистон» дархӯри фаъолияти тамоми муассисаҳои соҳаи илму маориф ва онҳоест, ки дар роҳбарӣ, касбият, усули кор дар таълим, тарбия, рушди истеъдод, такмили ихтисос, таҳсилоти иловагӣ, назорати дохилимактабӣ, робита бо оила ва ҷомеа, иттиҳодияҳои методӣ ва даҳҳо паҳлуҳои дигари илму маориф ба маслиҳат ниёз доранд, таҷрибаи худро муаррифӣ кардан мехоҳанд ва ҳадафашон як аст: **ШИНОХТАНИ МАҚОМИ МАОРИФ ЧУН ОМИЛИ АМНИЯТИ МИЛЛӢ**




Вақте маҷаллаи моро ба даст гирифтед, ба саҳифаҳои он ҷиддӣ назар кардед, андеша, пешниҳод, таҳлил, фикри бикре дар робита ба муҳтавои он манзури алоқа-мандон гардондед, ҳатман интизор бошед:

- маорифи кишвар рушд мекунад;
- сифати таҳсилот боло меравад;
- сатҳи касбияти омӯзгор беҳтар мегардад;
- идеологияи миллӣ шакли комил мегирад;
- маърифати ҷомеа такмил меёбад...

Пас, биштобед, то аз манфиатҳои маҳаллаи «Маорифи Тоҷикистон» баҳра баред. Обуна шудан ба маҷалла шарти муҳимми расидан ба ҳадафҳост.

Нархи солонаи обуна барои соли 2024 дар идора (ё тариқи суратҳисоб) 170 сомонӣ бо назардошти хизматрасонист.

**«Маорифи Тоҷикистон» аз шумо ва барои шумост!**